**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**УДК: 63 (575.3) 09** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ИСУФОВ ШЕРДИЛ ВАТАНОВИЧ**

# ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (1941 – 1945)

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси**
**6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент Сайнаков С.П.**

**КӮЛОБ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ........................................................................ 3**

**БОБИ 1. САФАРБАРКУНИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ ................................ 21**

1.1.Вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ...... 21

1.2. Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ.......................................................................................... 41

1.3. Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ............................................................................. 54

**БОБИ 2. САҲМИ КИШОВАРЗОНИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ БАРОИ ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ................................................ 70**

2.1. Муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа ............................................................................................... 70

2.2. Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 89

2.3. Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ............................................................................................ 122

**ХУЛОСА ........................................................................................... 147**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ........................................................................ 155**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ

ҶШСТ - Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ Тоҷикистон

АИ ҶТ - Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПМТ - Пойгоҳи мошину тракторӣ

КМ ҲК(б) - Кумитаи марказии Ҳизби коммунистӣ(болшевикӣ)

КМ ҲКИШ - Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ

ШКХ - Шӯрои комисарони халқӣ

ҶБВ - Ҷанги Бузурги Ватанӣ

ИШ - Иттиҳоди Шӯравӣ

КРЗ - Коркарди рафиқонаи замин

МТФ - хоҷагиҳои ширӣ

ҲКУ(б) - Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқ (болшевикон)

ИУЛКҶ(ВЛКСМ) - Иттифоқи умумишӯравии ленинии комунистии ҷавонон

ВМКБ - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

МЗҲХ - мудофиаи зиддиҳавоӣ ва химиявӣ

БДТН ҶТ - Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон

БДВХМК - Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб

сент. - сентнер

кг. - килограмм

т. - тонна

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар таърихи инсоният Ҷанги дуюми ҷаҳон аз нигоҳи миқёс, шумораи қурбониён, харобиҳо ва оқибатҳои фалокатовар бузургтарин ва хунинтарин задухӯрди мусаллаҳона ба ҳисоб меравад. Ғалаба бар Германияи фашистӣ бо ҷидду ҷаҳди ҳамаи халқҳои ИҶШС ба даст омад. Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон қариб 300 ҳазор нафар сокинон даъват шуда, зиёда аз 90 ҳазор нафари онҳо аз майдони ҷанг барнагаштанд.

Ғалабаи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, асосан, роҳиояндаи тараққиёти ҷаҳонии баъд аз ҷангро муайян кард. Ин ҷанг яке аз озмоишҳои сахттарин буд, ки то ин дам аз ҷониби башарият таҷриба нашуда буд. Бинобар ин, Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар таърихи Ҷумҳурии мо низ яке аз рӯйдодҳои махсус маҳсуб мешавад, ки дар он шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ҷабҳаҳои ҷангӣ ва ҳам дар ақибгоҳ баҳри ғалаба саҳми бузург гузоштаанд. Аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷанг сарфарбар гардиданд, ки аз худ ҷасорату мардонагӣ ва қаҳрамониҳои бемисл нишон доданд[1].

Дар ин баробар ҳазорҳо нафар аз қаҳрамонони дигар барои таъмини артиш ва аҳолӣ бо озуқаворӣ ва дигар ашёҳои ба онҳо зарур шабонарӯзӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва саҳроҳои колхозӣ фидокорона меҳнат кардаанд, ки ин қаҳрамонӣ ва шуҷоати онҳо ниёз ба таҳқиқ ва омӯзиш дорад.

Омӯзиши таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши хоҷагии қишлоқ дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди эҳё ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ дар замони муосир аҳамияти бузург дорад.

Аҳамияти омӯзишии мавзуъ дар он зоҳир мегардад:

---

[1]Фролов В.В. Куляб: (Путеводитель). - Душанбе: Ирфон, 1983. - С.24.

**якум,** то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад;

**дуюм,** таҳқиқ ва инъикос намудани қаҳрамонии сокинони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ амри зарурӣ буда, он бояд дар хотири насли имрӯзу оянда пос нигоҳ дошта шавад;

**сеюм,** таҳқиқ ва инъикоси хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳиммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқро боз ҳам муайян мекунад;

**чорум,** омӯзиши таҷрибаи фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар шароити шадиди замони ҷанг, метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои гуногуни навоварӣ ва сониян, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ хизмат намояд;

**панҷум,** солҳои охир бо сабаби тағйир ёфтани мувозинати геосиёсии дунё баъди аз байн рафтани ИҶШС ва низоми сотсиалистии ҷаҳон аз ҷониби муаррихони Ғарб андешаҳои ғайриилмӣ-таърихӣ пайдо шуда, онҳо нисбат ба шуҷоат ва қаҳрамониҳои халқҳои Шӯравӣ, саҳми арзандаи онҳо дар таъмини ғалаба бар фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бо шубҳа менигаранд ва дар асарҳо ва мақолаҳои худ фактҳои далелнопазирро инкор намуда, кӯшиш менамоянд, ки саҳми асосии халқҳои Шӯравиро дар ғалаба паст нишон диҳанд. Аз ин лиҳоз, ҳар як сарчашмаи нав, хусусан, аз минтақаҳо, ноҳияҳои дурдаст, ҳаёти ҳамарӯзаи душвори ҳар як сокини Тоҷикистон бо факту далелҳо исботи таърихии воқеии ин ҷараён шуда метавонад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур барои истифодабарӣ аз таҷрибаи таърихӣ дар интихоби роҳи дурусти рушд, рафъи буҳрон дар бахши

хоҷагии халқи кишвар ва дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии насли имрӯза ва оянда бениҳоят зарур аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 77 сол мешавад, ки идома дорад. Дар ин муддат асарҳои зиёди илмӣ, илмӣ-оммавӣ, мақолаҳои зиёде чоп гардидааст, ки дар ҳар як таҳқиқоти нав муаррихон далелҳои навро ошкор намуда, корҳои қаблан нашршудаиро пурра мекунанд. Мувофиқи нигоштаи муҳаққиқи таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Сечкина Л.П., то соли 1989 доир ба таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 20 ҳазор монография, китобча ва мақолаҳо чоп шудааст, ки дар онҳо корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ инъикос ёфтааст[1].

Корномаи қаҳрамононаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷабҳа ва ақибгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асарҳои таърихнигорони ватанию хориҷӣ зикр гардидааст, ки дар онҳо муаллифон ҳамаҷониба хизматҳои мардуми Тоҷикистонро дар ғалаба алайҳи Германияи фашистӣ ба хонанда нишон медиҳанд.

Вале, сарфи назар аз таҳқиқоти анҷомдодашуда, доир ба таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми соҳаи кишоварзӣ ва меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст.

Таърихнигории ин мавзуъ дар худи солҳои ҷанг оғоз ёфт. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки таърихнигории масъаларо ба ду давра: 1) давраи шӯравӣ аз соли 1941 то соли 1990 ва 2) давраи соҳибистиқлолӣ аз соли 1991 инҷониб тақсим намоем.

**Дар марҳилаи аввал,** ки солҳои 1941 то 1990-ро дар бар мегирад, олимони ватанию хориҷӣ барои ҷамъоварии мавод аз бойгонӣ ва нашрияҳои чопӣ ва ҳикояҳои шоҳидонро коркард карда, ба гардиши илмӣ ворид намудаанд. Оғози таърихнигориро дар ин давра асарҳое гузоштанд, ки аллакай дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ нашр шудаанд. Муаллифони

---

[1]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945. - Душанбе: Дониш, 1989. - С.4.

онҳо, асосан, дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ ва шӯравӣ кор мекарданд, ки маводҳои лозимиро оид ба таърихи кишоварзӣ дар ин давра муайян ва ҷамъ оварда, тахкурсии таърихнигории онро гузоштанд. Аммо дар маводҳои нашршуда, диққати асосӣ ба кор, ташкили оқилонаи меҳнат дар колхозҳо, тарғиб кардани таҷрибаи кори пешқадамони колхозчиён ва иштирок кардан дар мусобиқаҳои сотиалистӣ дода мешуд. Мушкилоти вазъи кормандони ақибгоҳро, албатта, кам нишон медоданд.

Чуноне ишора шуд, дар солҳои ҷанг аввалин китобчаҳо ва мақолаҳои таблиғотӣ ва амалӣ чоп мешуданд. Пеш аз ҳама, инҳо фармонҳо, суханрониҳо, мусоҳибаҳо ва гузоришҳои И. Сталин буданд, ки бо шумораҳои зиёд нашр мешудаанд. Дар байни онҳо китоби “Дар бораи Ҷанги Бузурги Ватании Иттиҳоди Шӯравӣ”[1] ҷои асосиро ишғол мекард. Вале соли 1942 аввалин маҷмӯаи мақолаҳо ва баромадҳои М.И. Калинин[2], ки вазъияти ақибгоҳ ва қаҳрамонии меҳнатии деҳқонони шӯравиро инъикос мекард, аз чоп баромад. Маводи дигари пурарзиши иттилоотӣ ва тавсияҳои амалӣ, мақолаҳои сершумори муовини Комиссари халқии кишоварзии ИҶШС И. Бенедиктов[3] мебошад, ки дар ин маълумот бештар ба пешрафти корҳои саҳроӣ дар деҳот, таҳияи сиёсати кишоварзиро дар марҳилаҳои гуногуни ҷанг инъикос намудааст. Дар таърихнигории давраи ҷангӣ аксар муҳаққиқони ватанӣ низ дар бораи мушкилоти иқтисодии давраи ҷанг дар Тоҷикистон мақолаҳо ва асарҳои илмӣ-оммавӣ ба нашр расониданд, ки хусусияти истеҳсолоти кишоварзиро дар Тоҷикистон инъикос намудаанд[4].

---

[1]Сталин И. О Великой Отечественной войне Советского Союза. Издание третие. – Москва, 1942.
[2]Калинин М.И.Все силы для фронта Все для победы. Статьии речи. – Москва, 1942.
[3]Бенедиктов И. О задачах МТС и колхозов в Отечественной войне. - Большевик. 1942. №1. С.53-58,.Его же. Задачи социалистического сельского хозяйства в 1943 - Большевик. 1943. №5. С. 5-15, Его же. О задачах сельского хозяйства в 1944 году. - Большевик. 1944 №5. С.32-39, Его же. Заботливо растить военный урожай - Блокнот агитатора. 1944. №15. С. 1-22.
[4]Гафуров Б. Из опыта пропагандистской и агитационной работы в Таджикской ССР. Пропагандист. 1943. №18; Гафуров Б., Прохоров Н. Таджикскии народ в борьбе засвободу и независимость своей Родины. - Сталинабад, 1944.

Арзиши кори давраи ҷангии муҳаққиқон аз он иборат буд, ки онҳо самтҳои мушаххаси омӯзиши вазъи кишоварзиро дар шароити ҷанг кашф ва замина гузоштанд, ки ин имкон дод наслҳои баъдӣ - олимон инро идома диҳанд.

Бо анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ омӯзиши рушди соҳаи кишоварзӣ дар давраи ҷангӣ ба охир нарасида, идома дошт. Муаллифон дар солҳои баъдиҷангӣ ба таткиқи соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ даст заданд, ки ҳолати воқеии ҷангро ба наслҳои имрӯза бо мисолҳо, бо ҷалби маълумоти оморӣ, ки ба соҳаи кишоварзии замони ҷанг алоқамананданд, шинос менамоянд.

Анҷоми воқеаҳои ҷанг барои таҳқиқ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтани иштироки намояндагони миллати тоҷик дар ҷабҳаҳои ҷангӣ ва ақибгоҳ барои муаррихони тоҷик имконияти нав фароҳам овард. Дар ин марҳилла як қатор рисолаҳои илмӣ аз ҷониби муаррихони ватанӣ, аз қабили Қобилов А.[1], Рустамов А.[2], Усмонов Д.[3], Турсунов А.[4], Раҳмонов М.[5], Усмонов У.[6], Б. Шокиров.[7], Пак Н.[8], Шарифов Ч.[9], Шарипов Х.[10],

[1]Кабилов А.Я. Партийная организация Таджикистана в годы Великой Отечественной войны Советского Союза. -Дисс. канд. ист. наук. -М.,1953

[2]Рустамов А. Таджикский народ в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.). -Дисс. канд. ист. наук. -Сталинабад, 1954.

[3]Усмонов Дж. Героический труд таджикского народа в годы Великой Отечественной войны. Дисс. канд. ист. наук. Сталинабад, 1955.

[4]Турсунов А. Комсомол Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Дисс. канд. ист. наук. - Москва, 1956.

[5]Рахмонов М. Организаторская и политическая деятельность Компартии Таджикистана в период Великой Отечественной войны. Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 1965.

[6]Усмонов У. Идейно-политическая работа Коммпартии Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Дисс. канд. ист. наук. - Фрунзе, 1971.

[7]Шакиров Б. Деятельность Кулябской парторганизации по организационно-хозяйственному укреплению колхозов (1946 - 1955 гг.), диссерт. к. и. н. - Душанбе, 1975, 212 с.

[8]Пак Н.П. Деятельность Советов депутатов трудящихся Таджикистана по укреплению тыла и оказанию помощи фронту в годы Великой Отечественной войны. Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 1974.

[9]Шарифов Ч. Инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар насри бадеии тоҷик (солҳои 1941 - 1957), рисол. номз. илми филология. -Душанбе, 1970. -251 с.

[10]Шарипов Х. А. Участие воинов Ленинабадской области на фронтах Великой Отечественной войны (1941 - 1945 гг.). Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 1989. -223 с.

Сечкина Л[1]. ва бисёр дигарон бомуваффақият дифоъ карда шуданд. Дар ин рисолаҳои илмӣ самтҳои асосии рушди Тоҷикистон дар солҳои ҷанг вазъи ақибгоҳ, фаъолияти ҳизби коммунистӣ ва корнамоиҳои тоҷикон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ омӯхта шудаанд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ олимон асарҳои илмии гуногунеро, ки ба давраҳои мухталифи таърихи хоҷагии қишлоқ дар солҳои ҷанг бахшида шудаанд, эъҷод намуданд, ки дар онҳо муаллифон барои муайян кардани дараҷаи омӯзиши масълаҳои хоҷагии қишлоқ кушиш ба харҷ додаанд. Ба ин татқиқотҳо монографияҳои коллективӣ ва китобҳои дарсии таърихи ИҶШС ва таърихи Тоҷикистони шӯравӣ шомил мебошанд[2].

Ғайр аз ин, дар ин давра як қатор мақолаҳо, монографияҳо ва китобҳо дастрас гардиданд, ки дар онҳо қисман баъзе ҷанбаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун мавзуи омӯзиш ба хонанда пешниҳод шудааст. Масалан, дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ Масов Р., Сечкина Л.П., Пак Н., Искандаров Б., Рустамов А., Абулҳаев Р., Мухторова Г.А., Шералиев М., Шукуров М.Р., Зикриёев Ф.Б.[3] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни иштироки фаъолонаи халқи тоҷикро

---

[1]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны. (1941-1945 гг.). Дисс. докт. ист. наук. Алмаата, 1988.

[2]История Великой Отечественной войны Советского Союза 1941-1945 гг. - М. 1965; История Таджикской ССР.- Душанбе: Маориф,1983; История таджикского народа т.3.- Кн. 2 (1938 – 1963гг.). - М.: Наука, 1965; История таджикского народа. - Т. 5. –Душанбе, 2004; История рабочего класса Таджикистана (1917-1970 гг.).- Т.1-2.- Душанбе: Дониш, 1972-1973; Историография советского тыла периода Великой Отечественной войны: Сб. статей.- М.,1976; История Великой Отечественной войны Советского Союза (1941-1945 гг.). - Т. 1.- М., 1960; - Т. 2.- М., 1960. - Т. 3. -М., 1961; - Т. 4. - М., 1962; - Т. 5. - М., 1963; - Т. 6. - М., 1965; История Коммунистической партии Советского Союза. - Т. 5. Кн. 1. - М., 1970; История СССР. - Т. X. - М., 1973.

[3]Масов Р. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (Историографической обзор) //Советский Таджикистан в Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе-1975; Искандаров Б., Рустамов А. Подвиги воинов Таджикистана на фронтах Великой Отечественной вайны Советского Союза //Материалы к истории таджикского народа в советский период. -Сталинабад, 1954; Сечкина Л.П. Вклад таджикского народа в пабеду над фашистской Германией //Советский Таджикистан в Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе, 1975; Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной война.1941-1945. - Душанбе: Дониш, 1989; Сечкина Л.П. Боевоя доблесть посланцев Кулябской области на фронтах Великой Отечественной война //История и культура Куляба (прошлое и настоящее). Тезис научно-практической конференции (г. Куляб, 17-20 марта 1988 г.). – Куляб, 1988. – С.68-70; Пак Н.П.Советы

дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, чи дар ҷабҳаи ҳарбӣ ва чи дар ақибгоҳ инъикос намудаанд. Дар онҳо маълумотҳо оид ба саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб қисман оварда шудааст.

Оид ба саҳми минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон, аз ҷумла, ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон аз ҷониби Ч. Шарифов[1] ва Х. Шарипов[2] рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст. Аммо дар онҳо соҳаҳои алоҳидаи вилояти Ленинобод (ҳозира вилояти Суғд) таҳқиқ гардидааст, зеро мақсади омӯзиш бо ин соҳаҳо маҳдуд гардида буд ва, аз ин лиҳоз, соҳаи кишоварзӣ берун аз диққати муаррихон мондааст.

Доир ба фаъолияти мақомот ва ташкилоти ҳизбии вилояти Кӯлоб ва саҳми онҳо дар корҳои ташкилӣ-хоҷагӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар рисолаи номзадии Б. Шокиров[3] маълумотҳои зиёде оварда шудааст, вале тавре омӯзиши ин рисола нишон медиҳад, дар таҳқиқоти муаллиф танҳо бо инъикоси фаъолияти ташкилоту корхонаҳои ҳизбӣ маҳдуд гаштааст. Ба чунин мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ рисолаи С. Тошхуҷаев[4] низ мисол шуда метавонад, ки муаррих дар рисолаи худ фаъолияти мақомот ва ташкилоти ҳизбии ВМБК-ро таҳқиқ намудааст.

Оид ба ҳолати рушди хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар солҳои ҷанг ва вазъи ақибгоҳ дар Тоҷикистон, дар як қатор китобҳое, ки аз тарафи

---

Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. – Душанбе, 1985., Мухтарова Г.А. Колхозницы Таджикистана фронту //Изв. АН Тадж. ССР. Отд. Обществ, наук. - 1973; Шералиев М. Компартии Таджикистана среди трудящихся масс в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). – Душанбе, 1984; Он же. Идеологическая работа в годы Великой Отечественной войны. – Душанбе, Дониш, 1985; Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе: Ирфон, 1985; Зикриёев Ф.Б Баҳри ҳаёти осоишта. - Душанбе: Ирфон, 1970; Абулҳаев Р. Развитие ирригации и освоение новых земель в Таджикистане. - Душанбе, 1988;

[1] Шарифов Ч. Инъикоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар насри бадеии тоҷик (солҳои 1941 - 1957), рисол. номз. илми филология. - Душанбе, 1970. -251 с.

[2] Шарипов Х. А. Участие воинов Ленинабадской области на фронтах Великой Отечественной войны (1941 - 1945 гг.). Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 1989. -223 с.

[3] Шакиров Б. Деятельность Кулябской парторганизации по организационно - хозяйственному укреплению колхозов (1946 - 1955 гг.). Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 1975. -212 с.

[4] Ташхужаев С. Деятельность парторганизации ГБАО в период построение социализма. Дисс. канд. ист. наук. -Душанбе, 1965. -305 с.

муҳаққиқони шуъбаи таърихи ҷомеаи шӯравии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ бо иштироки олимони дигар мактабҳои олии ҷумҳурӣ хулосабарорӣ карда шудааст, муайян карда мешавад. Инчунин, дар маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ва маводҳое, ки аз ҷониби ходимони Бойгонии марказии давлатии ҶШС Тоҷикистон, Институти таърихи ҳизби назди КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон ва Институти таърихи АИ ҶШС Тоҷикистон тартиб дода шудааст, таърихи ташаккулёбӣ ва рушди хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар бобҳо ва ё зербобҳои алоҳида дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ пурраву мукаммал нишон дода мешавад[1]. Дар ин асарҳо муаллифон дар қатори дигар минтақаҳои Тоҷикистон, қисман вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлобро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ тавсиф намудаанд.

**Марҳилаи дувум,** давраи соҳибистиқлолӣ аз соли 1991 то имрӯзро дар бар мегирад, ки дар ин давра низ даҳҳо асарҳо бахшида ба таърихи давраи Ҷанги Бузурги Ватании Тоҷикистон аз чоп баромаданд. Вале, дар ин марҳила низ муаррихон масъалаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро пурра таҳқиқ накардаанд. Сониян, дар партави равиши нав ба омӯзиши таърих, вақте ки таъсири ғоявӣ ба баҳодиҳии рӯйдодҳои мушаххаси таърихӣ вуҷуд надорад, равандҳои демократӣ дар Тоҷикистон барои баҳодиҳии ҳодисаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ имконияти нави объективиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа, имкони омӯзиши ҳуҷҷатҳои нави бойгонии қаблан дастнорас пайдо шуданд, ки ба шарофати онҳо далелҳое, ки пеш ба мо номаълум буданд, дастрас

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985; Из истории культурного строительства в Таджикистане. 1941-1960 **гг.**Том 2. -Душанбе, 1972; Из истории совхозного строительства в Таджиикской ССР (1929-1970 гг.). (Сб. документов и мат-лов). - Душанбе, 1989; Очерки истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.). - Душанбе, 1968; Очерк истории народного хозяйства в Таджикистана (1917-1965 гг.). Под редакцией Назрикулова И.К., Саидмуродова Х.С., КурцераГ.Я. - Душанбе, 1967; Очерк по истории Советского Бадахшона. Редкол: Масов Р.М. (от вред.) и др. - Душанбе, 1981.; Очерки истории Компартии Таджикистана. - Душанбе, 1964; Очеркҳои таърихи Партияи Комунистии Тоҷикистон (нашри дуюм). - Душанбе, 1969; Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе, 1980;

гардиданд. Имрӯз муаррихони тоҷик имкон доранд, ки ба омӯзиши далелҳои нави таърихӣ таърихи Тоҷикистонро пурра намоянд.

Бо ин мақсад дар ин марҳила муҳаққиқони тоҷик як қатор таҳқиқоти арзишманди илмӣ оид ба таърихи Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ анҷом дода, аз ҷумла, Қараев Ф.[1], Ашрапова С.[2], Бобохонов М.[3], Зикриёева М.[4], Одинаев А.[5], Раҳимов С.[6], Саидасанов Ю.[7], Алимов Д.[8] ва бисёр дигарон бомуваффақият рисолаои худро дифоъ кардаанд. Дар рисолаҳои илмии болозикр баъзе ҷанбаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва корнамоиҳои меҳнатии меҳнаткашони вилояти Кӯлоб қисман баррасӣ, таҳлил ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ин давра як қатор мақолаҳо, монографияҳо низ навишта шуданд, ки дар онҳо қисман баъзе ҷанбаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун мавзуи омӯзиш ба хонанда пешниҳод шудааст. Масалан, дар таҳқиқотҳои Убайдулло Н.К., Пирумшо Ҳ., Ҳотамов Н.Б., Абулҳаев Р., Абдурашитов Ф., Ғафуров А., Абдуназаров Х., Абдуллоев М., Сафаров Қ., Юнусов С.С., Алимов Д.Х., Шарифов Д.[9] ва дигарон паҳлуҳои гуногуни иштироки фаъолонаи

---

[1]Караев Ф.К. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны в исторической литературе 60-80 гг. XX века. Дисс...канд. ист. наук. - Душанбе, 2003.

[2]Ашрапова С.Т. Освещение вклада женщин Таджикистана в победу Великой Отечественной войны на страницах периодических изданий. Дисс... канд. ист. наук. - Душанбе, 2003.

[3]Бобохонов. М. Трудные и ратные подвиги учителей Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). Дисс... канд. ист. наук. - Душанбе, 1993.

[4]Зикриеева М.Ф. Историография проблемы женщин Таджикистана. Дисс... докт. ист. наук. - Душанбе, 2001.

[5]Одинаев А. Научная и творческая интеллигенция Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 2013.

[6]Рахимов С. Деятельность Коммунистической партии Таджикистана по мобилизации всех материальных и духовных сил республики на разгром немецко-фашистский захватчиков в годы Великой Отечественной войны Советского Союза (июнь 1941-1945гг.). - Душанбе, 1991.

[7]Саидасанов Ю.Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). Дис. кан. ист. наук. - Хорог, 2011.

[8]Алимов Д. Хатлонская область Республики Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (1941–1945 гг.). Дисс. канд. ист. наук. - Душанбе, 2012.

[9]Ҳотамов Н. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (1941-1950). Душанбе, 2010; Ҳотамов Н. Подвиг Таджикистанцев на фронтах ВОВ //Муаррих, - №2(22), - 2020. – С.50-59; Убайдулло Н.К. К вопросу о периодизации историографии Таджикистана в годы Великой Отечественной войны

тоҷикон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, чи дар ҷабҳаи ҳарбӣ ва чи дар ақибгоҳ инъикос ёфтааст. Дар онҳо маълумотҳо оид ба саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб қисман оварда шудааст.

Бахшида ба ҳаёти ҳарӯзаи халқи тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мақолаи доктори илмҳои таърих Ф. Абдурашитов[1] ҷолиби диққат аст, ки дар симои корнамоии меҳнатии оилаи Бобогуловҳо аз ноҳияи Микоянобод қаҳрамонии меҳнаткашон дар ақибгоҳ нишон дода шудааст.

(1941-1945 гг.) //Муаррих, - №2(22), - 2020. – С.6-18; Пирумшо Ҳ. Саҳми сокинони Бадахшони Шӯравӣ дар ғалаба бар фашистони истилогар //Муаррих, - №2(22), - 2020. - С.18-26; Абулхаев Р. Наука в годы Великой Отечественной воины //Муаррих, - №2(22), - 2020. - С.27-37; Абулхаев Р. Вклад трудящихся советских республик в водохозяйственном строительствеи освоениеновых земель в Таджикистане (30-е и первая пол. 80 –х гг. XX в). -Душанбе: РТСУ, 2006; Абулҳаев Р. Наука в годы Великой Отечественной войны //Муаррих, - 2015. – С.15-24.; Абдурашитов Ф. Повседневная жизнь Таджикистанцев в годы ВОВ //Муаррих, - №2(22). - 2020. - С.37-50; Абдурашитов Ф.Военно-хозяйственный комплекс Таджикистана в годы Великой Отечественной войны //Муаррих, - 2015. - С10-15; Абдурашитов Ф., Мусоев Ё. Рабочий класс города Душанбе в годы Великой Отечественной войны (1941–1945 гг.) //Муаррих, - 2015. - С.58-64; Ғафуров А. Деятельность советов Ленинабадской (Согдийской) области по оказанию помощи эвакуированным, инвалидам и семьям участников ВОВ 1941-1945гг //Муаррих, - №2(22), - 2020. - С.59-65; АбдуназаровХ. История животноводства Таджикистана. Часть 1, (1920-1965гг.). - Душанбе, 2004; Сафаров Қ. Саҳми меҳнаткашони Тоҷикистон дар таъмини ғалаба //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945. - Кӯлоб, 2015; Юнусов С.С. Ҳиссаи коргарони тоҷик дар корхонаҳои саноатии мудофиа //Паёми ДДК ба номи А.Рӯдакӣ. - Кӯлоб, 2010, - № 2(4). - С. 6-10; Юнусов С.С. Рабочий класс Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Куляб, 1991; Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ. - Душанбе, 2013; Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2007; Алимов Д.Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой отечественной войны (1941-1945). - Душанбе: Ирфон, 2014; Алимов Д.Х. Историография вклада труженников тыла Хатлонской области Республики Таджикистан в годы Великой Отечественной Войны (1941 – 1945 гг.) //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал).- № 3/5 (93). – Душанбе, 2012. - С.11-19; Алимов Д.Х. Саҳми зиёиён дар мустаҳкам намудани ақибгоҳ// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ),. - №3 /67. – Душанбе, 2011. - С.123-128; Шарифов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон. - Кӯлоб, 1993; Шарифов Д., Шарифов З. Барои ному нанги Ватан. -Кӯлоб, 1990; Шарифов Д. Вилояти Кӯлоб дар солҳои 1950-60-ум. - Кӯлоб, 1992; Шарифов Д. Назаре ба таъриху тамаддуни мардуми Кӯлоб . – Душанбе, 2006; Шарифов Д. Маҷмӯаи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013.

[1]Абдурашитов Ф. Повседневный подвиг колхозного крестьянстваТаджикистана в годы Великой Отечественной войны. //Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Маҷмуаи мақолаҳои конференсия бахшида ба 75-солагии ғалаба дар ҶБВ. – Душанбе, 2020. - С.67-71.

Бо вуҷуди ин, мутаассифона, то ҳанӯз дар илми таърихи ватанӣ масъалаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар доираи таҳқиқоти алоҳида мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Диссертатсияи мазкур аввалин иқдоме мебошад, ки дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ ва бо мақсади баланд бардоштани ифтихори ватандорӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас анҷом дода шудааст.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2020 дар мавзуи «Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони Шӯравӣ» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** омӯзиши ҳамаҷонибаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад.

Муаллиф мувофиқи мақсади таҳқиқот **вазифаҳои зеринро** ба миён гузошта, ҳал кардааст:

- таҳлил намудани вазъи рушди хоҷагии деҳоти вилояти Кулоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- омӯзиш ва инъикос намудани чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳот;
- баррасӣ ва муайян намудани вазъи масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ;
- аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ ва инъикос намудани муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа;
- инъикос намудани нақш ва корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- муайян кардани вазъи рушди ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти диссертатсионӣ** – омӯзиши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад, ки дар муқоиса бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот** омӯзиши таърихи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватаниро фаро мегирад.

**Давраи хронологии** омӯзиши кори диссертатсияонӣ замони Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад.

**Ҳудуди ҷуғрофиёии таҳқиқот** қаламрави собиқи вилояти Кӯлобро дар бар мегирад.

**Асосҳои назарявии таҳқиқоти диссертатсия** гуногун мебошанд. Асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашрияҳои даврӣ, маълумотҳои бойгонӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Диссертант дар навиштани рисола дар асоси принсипи таърихият, усулҳои айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ ва монанди онҳоро истифода бурдааст. Ҳамчунин, асоси таҳқиқотро усули проблемавӣ-хронологӣ ташкил дод, ки он имкон медиҳад, бартариҳои тараққиёти кишоварзии вилояти Кӯлобро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян кунем.

**Пойгоҳи сарчашмашмавии таҳқиқот** бой буда, онро ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои ВАО, асарҳо, китобҳо ва мақолаҳо дар мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия аз маводҳои Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб васеъ истифода гардиданд. Инчунин, дар кор аз маводи

ҳуҷҷатии сомонаи расмии Агентии бойгонии федералии Россия[1] низ истифода шудааст. Ғайр аз ин дар диссертатсия аз маводи матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ низ васеъ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шудааст. Ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал баҳои воқеӣ дода мешавад.

Аз ин рӯ, **навоварии илмии таҳқиқот** дар инҳо ифода меёбад:

- бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда шудааст;

- чорабиниҳои давлатӣ оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқ карда шудааст;

- вазъи масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ нишон дода шудааст;

- мубориза ю ҷонфидоии меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа инъикос гардидааст;

- нақш ва корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода шудааст;

- рушди ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян карда шудааст;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:**

1) Вазъи кишоварзии вилояти Кулоб дар арафаи ҶБВ, ки тибқи сиёсати давлатии Ҳокимияти Шӯравӣ дар соҳаи мазкур пурра таҷдид карда шуд. Яъне бо қарори Анҷумани XV ҲК (б) Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1927 сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқи давлати Шӯравӣ ҷорӣ гардид. Дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ташкили колхозҳо ба солҳои 1927-1928 рост меояд. То 1 марти соли 1940 коллективонии соҳаи

---

[1]Сомонаи расмии Агентии бойгонӣ федералии Россия (Федерального архивного агентства (Росархива)) http://sovdoc.rusarchives.ru/

кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб ба 98% расонида шуд. Хулоса, то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб коллективонӣ ва сохтмони колхозӣ пурра ба анҷом расид.

2) Дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахри ғалаба аз болои фашизм аз ҷониби Ҳукумати марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳурӣ як қатор қарору фармонҳо оид ба мустаҳкам намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳот қабул ва бахри амалии онҳо чорабиниҳо гузаронда шуданд. Бахри амалӣ намудани супоришҳои ҳукумат дар вилояти Кӯлоб низ дар самти пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-маънавӣ як қатор чорабиниҳо гузаронда шудаанд.

3) Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ низ аз дигар чораҳои зарурии замони ҷангӣ ба ҳисоб мерафт. Тайёр намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби мардуми деҳот имкон дод, ки суръати барқарорсозии хоҷагии халқ дар ҳудуди вилояти Кӯлоб таъмин карда шавад;

4) Таҳлили корнамоиҳои меҳнатии деҳқонони колхозии вилояти Кӯлоб дар солҳои ҷанг нишон дод, ки ҳамаи онҳо интиқолгарони мақсадҳои олии сохти сотсиалистӣ ва ҳам қувваҳои радди истилогарон дар сарзамини худ гардиданд. Ин дар фаъолияти меҳнатӣ, иҷтимоӣ ва ғалаба бар душман пурра зоҳир шуд.

5) Коллективи меҳнатии деҳоти вилояти Кӯлоб дар ғалабаи мардуми шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми бебаҳо гузоштанд. Колхозчиён дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ (корҳои саҳроӣ, чорводорӣ, корхонаҳои саноатӣ, заводҳо ва ғ.) фидокорона меҳнат карда, супоришҳои истеҳсолиро барзиёд ба ҷо меоварданд, барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат пайваста кӯшиш мекарданд, дар мусобиқаҳои сотсиалистӣ ва ҳаракати стахановӣ фаъолона ширкат меварзиданд, дар аз худ кардани касбҳои нави кории тракторчиён, комбайнчиён, зироаткорон ва дигар ихтисосҳо фаъолона ширкат меварзиданд, ҳамзамон ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ карда мешуданд.

6) Вазъи рушди ҳаёти маданӣ-маишии мардуми вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ масъалаи мубрам ба шумор рафта, фарҳанг ҳамчун асоси соҳаи маънавии ҳаёти инсон дар ҳама давру замонҳо муҳим аст. Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба куллӣ таҷдид ва дар кори мубориза бо душман равона карда шуд. Фаъолияти мактабу маориф, китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар ғалаба аз болои фашизм саҳми назаррас гузоштанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон истифода намуд. Тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода намуд. Таҷрибаи таърихии иштироки меҳнаткашонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа метавонанд дар шароити муосир ҳангоми идоракунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ истифода намоянд, инчунин, дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавонон ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсионӣ дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Мавзуи диссертатсионии «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии дактори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик (протоколи № 7 аз 21 апрели соли 2021), дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи № 6 аз 24 январи соли 2022), муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Ҳамзамон рисола дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи №5 аз 31.05.2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шуд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва семинарҳо, аз ҷумла: конференсияҳои байналмилалӣ таҳти унвони «Государственная власть и крестьянство в XIX- начале XXI века», (27 января 2022г., Москва); «Национальная политика и миграционные процессы в Советском Союзе. К 100-летию создания СССР» (ПермГАСПИ. 30 ноября-1 декабря 2021 г.); «Великая Отечественная война в истории и памяти народов Юга России: события, участники, символы» (23–24 сентября 2021 г., Ростов-на-Дону); «Труд во имя Победы: трудовые ресурсы и экономика Урала и Центральной Азии в годы Великой Отечественной войны» (28-29 мая 2021

г. Оренбург); «Регионы России в военной истории страны» (17-18 ноября 2021 г., Йошкар-Ола); «Урал индустриальный. Бакунинские чтения» (16-17 ноября 2020 г., Екатеринбург); «Дурнамои рушди илм ва маориф» (27-28 ноябряи соли 2019., Душанбе); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-азариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» (26-уми декабри соли 2020, Кӯлоб) ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо баён гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсионӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 18 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷалаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, ва 10 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** бо мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва номгӯйи адабиёт (бо 246 номгӯй), иборат мебошад. Диссертатсия дар 178 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 9 ҷадвал мебошад.

# БОБИ 1. САФАРБАРКУНИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

## 1.1.Вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Баъди пойдор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ ва таъсисёбии ИҶШС дар ҳудуди он, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, бо қарори Анҷумани XV ҲК (б) Иттиҳоди Шӯравӣ (соли 1927) сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқи давлати Шӯравӣ ҷорӣ гардид. Қарор дар бораи коллективонидани хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба хоҷагиҳои калони ҷамъиятӣ - колхозҳо дар анҷумани XV ҲК (б) ИҶШС соли 1927 қабул шуда, амалишавии ин сиёсат ба солҳои 1928-1937 рост меояд[1].

Албатта, ин тарзи хоҷагидорӣ, воқеан нав буд ва табиист, ки ба муаммоҳои печ дар печ дучор гардид. Бахусус, дар Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле қафомонда буд, ин масъала душвориҳои худро дошт ва бо як қатор сабабҳо коллективонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар аввал суст суръат мегирифт. Вале дар худи ҳамин солҳо як қисми деҳқонони камбизоат дар шаклҳои гуногуни коллективонӣ -коркарди рафиқонаи заминҳо (КРЗ) артелҳои хоҷагии қишлоқ, кооперативҳо ҳамроҳ мешуданд.

Дар охири соли 1928 дар Тоҷикистон 22 артели кишоварзӣ ва 55 шарикӣ барои коркарди якҷояи замин мавҷуд буданд. Ҳиссаи колхозҳо то 1 июли соли 1928 дар майдони умумии кишти ҷумҳурӣ 0,1% ва аз рӯи шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ - 0,2% -ро ташкил дод[2].

Дар қаламрави Тоҷикистон нахустин хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Хуҷанд ба вуҷуд омаданд, ки дар он ҷо солҳои 1925-1926 ислоҳоти замин ва об гузаронида шуд. Дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ташкили колхозҳо ба солҳои 1927-1928 рост меояд[3].

---

[1]«О темпе коллективизации и мерах помощи государства колхозному строительству». Постановление ЦК ВКП (б), 5 января 1930 г. // https://ru.wikipedia.org/wiki/Коллективизация_в_СССР: (саннаи муроҷиат:8.10 2020).
[2]Таджикистан за 40 лет.(статистический сборник). - Душанбе, 1964. - С. 65.
[3]Очерк истории народного хозяйства в Таджикистана(1917-1965 гг.). Под редакцией Назрикулова И.К., Саидмуродова Х.С., Курцера Г.Я. - Душанбе, 1967. - С. 180.

Солҳои 1931-1932 дар округи Кӯлоб давраи афзоиши суръати коллективонидан мебошад. Зеро дар солҳои 1931 358 колхоз ва соли 1932 484 колхозҳо ташкил шуда буданд.

Дар соли 1935 раванди коллективонӣ дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Кангурт, Шӯрообод, Данғара, Ховалинг ва Балҷувон нисбат ба дигар ноҳияҳои округи Кӯлоб бо як суръати баланд пеш мерафт.

Колхозҳои нахустине, ки дар ҳудуди Кӯлоб ташкил ёфта буданд, ниҳоят хурд буданд. Масалан, аксари онҳо 35-40 гектар замин дошта, 14-15 хоҷагии деҳқониро дар якҷоягӣ ташкил мекарданд. Колхозҳои навтаъсис камиқтидор ва хурд буданд, тарзи кор фармудани техникаи кишоварзиро надоштанд, ки чунин ҳолат ба зиёд намудани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ халал мерасонд.

То 1 марти соли 1940 коллективонии соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб ба 98 % расонида шуд. Дар вилоят 713 колхоз ташкил карда шуд, ки дар онҳо 32 908 хоҷагии деҳқонон муттаҳид шуда, теъдоди хоҷагиҳои яккадаст ҳамагӣ 427 ададро ташкил мекард, ки онҳо ҳам то моҳи августи ҳамон сол ба колхозҳо аъзо шуданд. Дар натиҷаи коллективонӣ тамоми хоҷагиҳои яккадаст 100 % ба колхозҳо муттаҳид шуданд, ки дар натиҷа, дар вилоят 756 колхоз ташкил карда шуд. Заминҳои корами колхозҳо 186890 гектарро ташкил мекард, ки аз он 10 255 гектараш замини пахта буд. Ба колхозҳо 7 ПМТ, 412 трактор, 28 комбайн ва 25 мотосикл ёрӣ мерасониданд[1].

Хулоса, то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб коллективонӣ ва сохтмони колхозӣ пурра ба анҷом расид.

**А) Кишоварзӣ.** Муҳимтарин самти стратегӣ дар рушди ҳамаҷонибаи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша сиёсати аграрӣ буд ва мемонад. Аз ин рӯ, ҳадафи таҳқиқоти мазкур омӯхтани ҷараёни

---

[1]Исуфов Ш.В. Машинно-тракторные станции Кулябской области в годы Великой Отечественной войны//Урал индустриальный. Бакунинские чтения : материалы XIV Всероссийской научной конференции. - Екатеринбург, 16–17 ноября 2020 г. ; в 2 т. Т. 1.– Екатеринбург: ООО Изд-во УМЦ УПИ, 2020. - С.565.

дигаргунсозии кишоварзӣ ва фаъолияти хоҷагиҳои ғаллакории вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ошкор кардани хусусиятҳои ин раванд мебошад. Ин масъала то ҳол дар таърихнигории ватанӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Дар ин робита, омӯхтани таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагиҳои ғаллакори вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле муҳим аст, зеро захираи маҳсулоти кишоварзии вилояти Кӯлоб барои Тоҷикистон аҳамияти калони иқтисодӣ дошт.

Яке аз бахшҳои муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб ғаллакорӣ мебошад. Базаи иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии вилоят дар давоми ду нақшаи панҷсолаи аввал ба вуҷуд омадааст. Мувофиқи гузориши рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» дар соли 1940 дар вилоят 739 колхоз мавҷуд будааст, ки онҳо 10 255 гектар замини пахта ва 50.965 гектар замини кишти ғалла дар ихтиёр доштанд.[1] Инчунин, соли 1939 дар ноҳияи Балҷувон (то январ) 403 колхоз, ноҳияи Кангурт 30 колхоз, ноҳияи Сарихосор 43 колхоз, ноҳияи Данғара 66 колхоз[2], соли 1940 дар ноҳияи Ховалинг 57 колхоз[3], ноҳияи Шӯрообод 75 колхоз бо масоҳати 25 464 гектар замини корам[4], ноҳияи Колхозобод 47 колхоз бо масоҳати 18813 гектар замини корам[5], ноҳияи Фархор бо шумораи 38 колхоз ва 2892 гектар замини кишт[6] ноҳияи Муъминобод 75 колхоз[7], ки, асосан, ба кишти зироатҳои ғаллагӣ машғул буданд, фаъолият мекарданд.

Натиҷаи муҳимтарини фаъолияти меҳнатии колхозҳои мавҷудаи вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан, истеҳсоли ғалла буд. Фаъолияти хоҷагиҳои ғаллакори вилояти

[1]Ҳақиқати Кӯлоб. №1(402), 6 феврали соли 1940. С.1.
[2]Шарифов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон . - Кӯлоб,1993. - С.124-125.
[3]Амир Сайиди Мункӣ. Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014.- С.252.
[4]Розиқи С. Равзанаи Субҳ . - Душанбе, 2002. - С.52.
[5]Ёдгорӣ Н., Ҳафизов Д., Раҳмат П., Холзода М. Зиндагӣ дар пояи ду кӯҳи намак(Ноҳияи Восеъ: таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои он). - Душанбе,1994. - С.33.
[6]Бурҳониддини У. Фархориён. - Душанбе, 2010. - С.46
[7]Ғоибов Ғ., Азизов М., Ҳасанов Н. Мӯъминобод. - Душанбе, 2010. - С.170.

Кӯлоб дар фаъолияти хоҷагиҳои давлатии ҶШС Тоҷикистон нақши муҳим мебозид.

Бо қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) аз 11 апрели соли 1938 «Дар бораи чораҷӯӣ намудан дар самти рушди хоҷагидорӣ ва сохтмони маданӣ-маишӣ дар ҶШС Тоҷикистон» ноҳияҳои Фархор, Шӯрообод ва Даштиҷуми вилояти Кӯлоб соли 1938 аз интиқоли ғалла озод карда шуданд[1]. Дар асоси қарори мазкур дар ноҳияи Ховалинг Пойгоҳи мошину-тракторӣ (МТС-ПМТ) ташкил карда шуд, ки дар мустаҳкамкунӣ ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ нақши худро гузошт[2]. Зеро то соли 1940 70,3%-и ҳамаи майдонҳои кишти ҷумҳуриро ғаллазор ташкил медод[3].

28 декабри соли 1939 ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) қарор «Дар бораи тартиби банақшагирии зироатҳои ғалладона дар колхозҳо»-ро қабул кард[4]. Дар асоси ин қарор ба колхозҳо ҳуқуқ дода шуд, ки бо дар назардошти шароити хок ва иқлим нақшаи кишти зироатҳои барои онҳо муқарраршударо муайян кунанд. Аммо дар айни замон, колхозҳо бояд уҳдадориҳои давлатии ғаллакориро фақат бо зироатҳои дар нақша пешбинишуда иҷро мекарданд. Ин фармон истифодаи пурраи қитъаҳои замин аз мулкҳои колхозчиён ва заминҳои изофии деҳқонони инфиродӣ барои зироатҳои колхозиро пешбинӣ мекард. Инчунин, нақшаи азхудкунии заминҳои нав дар колхозҳо тасдиқ карда шуд. Ба шарофати тартиби нави банақшагирӣ дар соли 1940 дар сохтори майдонҳои кишти вилоят дигаргуниҳои муайян ба амал омад.

Ҳама ҳодисаҳо, падидаҳо ва равандҳое, ки дар ҷумҳурӣ ба амал меомаданд, мустақиман ба масъалаҳои миллӣ алоқаманд буданд. Чун дар тамоми кишварҳои аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, дар ҷумҳурии мо

---

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том - 2(Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С.38-39.
[2]Ҳамин ҷо:С.43-44.
[3]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане(1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.154.
[4]История советского крестьянства. Крестьянство накануне и в годы Великой Отечественной Войны 1938 -1945. том 3. - Москва, 1987. - С.78.

низ масъалаҳои индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии қишлоқ босуръат ҷараён дошт, кӯшиш мекарданд, ки истеҳсолоти колхозӣ мустаҳкам карда шуда, сатҳи мадании аҳолӣ баланд бардошта шавад. Дар чунин вазъият, анҷумани XVIII ҲК(б), ки моҳи марти соли 1939 баргузор гардид, дар ҳаёти тамоми халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аҳамияти калон дошт. Анҷуман вазифаҳои нақшаи сеюми панҷсоларо муайян кард, ки яке аз самтҳои асосии мубориза дар панҷсолаи сеюм маҳсуб меёфт. Ба ин муносибат минбаъд ҳам зиёд кардани иқтидори саноатӣ, мустаҳкам намудани сохти колхозӣ, баланд бардоштани аҳволи моддӣ ва дараҷаи мадании аҳолӣ, мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакат пешбинӣ карда шуда буд. Инчунин, тараққиёти босуръати истеҳсоли ғалладона, зироатҳои техникӣ ва сабзавот низ пешбинӣ шуда буд. Вазифаҳои гузариш ба механизатсияи ҳамаҷонибаи хоҷагии қишлоқ, ин ба итмом расонидани заминсозӣ (азхудкунии заминҳо) дар колхозҳо ва такмили технологияи агротехника муайян карда шуданд. Бо вуҷуди ҳамаи тадбирҳои Ҳукумати Шӯравӣ дар соҳаи кишоварзӣ, теъдоди майдони кишти ғалладона ва ҳосилнокии он дар соли 1938 дар ҳолати паст қарор дошт[1].

Моҳи майи соли 1940 ШКХ ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои минбаъда тараққӣ додани хоҷагиҳои ғаллакории ҶШС Тоҷикистон» қарор қабул кард. КМ ҲК(б) Тоҷикистон барои зиёд кардани ҳосили ғалла чораҳои мушаххас дид, аз ҷумла, дар ноҳияҳои лалмӣ ба кор даровардани 70 ҳазор гектар замини навро пешниҳод кард[2].

Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурӣ қариб 4 ҳазор хоҷагиҳои коллективӣ вуҷуд доштанд, ки 89,9 %-и хоҷагиҳои деҳқононро гирд оварда буданд[3].

---

[1]Прокопович С. Н. Народное хозяйство СССР. Том-1. Изд. им. Чехова. - Нью-Йорк, 1952. - С. 37.

[2]Очеркҳои таърихи Партияи Комунистии Тоҷикистон.(нашри дуюм). - Душанбе, 1969. - С. 226.

[3]Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М.Таърихи халқи тоҷик.Нашри дуюм. - Душанбе, 2010. - С. 87.

Ташкилотҳои ноҳиявӣ барои дуруст коркард ва гирифтани ҳосили баланд ба озмоиши навъҳои гуногуни зироат дар лабароторияҳои кишоварзӣ диққат намедоданд. Намудҳои зироатҳои ғаладонагӣ дар лабораторияҳо санҷида намешуданд, ки оқибат дар иҷрои нақшаҳои тасдиқшуда хатари бевоситаи кишти ғаллаи бесифат ба вуҷуд меомад.

**Ҷадвали 1.Нақшаи кишти зироатҳои ғалладонагии тирамоҳӣ дар соли 1940- 1941[1](гектар)**

| № Р-т | Номи ноҳияҳо | Ғаллагиҳои тирамоҳӣ | Нақшаи кишти тирамоҳӣ мувофиқи нақшаи кишти баҳорӣ соли 1941 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ҷави русӣ | Зағир | Моҳсар | юнучқа | картошка |
| 1. | Кӯлоб | 3500 | - | - | - | 150 | 20 |
| 2. | Колхозобод | 2000 | - | - | - | 280 | 5 |
| 3. | Қизилмазор | 16 000 | 50 | 50 | - | 500 | - |
| 4. | Сарихосор | 3 000 | - | - | - | 50 | - |
| 5. | Данғара | 16 200 | - | 50 | - | 500 | - |
| 6. | Балҷувон | 12000 | - | 250 | - | 220 | - |
| 7. | Шӯрообод | 14500 | - | 50 | - | 250 | - |
| 8. | Муъминобод | 12500 | 75 | 50 | - | 200 | - |
| 9. | Даштиҷум | 5000 | - | - | - | 50 | - |
| 10. | Фархор | 5000 | - | - | - | 260 | 5 |
| 11. | Ховалинг | 11000 | - | 25 | - | 100 | - |
| 12. | Кангурт | 6600 | 75 | 25 | - | 500 | - |
| Ҷамъ: | | 107300 | 200 | 275 | - | 3000 | 30 |

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 маълум аст, кишти зироатҳои ғаладонагии зимистона ҳамагӣ дар масоҳати 107300 гектар муайян гардида буд. Вале иҷроиши нақша маълум кард, ки хоҷагиҳои ғаллакори вилоят дар масоҳати 9305 га зироатҳои ғаладонагии зимистона, аз ҷумла, дар 200 гектар ҷави русӣ, дар 275 гектар зағир, дар 3000 гектар юнучқа, дар 30 гектар картошка ва дар умум 5800 гектар кишти тирамоҳӣ гузаронда шудааст. Таҳлили маълумоти додашуда нишон медиҳад, ки дар баъзе ноҳияҳои вилоят зироатҳои пурқимати хӯроквoрӣ ва техникӣ ба

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7.Р.1. П.13. В.99.

монанди зағир, чав, моҳсар, юнучқа ва картошка тамоман кам кошта шудаанд.

Дар вилояти Кӯлоб дар баробари истеҳсоли дигар зироатҳо ба истеҳсоли зироатҳои равғандеҳ, аз қабили зағир ва моҳсар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд, ки дар давраи кишти зимистонаи соли 1940-1941 дар вилоят ин намуди зироатҳо дар масоҳати 275 гектар кишт карда шудаанд[1].

Картошкапарварӣ низ дар вилоят соҳаи муҳим буд. Бо мақсади пурзӯр намудани таваҷҷуҳи мақомоти маҳаллӣ ва шӯравӣ ба истеҳсоли картошка, Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС 19 марти 1938 «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани ҳосили картошка» қарор қабул кард[2].

Дар қарор як қатор тадбирҳо оид ба такмили технологияи кишоварзӣ ва баланд бардоштани механизатсияи парвариши картошка пешбинӣ шуда буданд. Ҳар сол кишти картошка дар колхозҳои вилояти Кӯлоб афзоиш ёфта, соли 1940 дар майдони 30 гектар картошка кишт карда шудааст[3].

Ҳамин тавр, барои деҳот воситаи асосии истеҳсолот замин буд, ки ба истифодаи ройгон ва бемаҳдуд ба колхозҳо дода мешуд. Дар охири солҳои 30-юм колхозҳо танҳо аз се як ҳиссаи заминҳои ба онҳо додашударо барои зироаткорӣ истифода мебурданд. Бо вайрон кардани Оинномa амалияи васеъ кардани қитъаҳои шахсии колхозчиён, заминро аз ҷониби колхозҳо ба иҷора гирифтан ва аз ҷониби аъзоёни ғайриколхозӣ худсарона ғасб кардани он амалӣ карда мешуд[4].

Ба ин муносибат, моҳи майи соли 1939 пленуми Кумитаи марказии ҳизб қарори Комитети Марказии ҲК(б) ва Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС-ро «Дар бораи чораҳои аз исрофкорӣ муҳофизат кардани заминҳои ҷамъиятии колхозҳо» тасдиқ кард. Тамоми заминҳои

---

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7. Р.1. П.13. В.99.
[2]История советского крестьянства. В 5 т. Т. 3. Крестьянство накануне и в годы Великой Отечественной войны, 1938 – 1945 . - М осква,1987. - С. 83.
[3]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7.Р.1. П.13. В.99.
[4]Арутюнян Ю. В. Советское крестьянство в годы Великой Отечественной войны. - Москва,1970. - С. 288.

ғайриқонунӣ рабурдашуда фавран ба колхозҳо баргардонида шуданд. Андозагирии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва гирифтани заминҳои зиёдатӣ низ гузаронида шуданд.

Зироати дигаре, ки аҳамияти калон дошт, пахта буд. Колхозҳои вилоят барои кишт ва дар сари вақту беталаф гундоштани ҳосил ва ба давлат пурра супурдани пахта тамоми имкониятро истифода мебурданд. Соли 1939 вилояти Кӯлоб нишондодҳои кишоварзиро барзиёд иҷро кард. Ҳосилнокии заминҳои пахта аз ҳар гектар ба 16,2 сентнер ва ғалла ба 9 сентнер расид. Нақшаи фурӯши пахта 117,6% иҷро шуда, вилоят ба давлат 16 500 тонна а пахта фурӯхт[1].

Натиҷаи заҳмати меҳнаткашони вилоятро дар намоиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки соли 1939 дар шаҳри Москва гузашт, аз вилояти Кӯлоб 45 нафар стахоновчиён, устодони пахта, чорводорон, ғаллакорон муаррифӣ карданд[2].

Иштирокчиёни ин намоишгоҳ аз вилоят Мирзоева Мубароҳ аз колхози ба номи Сталини ноҳияи Колхозобод бо ордени Ленин, Давлатова Қурбонгул аз колхози ба номи Сталини хамин ноҳия бо ордени «Меҳнат», оброни колхози ба номи Литвинови ноҳияи Шӯрообод Занбур Олимов бо ордени «Меҳнат» мукофотонида шуданд. Монанди инҳо боз 32 нафар колхозчиён ва коргарони вилоят ба ордену медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Меҳнаткашони вилоят аз ин муваффақиятҳо ва дастгирии ҳукумат рӯҳбаланд шуда, дар соли 1940 аз ҳамаи намуди зироатҳои ғалладона назар ба соли 1939 хеле зиёдтар ҳосил гирифтанд. Агар онҳо дар соли 1939 аз ҳар гектар 9 сентнерӣ ғалладона гирифта бошанд, пас, дар соли 1940 ҳосил аз ҳар гектар ба 30-32 сентнер расид. Масалан, колхози ба номи Димитрови ноҳияи Муъминобод бо роҳбарии Аброр Карим аз ҳар гектар 42 сентнер ҷав ва 38 сентнер гандум гирифтанд. Колхози «Қизил-Аскар»-и

---

[1]Исуфов Ш.В. Аз таърихи сохтмони колхозӣ дар вилояти Кӯлоб (солҳои 1930-1940) //Муаррих, 2019. - №3(19). - С .38.
[2]Ҳақиқати Кӯлоб. №1(402), 6-уми феврали соли 1940. С.1.

ҳамин ноҳия аз тамоми майдонҳои кишти зироатҳои ғаладонагӣ 30 сентнерӣ ҳосил ба даст овардааст[1].

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин сол колхозҳои вилоят ба рушди технологияи коркарди замин ва ҳосили баланди зироатҳои ғаладона гузашта буданд. Масоҳати шудгори тирамоҳӣ дар ин сол дар тамоми ноҳияҳои вилоят 56600 гектар, аз ҷумла, шудгор ба воситаи тракторҳо 19 400 гектар ва ба тариқи ҷуфткунии барзагов 37 100 гектарро ташкл медод[2].

Бо вуҷуди ин, дар бисёре аз колхозҳои вилоят коркард ва кишти зироатҳои ғаладонагӣ тавре роҳандозӣ карда шуда буд, ки дастрасии ҳосили баландро таъмин намекард. Ин ҳолат дар вилоят ба вайрон кардани муҳлати муқарраршудаи коркард ва кишт оварда мерасонд.

**Ҷадвали 2. Ҳосилнокии зироатҳои ғаладонагии вилояти Кӯлоб дар тирамоҳ ва баҳори соли 1940-1941 (дар сентнер аз ҳар гектар):[3]**

| № Р. т | Номи ноҳияҳо | Дар ҳама намуди зироатҳо | Аз ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | гандум | | ҷав | | биринҷ |
| | | | тирамоҳӣ | баҳорӣ | тирамоҳӣ | баҳорӣ | |
| 1. | Кӯлоб | 12.0 | 10.4 | 7.9 | 14.8 | 11.5 | 35.0 |
| 2. | Колхозобод | 9.0 | 7.7 | - | 13.1 | - | 30.0 |
| 3. | Қизилмазор | 12.5 | 10.9 | 8.5 | 13.0 | 9.1 | 25.0 |
| 4. | Сарихосор | 8.5 | 9.3 | 8.4 | 9.2 | 8.4 | 20.0 |
| 5. | Данғара | 11.9 | 12.0 | 9.0 | 14.0 | 10.0 | - |
| 6. | Балҷувон | 10.0 | 11.0 | 8.0 | 13.0 | 8.0 | - |
| 7. | Шӯрообод | 11.5 | 10.7 | 10.6 | 10.4 | 9.3 | - |
| 8. | Муъминобод | 11.5 | 11.0 | 8.4 | 13.0 | 9.1 | 38.0 |
| 9. | Даштиҷум | 8.5 | 9.0 | 6.5 | 10.0 | 6.5 | 20.5 |
| 10. | Фархор | 8.0 | 8.5 | 7.8 | 10.0 | 8.0 | 25.0 |
| 11. | Ховалинг | 9.0 | 10.7 | 8.5 | 13.0 | 9.1 | 25.0 |
| 12. | Кангурт | 11.5 | 11.0 | 9.8 | 13.5 | 9.0 | - |

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф. 7. Р.1, П.13. В. 98.
[2]Ҳамин ҷо: В.101.
[3]Ҳамин ҷо: В.100.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷамъ:** | **10.5** | **10.6** | **8.1** | **13.5** | **8.8** | **26.7** |

Аз дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои ғаладонагӣ дар ҷадвали 5 нишондодашуда, муайян мешавад, ки ҳосилнокии зироатҳои ғаладонагии вилояти Кӯлоб дар тирамоҳ ва баҳори соли 1940-1941 аз ҳама намуди зироатҳо каме пасттар шудааст.

Масалан, ҳосили бадастовардаи колхозҳои ноҳияи Даштиҷум аз як гектар гандуми зимистона-10 сентнер, баҳорӣ-6,5 сентнер ва ҷави зимистона-11,0 сентнер ва ҷави баҳорӣ ба 6,5 сентнер расидааст[1].

Дар ноҳияи Данғара ҳосили бадастоварда аз як гектар гандуми зимистона-10 сентнер, баҳорӣ-6,5 сентнер, ҷави зимистона-11,0 сентнер ва ҷави баҳорӣ 6,5 сентнерро ташкил медод[2].

Дар ноҳияи Қизилмазор ҳосилноки зироатҳои ғаллагӣ аз як гектар гандуми зимистона-15,5 сентнер, баҳорӣ-9 сентнер, ҷави зимистона-15,4 сентнер ва баҳорӣ-8,3 сентнер буд[3].

Маълумоти бойгонӣ дар ин давра шаҳодат медиҳанд, ки аз сабаби набудани роҳбарии дурусти шуъбаи замини ноҳияи Қизилмазор, колхозҳо вазифаҳои худро қисман ё, умуман иҷро намекарданд[4].

Сабаби паст шудани ҳосилнокӣ дар вилоят дар соли 1940 ба ғайр аз шароитҳои иқлимӣ дар бисёр маврид ин коркарди ғайриқаноатбахши замин бо олотҳои сода дар ноҳияҳои кӯҳӣ буд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ шудгори замин ба омоч ва сипор гузаронида мешуд.

Бар зами ин мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта меҳнаткашон ва деҳқонони бисёре аз колхозҳои вилоят шабонарӯзи меҳнат карда, ҳосили пешбинишударо аз ду то се маротиба зиёд иҷро мекарданд. Яъне истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ дар колхозҳои вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳоли афзоиш буд. Чунончи, дар соли 1940 бисёре аз хоҷагиҳои ғаллакори вилоят ба натиҷаҳои хуб ноил

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1.П.27.В.2.
[2]Ҳамин ҷо: В. 2.
[3]Ҳамин ҷо: В. 2.
[4]Ҳамин ҷо: В. 2.

гаштанд. Масалан, дар колхози ба номи Димитроваи ноҳияи Муъминобод аз ҳар гектар 42 сентнер ҷав ва 38 сентнер гандум, колхози ба номи Сталини ноҳияи Кӯлоб аз ҳар гектар 81,16 сентнер биринҷ ба даст оварданд[1]. Колхози ба номи Октябри Сурхи ноҳияи Муъминобод аз як гектар 3,96 сентнер тухмии юнучқа ҳосил гирифтанд[2].

Ҳамин тариқ, дар охири солҳои 30-юм технологияи кишоварзӣ такмил ёфт, ҳосили умумӣ боло рафт. Дар натиҷа деҳқонони колхозҳои вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ташкили базаи пурқуввати истеҳсолоти кишоварзӣ саҳми назаррас гузоштанд.

**Б) Чорводорӣ.** Чорводорӣ яке аз соҳаҳои калонтарин ва асоситарини хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб ба ҳисоб меравад, лекин дар солҳои пешазҷангӣ, аниқтараш то соли 1931 ин соҳаи ҳаётан муҳим ба қадри зарурӣ инкишоф наёфта буд. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки садди роҳи тараққии ин соҳа мешуд, ба маркази харакати босмачигарӣ табдил ёфтани минтақа буд. Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз босмачиён зарари бештар дида буд. Аз ин рӯ, азнавбарқароркунии хоҷаги қишлоқи вилоят ба мушкилӣ ҷараён мегирифт.

Азбаски вилояти Кӯлоб минтақаи наздисарҳадӣ буд, бисёре аз саркардаҳои ҳаракати босмачигарӣ чорвои зиёди аҳолии вилоятро ғасб намуда, ба Афғонистон мегузарониданд. Масалан, мувофиқи маълумоти дастрасшуда аз соли 1922 то соли 1924 аз ҳудуди танҳо як ноҳия (туман)-и Балҷувон босмачиён 4136 асп, 14 105 сар гов, 74 276 сар бузу гӯсфандро ғорат кардаанд[3].

Дар натиҷаи зулми босмачиён 2476 хоҷагӣ кӯч баста, ба Афғонистон рафтанд, инчунин, босмачиҳо 1894 ҳавлии ин туман(ноҳия)-ро оташ зада нест карда буданд[4].

---

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.28.В.32.
[2]Ҳамин ҷо: В.32.
[3]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013. - С.216
[4]Ҳамин ҷо: - С.216

Ё ин ки ноҳияҳои назди марзии вилоят Даштиҷум, Шӯрообод ва Фархор ба саҳроҳои беодам табдил ёфта буданд. Чунончи, 80 дарсади аҳолии ноҳияи Фархор тарки ин минтақа карда буданд[1].

Бар зами ҳамаи ин мушкилот, ташкилоти ҳизбӣ ба тараққии соҳаи чорводории вилоят диққати зиёд медод. Дар соли 1930 дар вилояти Кӯлоб 76200 сар чорвои калон, 419 500 сар бузу гӯсфанд мавҷуд будааст[2].

Умуман, дар зарфи 10 сол (1921-1931) бо авҷ гирифтани ҳаракати босмачигарӣ ва аз ҷониби онҳо кушта шудани фаъолони сохти Шӯравӣ нигоҳ накарда, дар соҳаи кишоварзии округи Кӯлоб инқилоби аграрӣ бо муваффақият ба анҷом расид.

Аз рӯи характери табиӣ ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда вилояти Кӯлобро ба ду минтақаи кишоварзӣ тақсим намудан мумкин аст:

- минтақаи чорводорӣ, боғпарварӣ, ғаллакорӣ ва сабзавоткорӣ, ки ба он ноҳияҳои Шӯрообод, Даштиҷум, Балҷувон, Сари-Хосор, Ховалинг, Кангурт, Данғара, Муъминобод ва Қизилмазор дохил мешаванд;
- минтақаи сабзавоткорӣ- пахта, гандум ва картошкапарварӣ, аз ҷумла, ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Колхозобод, Кангурт, Данғара, Муъминобод ва Қизилмазор дохил мешаванд.

Ҳангоми коллективонидании хоҷагии қишлоқ саршумори чорво дар ҶШС Тоҷикистон ба таври назаррас коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар нақшаи панҷсолаи сеюм (1938-1942) ин буд, ки саршумори тамоми намудҳои чорво дар хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ хеле зиёд карда мешуд. Бо мақсади амалии ин мушкилӣ Анҷумани XVIII ҲК(б) диққати махсусро ба афзоиши ҳамаҷонибаи ҳосилнокии чорвоӣ ҷамъиятӣ ва афзоиши истеҳсоли шир, гӯшт ва равған равона кард[3].

Дар ин замина, 22 сентябри соли 1939 ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) қарори махсус «Дар бораи чорабиниҳо доир ба рушди чорводорӣ дар

---

[1]Шарифзода Б. Барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб. - Душанбе, 1962. - С.93.
[2]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013.- С.208
[3]XVIII съезд Всесоюзной Коммунистической партии (б), 10—21 марта 1939 г.:Стеногр. Отчет. -Москва,1939. - С. 657.

колхозҳо» қабул кард, ки дар қарор чорабиниҳо оид ба рушди хоҷагиҳои човодорӣ нишон дода шуда буд[1].

Дар қарор, инчунин, қайд шуда буд, ки дар ҳар як колхоз то 3 фермаҳои чорводорӣ: чорвои калони шохдор, гӯсфандпарварӣ ва хукпарварӣ ташкил кардан мувофиқи мақсади ҳизб мебошад.

Дар моҳи сентябри соли 1939 Пленуми КМ ҲК(б) Тоҷикистон қарор «Оид ба татбиқ намудани қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) – Оид ба чорабиниҳо доир ба тараққӣ додани чорводории ҷамъиятӣ», ки дар он ба кумитаҳои ноҳиявӣ ва кумитаҳои иҷроия супориш дода шуда буд, ки ҷиҳати ёрии амалӣ расонидан ба колхозҳо оид ба иҷрои қарори мазкур дар ташкил кардани фермаҳои нав ба микдори муайян таъмин намоянд[2].

Ташкилоти ҳизбӣ, колхозчиёнро барои иҷрои чорабиниҳои қабулнамуда сафарбар намуда, дар муддати кӯтоҳ дар сохтмон ва ташкили фермаҳои нави чорводорӣ ба комёбиҳои назаррас муваффақ шуданд. Шумораи фермаҳо баъди қабули қарори мазкур афзуд. Масалан, дар сатҳи ҷумҳурӣ то нимаи дуюми соли 1939 шумораи фермаҳои чорводорӣ дар колхозҳои Тоҷикистон то 4489 адад афзоиш ёфтааст[3].

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ва Кумитаи вилоятии ҲК (б) Тоҷикистон 25-26 сентябри соли 1940 «Оид ба татбиқ намудани қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) – Оид ба чорабиниҳои ишкишофи чорводорӣ дар вилоят ва захираи хӯроки чорворо барои зимистонгузаронии соли 1940-1941»-ро[4] муҳокима намуда, дар асоси ин қарор тамоми хоҷагиҳои чорводори вилоят масъалаи инкишоф ва захиракунии хӯроки чорво барои зимистонгузаронии соли 1940-1941-ро пазируфтанд. Дар соли 1940 чорвои вилоят аз 2880 сар асп,

---

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С. 64.
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С. 156.
[3]Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной Войны (1941-1945 гг.). - Душанбе,1980. - С.94.
[4]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.13. В. 6.

22 000 сар чорвои калони шохдор, 84 300 сар гӯсфанд, 820 сар хук иборат буд[1].

Дар тараққӣ додани чорводории ҷамъиятӣ, вилоят ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Масалан, аз 1 июли соли 1939 то 1 июли соли 1940 дар вилоят 1085 хоҷагиҳо (фермаҳо)-и нав ташкил карда шуданд, ки аз ин шумора 506 фермаҳои ширдиҳӣ, 472 адад фермаҳои гӯсфандпарварӣ, 76 адад фермаҳои хукпарварӣ ва 31 ададашро фермаҳои аспарварӣ ташкил медоданд[2].

Афзоиши солонаи инкишофи чорво дар вилоят соли 1940 нисбат ба соли 1939, аз ҷумла, чорвои калон 198,2%, павариши хук 143,8%, парвариши асп ба 101,2 % расид.[3]

Мувофиқи сарчашмаҳои бойгонӣ то 1-уми июли соли 1940 дар вилояти Кӯлоб 685 колхоз мавҷуд буд, ки аз ин шумораи колхозҳо 439-тои онҳо дуфермагӣ ва 98-тои онҳо сефермагӣ доштанд[4].

Кормандони соҳаи чорводории вилояти Кӯлоб барои иҷрои кори худ пайваста меҳнат намуда, натиҷаҳои баланди меҳнатиро сазовор мешуданд. Масалан, чӯпон Давлатшо аз колхози ба номи Орҷонокидзеи ноҳияи Данғара нақшаи наслгириро аз зоти гӯсфанди ҳисорӣ, ки 100% муайян шуда буд, ба 124% расонид. Аз ноҳияи Кангурт, колхози Интернатсионали сеюм, чӯпон Гул Шокир нақшаи наслгириро аз чорвои калони шохдор 104,1% иҷро кард. Чӯпон Орифов Давлат аз колхози ба номи Андреев иҷроиши нақшаро аз чорвои майда (буз) ба 600 % расонид[5].

Мудирони фермаҳои чорвопарварии ноҳияи Кӯлоб, махсусан, колхози Пахтакор дар ин сол аз 264 сар гӯсфанд 301 сар барра гирифт ва нақшаи наслгириро ба 124% расонид. Албатта, ин нишондиҳанда бо туфайли заҳмати мудири фермаи Абдуллоев Намоз ва чӯпони беҳтарини ферма Одинаев Шамол ба даст оварда шуданд[6].

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.13. ВВ.6-7.
[2]Ҳамин ҷо: В.8.
[3]Ҳамин ҷо: В.8.
[4]Ҳамин ҷо: В.8.
[5]Ҳамин ҷо: ВВ.8-9.
[6]Ҳамин ҷо: В.9.

Дар ноҳияи Кӯлоб иштирокчиёни Намоишгоҳи умумииттифоқии кишоварзӣ 11 нафар аз чорводорони пешқадам буданд. Дар маҷмӯъ иштирокчиёни Намоишгоҳи умумиитифоқии кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб (ғайр аз ноҳияи Шӯрообод) дар соли 1940 ба 145 нафар мерасид.[1]

Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар рушди чорводории вилоят низ камбудиҳои ҷиддӣ ҷой дошт. Масалан, дар нимаи аввали соли 1940 ташкили фермаҳои колхозӣ-молӣ дар вилоят ба таври кофӣ ба роҳ монда нашуда буд, то ин давра ҳамагӣ 203 фермаҳои колхозӣ-молии нав ташкил карда шуда буд. То 1 июли соли 1940 дар 7 колхозҳои вилоят хоҷагиҳои чорводорӣ вуҷуд надоштанд ва 148 колхози дигари вилоят танҳо яктои фермаҳои чорводорӣ доштанд[2].

Хусусан, ақибмонӣ дар рушди човодории ҷамъиятии вилоят дар ноҳияҳои зерин бештар дида мешуд:

- ноҳияи Балҷувон- дар ин ноҳия то 1 июли соли 1940 дар хоҷагиҳои ширӣ (МТФ) ҳамагӣ 54 сар гов мавҷӯд буд, ки мувофиқи нақша ин шумора бояд то 495 сар мерасид[3].
- ноҳияи Шӯрообод-ҳарчанд ин ноҳия дар ҳар як хоҷагии коллективӣ 2 фермаи аспӣ дошт, хоҷагиҳо дар нимаи аввали соли 1940 ба камшавии саршумор роҳ доданд, ки дар 114 ферма бояд 207 сар асп гирифта мешуд, лекин саршумор ба 168 сар асп баробар шуд, ки он ҳамагӣ 60 % иҷроиши нақшаро таъмин мекард.
- ноҳияи Мӯъминобод, 15 колхоз дорои 1 ферма ва 92 колхоз фермаҳояшон аз 60 % ками ҳайвони модда (модагов, меш ва ғайра) боқӣ монда буд[4].

Сабаби асосии чунин норасоӣ ва камбудиҳо нодуруст парваришу нигоҳубини чорвоҳои навзод дар вилоят буда, дар натиҷа то нимаи аввали соли 1940 дар ноҳияҳои Балҷувон 26 % хукбача, Ховалинг 43 % гӯсола, 9,3

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7. Р.1. П.13. В.9.
[2]Ҳамин ҷо: В.9.
[3]Ҳамин ҷо: В.10.
[4]Ҳамин ҷо: В.10.

% барра, Данрғара 31 % хукбача талаф ёфт, ки ба рушди чорводории вилоят таъсири манфии худро расонид[1].

Дар доираи талаботи зимистонгузаронии соли 1940-1941 ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаи хӯрока ва захира намудани хӯроки чорво аз тарафи хоҷагиҳои чорводории вилоят тадбирҳои лозимӣ ба таври кофӣ андешида нашуда буд. Аз ин сабаб ҷамъовари хӯроки чорво дар вилоят то 1 уми июли соли 1940 ба 77,8 % расонида шуда буд. Масалан, захиракуни хӯрокӣ чорво барои зимистонгузаронии соли 1940-1941 дар ноҳияҳои Фархор 11,9 %, Кӯлоб 37 %, Қизилмазор 58,6 % ва Балҷувон 58,1 %-ро ташкил медод[2].

Махсусан, захираи силос (соқаи туршонида) дар вилоят дар як ҳолати паст қарор дошт. Масалан, танҳо дар ноҳияи Муъминобод 398 тонна а силос барои зимистонгузаронӣ захира карда шуда буд, ки ин дар ҳоле буд, ки ягон ноҳияҳо оид ба захираи силос омодагӣ надида буд. Ҳамин тариқ, хоҷагиҳои чорводории вилоятро лозим буд, ки барои беҳтар кардани зоти чорво ва, инчунин, маҳсулнокии хӯроки чорво чораҳои зарурировандешанд.

Ҳолати инкишофи чорвои ҷамъиятӣ дар якчанд ноҳияҳои алоҳидаи вилоят мувофиқи маълумоти бойгонӣ чунин буд:

**Ноҳияи Даштиҷум** солҳои 1932-1957 ҳамчун ноҳия дар ҳайати вилояти Кӯлоб буд. Баъди барҳамхӯриаш ҳудуди ин ноҳия ба ҳудуди ноҳияи Шӯрообод ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳолати чорводории ноҳияи Даштиҷум дар чунин вазъ қарор дошт:

**Ҷадвали 3. Инкишофи фермаҳои чорводорӣ ва саршумори онҳо дар ноҳияи Даштиҷум (солҳои 1939-1940):**[3]

| Намуди фермаҳои чорводорӣ | Шумораи фермаҳои чорводорӣ | | Шумораи саршумори ҳайвонҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | 08.08.1939 | 08.08.1940 | 08.08.1939 | 08.08.1940 |
| Чорвои калони шохдор | 3 | 51 | 200 | 660 |

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. . Ф.7. Р.1. П.13. В. 10.
[2]Ҳамин ҷо: В. 11.
[3]Ҳамин ҷо: В .15.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бузу гӯсфандпарварӣ | 17 | 55 | 1 531 | 5457 |
| Хукпарварӣ | - | 8 | - | 31 |
| Аспарварӣ | - | 2 | - | 10 |
| **Ҷамъ:** | **20** | **116** | **1 731** | **6158** |

Шумораи ҳама намуди фермаҳои чорводорӣ дар ин ноҳия дар як муддати кӯтоҳ аз 20 ба 116 адад расид, яъне дар давоми як сол 96 адад зиёд шудаанд. Саршумори ҳама намуди чорво бошад, аз 1731 сар ба 6158 сар,яъне 4427 сар зиёд шудааст.

Дар соли 1940 дар ноҳияи Даштиҷум колхозе вуҷуд надошт, ки фермаи чорводорӣ надошта бошад. Дар ин сол дар ноҳияи Даштиҷум 68 колхоз дорои 116 ферма буд, ки 18 колхози ин ноҳия як ферма, 31 колхоз ду ферма, 8 колхоз се ферма ва 3 колхоз чор ферма доштанд[1].

Омодагии фермаҳои мазкур барои зимистонгузаронии соли 1940-1941 дар ҳолати хуб қарор дошт. Зеро аз 51 адад биноҳо барои зимистонгузаронии чорвои калони шохдор 32 ададаш пурра таъмир шуда, 19 бинои фермаи дигар ба таъмир эҳтиёҷ надошт. Аз 14 адад бинои нигоҳдории бузу гӯсфанд 9 ададии он пурра аз таъмир бароварда шуда, 5 ададии фермаҳои дигар ба таъмир эҳтиёҷ надошт ва, инчунин, 3 бинои дигар барои нигоҳдории аспҳо низ пурра таъмир карда шуда, ба зимистонгузаронӣ пурра омода буданд[2].

Нақшаи иҷрои захираи хӯроки чорво, ки 15953 сентнер муайян шуда буд, иҷроиши он ба 33 736 сентнер ё ба 200% расида буд[3].

Ҳамин тариқ, соҳаи чорводорӣ дар ноҳияи Даштиҷум дар авввали соли 1940 дар ҳолати рушд қарор дошт. Бар зами ин ҳамаи муваффақиятҳои бадастоварда аксари мутахассисони соҳаи чорводорӣ дар ин ноҳия дорои маълумоти соҳавӣ набуданд. Кормандони фермаҳои чорводорӣ малакаи кории худро аз кормандони собиқадор омӯхта, онро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ истифода мебурданд.

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.13. В . 15.
[2]Ҳамин ҷо: В .16.
[3]Ҳамин ҷо: В .16.

**Дар ноҳияи Қизилмазор (ҳоло н. Темурмалик)** қариб дар ҳамаи соҳаи чорводорӣ нақшаи солонаи соли 1940 ба пуррагӣ иҷро гардида буд.

**Ҷадвали 4. Инкишофи фермаҳои чорводорӣ ва саршумори онҳо дар ноҳияи Қизлилмазор (солҳои 1939-1940)**[1]

| **Намуди фермаҳои чорводорӣ** | **Шумораи фермаҳои чорводорӣ** | | **Саршумори ҳайвонҳо** | |
|---|---|---|---|---|
| | 08.08.1939 | 08.08.1940 | 08.08.1939 | 08.08.1940 |
| Чорвои калони шохдор | 11 | 186 | 717 | 2886 |
| Бузу гӯсфандпарварӣ | 14 | 165 | 14 522 | 22886 |
| Хукпарварӣ | 2 | 3 | 105 | 118 |
| Аспарварӣ | 4 | 23 | 270 | 738 |
| **Ҷамъ:** | **31** | **377** | **15 614** | **26 628** |

Умуман, дар соли 1939 дар ин ноҳия ҳама намуди фермаҳои чорводорӣ ба 42 адад ва теъдоди ҳама намуди чорвои колхозӣ 15 614 сарро ташкил медод. Дар соли 1940 шумораи фермаҳои чорводорӣ ба 377 адад ва теъдоди ҳама намуди чорво ба 26 628 сар расид. Дар соли 1940 дар ноҳияи Қизилмазор 102 колхоз мавҷуд буд, ки ҳамаи колхозҳои мавҷуда дорои фермаҳои чорводорӣ буданд[2].

Дар баробари рушди босуръати чорводорӣ дар вилояти Кӯлоб баъзан ноҳияҳое буданд, ки нақшаҳои солонаи инкишофи чорводориро ба пуррагӣ ба иҷро расонида наметавонистанд. Масалан, нақшаи рушди чорводорӣ дар ноҳияи Балҷувон дар соли 1940 иҷро нагардида буд[3].

Мувофиқи нақша иҷрои саршумори чорвои калони шохдор, ки 1345 сар пешниҳод шуда буд, ҳамагӣ 64 сар ё 5 %-и иҷрои нақшаро таъмин кард. Саршумори бузу гӯсфанд бояд то 2920 сар зиёд карда мешуд, вале ин шумора ба 2597 сар расонида шуд, ки 85 %-и иҷроиши нақша буд.

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7. Р.1. П.13. В . 19.
[2]Ҳамин ҷо: В .19.
[3]Ҳамин ҷо: ВВ. 20-21.

Инчунин, нақшаи парвариши хук дар ноҳия низ пурра иҷро нагардида, аз 28 сар хуки дар нақша буда, 13 сар хук ё 46,6 %-и нақша иҷро гардида буд[1].

Чуноне ки аз маълумоти овардашуда бармеояд, ҳолати иҷроиши нақша дар ин ноҳия дуруст ба роҳ монда нашудааст. Ин мушкилӣ ба сохтмони фермаҳои чорводорӣ дар ноҳия низ таъсири худро расонид, дар соли 1940 дар ноҳияи Балҷувон 121 ферма мавҷуд буд, ки ин дар миқёс ба дигар ноҳияҳои вилоят дар зинаи паст қарор дошт. Соли 1940 дар ноҳия 57 фермаҳои ширӣ бо теъдоди 1211 сар чорвои калони шохдор, 58 фермаи гӯсфандпарварӣ бо саршумори 5241 сар бузу гӯсфанд, 3 фермаи хукпарварӣ бо 127 сар хук, 3 фермаи асппарварӣ бо 88 сар асп фаъолият мекарданд[2].

Мушкилоти соҳаи чорводории ноҳияи Балҷувон дар арафаи ҷанг, асосан, объективӣ буд.

Санаи 1-2 июни соли 1940 Иҷлосияи дуюми Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб масъалаи «Дар бораи тайёр намудани маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят»-ро муҳокима кард. Дар иҷлосия қайд карда шуд, ки нақшаи гӯштсупории вилоят соли 1940 ҳамагӣ 16389 сентнериро ташкил медиҳад, ки ин нишондоди хуб мебошад. Дар кори бомуваффақият иҷро намудани нақшаи гӯштсупорӣ ноҳияҳои Қизилмазор (175%) ва Колхозобод (110%) ва дар иҷрои нақшаи солонаи вилоят оид ба пашмсупорӣ ноҳияҳои Даштиҷум (151%), Қизилмазор (103%) ва ноҳияи Данғара (100%) пешқадам буданд[3].

Зербоби якумро ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки:

- роҳбарияти ИҶШС, мақомоти ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ доир ба рушди хоҷагии қишлоқ корҳои азимеро барои мутобиқ кардани иқтисодиёти кишвар анҷом доданд. Зеро, вазъияти фавқулоддаи замон аз сохторҳои дар боло овардашуда барои

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7. Р.1. П.13. В .21.
[2]Ҳамин ҷо:В. 21.
[3]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р 1. П.7. В. 7.

қабули қарорҳои фаврӣ дар бораи рушди соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулот ҷиддиятро талаб мекард;

- хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи ҷанг бо сабаби харобиҳои замони ҳаракати босмачигарӣ дар байни дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ аз ҳама кам бо қувваи корӣ таъмин буданд. Аммо, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, ки мутахассисони дорои маълумоти миёна тайёр мекарданд, теъдодашон зиёд гардид. Дар ҳама ҷо муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешуданд, ки барномаҳои онҳо барои муҳлати кӯтоҳи омӯзиш пешбинӣ шуда буданд ва бозомӯзии чорводорон дар маҳал гузаронида мешуд. Дар натиҷаи андешидани чораҳо дар арафаи оғози ҷанг вазъи кадрҳо ба эътидол омад, ки ин ба вазъи умумии соҳаи чорводорӣ таъсири мусбат расонд;

- дар тамоми кишварҳои аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла, дар ҷумҳурии мо низ масъалаҳои индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии қишлоқ босуръат ҷараён дошт, ки ин истеҳсолоти колхозиро мустаҳкам карда, сатҳи мадании аҳолӣ баланд бардошта шуд;

- чорводорӣ яке аз соҳаҳои калонтарин ва асоситарини хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар ин давра ба ҳисоб мерафт, ки дар солҳои пешазҷангӣ, аниқтараш то соли 1931 (бо сабаби ба маркази ҳаракати босмачигарӣ табдил ёфтани минтақ) ин соҳаи ҳаётан муҳим ба қадри зарурӣ инкишоф наёфт;

- баъди азнавбарқароркунии хоҷаги қишлоқи вилоят то оғози Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ соҳаи чорводорӣ рушд ёфта, меҳнаткашони вилоят ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашта, давлат ва аҳолии кишвари худро бо гӯшт, пашм, шир ва ғайра таъмин мекарданд;

Ҳамин тавр, дар ҳар марҳилаи рушди кишвар қудрати иқтисодии он, асосан, аз амнияти озуқаворӣ муайян карда мешавад. ҶШС Тоҷикистон, ки аз солҳои барпошавии Ҳукумати Шӯравӣ ва торумори дастаҳои босмачигарӣ таҷрибаи таърихӣ дошт, тамоми халқи тоҷик ба дифои кишвар бархоста, корнамоии бузурге ба амал оварданд. Аз ин рӯ, имрӯз,

барои пешбурди сиёсати созандаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарки амиқи таърихӣ ва дарсҳои ибратомӯзи гузашта муҳим аст.

## 1.2. Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ

Бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои мудофиаи Ватан ва таъмини ҷабҳаҳо дар назди Ҳукумати ИҶШС масъалаи ниҳоят муҳими дар асоси ҳарбӣ аз нав сохтани хоҷагии қишлоқ, тарбияи кадрҳо, баланд бардоштан рӯҳияи меҳнаткашони деҳот дар соҳаҳои пешбарандаи хоҷагии қишлоқ, шаклу усулҳои кори ташкилотчигӣ ва оммавӣ-сиёсии сокинони деҳот, иштироки онҳо дар ҳаракати ватандӯстона барои ёрӣ ба фронт ба вуқӯъ омад. Меҳнаткашони деҳот дар солҳои аввали ҷанг ба душвориҳои калон дучор гардиданд. Базаи моддию техникии хоҷагии қишлоқ суст шуда буд ва сабаби воқеӣ он буд, ки барои эҳтиёҷоти фронт мошинҳо, тракторҳо, аспҳо қисман барои ҷабҳа сафарбар шуданд. Дар он давра дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ барои таъмир қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва ғайра ба қадри кифоя намерасид, шумораи зиёди аҳолии қобили меҳнат дар деҳот ба ҷанг, қисми мардҳо ба заводҳо, шахтаҳо, ба сохтмони истеҳкомҳо сафарбар шудаанд.

Аз нимаи дуюми солҳои 20-ум асри XX дар ҶШС Тоҷикистон чун тамоми давлатҳои аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ маъракаи саросар колективонидани соҳаи кишоварзӣ оғоз гардида, баҳори соли 1930 дар Тоҷикистон чор адад ПМТ дар ноҳияҳои пахтакори Чиптура (н.Шаҳринав), Арал, Саройкамар (н.Панҷ) ва Шаҳритус бунёд гардиданд, ки дар ихтиёри онҳо 300 адад тракторҳои гуногунтамға ва дигар намуди техникаи кишоварзӣ буд[1].

Аввалин Пойгоҳи мошинутракторӣ (ПМТ) дар вилояти Кӯлоб соли 1931 дар ноҳияи Фархор ва Кӯлоб таъсис дода шуд.[2] Раванди ташкил ва

[1]Ҳотамов Н., ДавлатхоҷаД., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе, 2011. - С.427.
[2]Кӯлоб. Энсиклопедия. - Душабе, 2006. - С. 211 .

таъсиси ПМТ дар вилояти Кӯлоб то соли 1939 бо як суръати баланд пеш мерафт, ки дар вилоят боз 5 ПМТ дар ноҳияҳои Қизилмазор (н.Темурмалик) (соли 1934), Данғара (соли 1935), Колхозобод (н.Восеъ) (соли 1936), Муъминобод (соли 1936) ва ноҳияи Ховалинг (соли 1938) таъсис дода шуд, ки ин ба таъмини хоҷагии қишлоқ бо техникаи кишоварзӣ дар вилоят таъсири мусбат мерасонид[1].

Ҳамин тариқ, то оғози ҷанг дар соҳаи кишоварзӣ техникаҳо ва асбобҳои гуногун истифода мешуданд, ки аз онҳо тракторҳо, комбайнҳо ва мошинҳо зиёдтар маъмуланд. Тракторҳо бо хусусият (чархдор ва тасмачарх), таъйинот (таъйиноти умумӣ ва киштшаванда), навъи сӯзишворӣ (тавлиди газ, дизел, керосин, бензин), тамғаҳо (ХТЗ , Т2Г, ЧТЗ, СГ-65, ЧТЗС-60, ЧТЗС-65, СТЗ, НАТИ, УН-2) фарқ мекарданд. Тавсифи муфассали техникии баъзе моделҳои трактор аз фарқияти онҳо шаҳодат медиҳад. Масалан, трактори СТЗ, НАТИ бо муҳаррики 53 қувваи асп, бо сӯзишвории керосинӣ, трактори чархдори УН-2 бо муҳаррикӣ 24 қувваи асп, бо сӯзишвории керосин кор мекарданд.

Ҳангоми таҳлили шумора ва қувваи кории Пойгоҳҳои мошинутракторӣ одатан, шумораи мавҷудаи тракторҳоро ба назар мегиранд, ки ин чандон дуруст нест, зеро дар баробари шумораи тракторҳо, бояд тавоноии онҳо, ки бо қувваи асп ифода карда мешаванд ба инобат гирифта шавад. Чунки, таҳлили маълумот дар бораи ҳаҷми умумии кори ПМТ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳамияти калони техникӣ дорад. Барои ҳисоб кардани ҳаҷми умумии кори тракторҳо ба гектарҳои маъмулӣ бо истифода аз коэффитсиентҳои махсуси муқарраршуда анҷомдода мешуд. Бо назардошти шароити гуногуни маҳаллӣ барои минтақаҳои алоҳида коэффитсиентҳо муқаррар карда мешуданд.

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР. 1938—1958 гг. - Душанбе, 1985. - С. 49.

Коэффитсиентҳои табдил додани корҳои гуногун ба гектарҳои оддии шудгор, ки онро Нақшаи давлатии ИҶШС тасдиқ кардааст, инҳо буданд: шудгор кардани заминҳои нарм - 1,0, шудгор кардани замини сахт барои лаблабуи канд - 1,4, кишт - 0,3, кишти ғалладона - 0,3, шинондани картошка - 0,9, хошоктайёркунӣ - 0,23, ҷамъоварии ҳосилот - 0,5, шудгори шудгор - 0,5, нешзанӣ - 10.

Чуноне ки аз ҳуҷҷатҳои байгонӣ ва рақамҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, дар солҳои пеш аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб ба раванди таъсис ва таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Вале, бо ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи фашистӣ ба сарзамини Иттиҳоди Шӯравӣ, меҳнати осоиштаи халқҳои бародари Шӯравӣ қатъ гардида, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муқобили душманони фашистӣ оғоз шуд[1].

Ҳарчанд Тоҷикистон аз хаттӣ фронт ҳазорҳо километр дур буд, бозсозии хоҷагии халқ, зарурияти зиёд намудани истеҳсоли зироати ғалладона, васеъ намудани майдонҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва аз худ кардани техникаи нав ба миён омад. Оғози ҷанг ба кормандони соҳаи кишоварзӣ, минҷумла, ба коркунони ПМТ-и ҷумҳурӣ бениҳоят душвориҳои зиёд овард.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷумҳурӣ ворид кардани қисмҳои эҳтиётӣ барои тракторҳо ва мошинҳои хоҷагии қишлоқ коҳиш ёфт. Дар соли 1940 қисмҳои эҳтиёти барои тракторҳо ба маблағи 2883 ҳазор рубл ворид карда шуда бошад, дар давоми 9 моҳи соли 1943 ҳамагӣ 648 ҳазор рубл таҷҳизот харидорӣ шуда буду халос. Ҳол он ки талаботи яксола барои харидории қисмҳои эҳтиётӣ ба 4 миллион рубл баробар буд. Воридоти ками қисмҳои эҳтиётӣ ба ҷумҳурӣ талаботи Пойгоҳҳои мошину- тракториро ҳамагӣ 20-25% иҷро менамуд[2].

---

[1]История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) Под общей редакцией академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М.Масова. - Душанбе, 2011. - С.31.

[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане(1917-1965 годы). - Душанбе,1968. - С.176

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ тибқи талаботҳои муқаррарошуда тайёр кардани тракторчиён барои солҳои 1941-1942 бо шумораи 1340 нафар, ки аз ин шумора 70 %-и онро занон ташкил мекарданд, тасдиқ карда шуд[1]. Бинобар ин, вазъи мавҷуда талаб мекард, ки тамоми кори ПМТ ба таври низомӣ таҷдид карда шавад. КМ ҲК (б) ва Шӯрои Комисарҳои Халқии ҷумҳурӣ 11 июли соли 1941 қарор «Оид ба тағйироти нақшаи корҳои тракторӣ барои соли 1941 дар МТС-ҳои ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул кард[2]. Дар қарори мазкур оид ба масъалаи ихтисор кардани Парки тракторӣ, зарурияти сарфа кардани сӯзишворӣ ва имкони иҷро кардани баъзе корҳои сабуки саҳроӣ дарҷ гардида буд.

Дар маҷӯъ нақшаи корҳои тракторӣ дар ҶШС Тоҷикистон то соли 1941 дар ҳаҷми 10050 гектар бо гузариш ба ҷуфти сабук тасдиқ карда шуда буд. Аммо ин ҳаҷми кам кардашудаи корҳои саҳроӣ 81,6% иҷро шуд. Дар соли 1941 ҳамагӣ 887859 гектар замини шартӣ аз худ карда шуда буд[3].

Маълумоти овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар солҳои аввали ҷанг (1941) дар бисёр ПМТ-и ҷумҳурӣ яку якбора истифодабарии онҳо мушкилтар шуд, ки аниқтараш то солҳои минбаъда (1942-1943) ин раванд давом дошт. Зеро бисёр колхозҳо бо тракторҳо то ин вақт таъмин нашуда буданд ва ё бисёре аз онҳо аз кор баромада буданд. Масалан, ҳамагӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шумораи тракторҳои дар ПМТ-и ҷумҳурӣ аз 3 116 ададӣ вуҷуд дошта, нисбат ба соли 1940 то 1 январи соли 1946, 2354 адад кам шуд[4].

Носозии ҳолати техникии тракторҳо ва комбайнҳо дар соли 1942 дар вилояти Кӯлоб боиси тез-тез вайрон шудан ва садамаҳо мегардад, ки ин ба сари вақт иҷро нагардидани нақшаи шудгор дар вилоят мешуд. Масалан, то 1-уми январи соли 1942 нақшаи шудгор дар ноҳияҳои вилоят 44,1 % ва

---
[1]Ҳамин ҷо: С.173.
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане(1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.175
[3]Ҳамин ҷо: - С.176
[4]Ҳамин ҷо: - С.176

шудгори заминҳои кишти пахта бошад 29,4 % иҷро гардидааст[1]. Нақшаи корҳои кишоварзӣ барои соли 1942 аз ҷониби Комисариати халқии кишоварзии ҶШС Тоҷикистон аз 15.12.1941 барои вилояти Кӯлоб пешниҳод карда шуда буд. Дар ин замина Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб «Нақшаи корҳои кишоварзӣ ва тадбирҳои рушди он дар вилояти Кӯлоб барои соли 1942»-ро баррасӣ карданд[2].

Мувофиқи ин дар соли 1942 нақшаи корҳои тракторӣ дар вилояти Кӯлоб дар ҳаҷми умумии 92 550 гектар дар асоси кори ПМТ-и вилоят аз ҷониби роҳбарияти ПМТ тасдиқ ва бе чунучаро бо иқтидори кории парки трактории вилоят бо иқтидори 12 340 қувваи асп иҷро карда шуд[3].

Дар ин сол дар вилояти Кӯлоб ПМТ дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Колхозобод, Муъминобод (ПМТ-Дзержинская), Қизилмазор, Данғара ва Ховалинг фаъолият мекард, ки нақшаи таъмири трактор ва комбайнҳоро дар соли 1942 бо муваффақият иҷро намуданд[4].

Директорони ПМТ-и ноҳияҳои Фархор ва Ховалинг дар байни бригадаҳои таъмиркунии тракторҳо кори таъмири тракторҳо бо суръати замони ҷанг ташкил карда буданд. Дар натиҷа ПМТ-и ноҳияи Фархор нақшаи таъмири тракторҳоро 171,4 % ва ПМТ-и ноҳияи Ховалинг 101% иҷро намуданд[5].

Умуман, аз моҳи январ то моҳи июни соли 1942 57 адад трактори тамғаи СТЗ, 26 адад тракторт тамғаи НАТИ, 11 адад трактори тамғаи ЧТЗ, 14 адад тракторт тамғаи Универсал, 28 адад комбайни тамғаи Коммунар ва 14 адад ғаллатозакунаки МК 1100 дар ПМТ вилоят пурра аз таъмир баровarda шуданд[6].

---

[1]Ба кишти тирамоҳӣ болшевикона тайёр шавем //Ҳақиқати Кӯлоб. №4 (598), 11-уми январи соли 1942. С.1.
[2]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.28.В.160.
[3]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.28.В.160.
[4]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.28.ВВ. 172,175,176,179,180,184.
[5]Соҳибов Х. Ба ремонти тракторҳо эътибори ҷиддӣ дода шавад //Ҳақиқати Кӯлоб. №5 (599), 15-уми январи соли 1942. С.4.
[6]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.28.В.186.

Суръати таъмири тракторҳо дар ПМТ-и вилоят, гарчанде ки дар соли 1942 пурра ба анҷом расида бошанд ҳам, ҳанӯз ҳам ғайриқаноатбахш буданд, хусусан, барои таъмири асосӣ. Аммо қитъаи аз ҳама фаромушшуда ва беназорати ПМТ таъмири асбобҳои присепи трактории хоҷагии қишлоқ буд, ки бо дароз ва кашола шудани муҳлати шудгор, ба кишту кор ва сифати кор таъсири манфӣ расонида, ба паст шудани ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ оварда расонд. Дар ин бобат мушкилии дигар норасогии мутахассисони соҳа, набудани миқдори кофии сӯзишворӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ ба кори ПМТ низ таъсири манфӣ расонд.

Ҳадафи аслии роҳбарияти ПМТ ба вуҷуд овардани имкониятҳое, ки ин норасоиҳоро аз ҳисоби нафарони дар ақибгоҳ монда (бисёртар аз ҳисоби занону духтарон) пурра намоянд. Дар ин ҳолат КМ ҲК(б) дар вилояти Кӯлоб ва роҳбарияти ПМТ-и вилоят ягона роҳи аз ин норасоӣ (мутахассисони техникӣ) баромаданро дар баланд бардоштани савияи дониши техникии мардум, аз ҷумла, занон медид.

Дар чунин шароити ниҳоят душвор Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ховалинг баробари эътибори ҷиддӣ додан ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, диққати асосиро ба корҳои саҳроӣ ҷалб намудани занону духтарон медод. Махсусан, дар ноҳия маҳфилҳои омӯзиши «Курси мухтасари таърихи ВКП(б), курсҳои тракторчигӣ, ҳисобчигӣ» ва ғайра ташкил намуда, дар онҳо 2260 нафар занону духтарон ба таҳсил фаро гирифта шуд[1].

Акнун ба ҷойи собиқ ронандагони ба фронтрафта занон соҳибкасб шуда, хизмати халқу Ватанро адо менамуданд. Моҳи июли соли 1941 дар маркази ноҳияи Ховалинг курси тайёр кардани тракторчиҳо ташкил карда шуд. Дар ин курс 42 нафар занону духтарони ноҳия ба касбомӯзӣ сар карданд. Дар таҳсили ҳаррӯза Давлатова Алоҳида, Забирова Гулсунбӣ, Афғонова Ҳарамгул, Назарова Бибисоро, Қосимова М. ва

---

[1]Исуфов Ш.В. Машинно-тракторные станции Кулябской области в годы Великой Отечественной войны //Урал индустриальный. Бакунинские чтения: материалы XIV Всероссийской научной конференции. - Екатеринбург, 16–17 ноября 2020 г.; в 2 т. Т. 1.– Екатеринбург: ООО Изд-во УМЦ УПИ, 2020. - С.566.

дигарон фаъолияти қаноатбахш нишон дода, ҳамчунин, бо баҳои аъло мехонданд[1].

Дар натиҷаи ташкил намудани курсҳои махсуси техникӣ (тракторӣ) дар ноҳия бригадаҳои тракторӣ ташкил мешуданд. Дар онҳо тракторчиҳои соҳибтаҷриба Монтров, Писарченко, Жилобин ва Шиповалов роҳбарӣ мекарданд. Бригадирҳо Носов, Гардеев, Кротаев, Монтров ва Шиповалов корро дар асоси мусобиқаҳои сотсиалистӣ ба роҳ мемонданд, ки натиҷаҳои назаррас ба бор меоварданд.

Масалан, моҳи июни соли 1942 дар ноҳияи Ховалинг 6 бригидаҳои тракторӣ ташкил карда шуд. Ба бригадаи рақами №1 Коротаса А., ба бригадаи №2 Аслонов А., ба бригадаи №3 Раҳимов Наим, ба бригадаи №4 Нелюбим А, ба бригадаи №5 Буйков Ф, ба бригадаи №6 Волинсев Ч., роҳбарӣ мекарданд. Аъзоёни бригадаи №1 тракторӣ аз колхози ба номи Максим Горкий Шарифов Нозим, Сафарова Мушкиниссо, Расулова Иронбӣ ва Файзов Шерхон дар тамоми соҳаҳои кори колхоз фаъолият нишон дода, меъёри кории ҳаррӯзаи худро 100-130 % иҷро мекарданд[2].

Тракторчиёни пешқадам аз ҳисоби мардон дар солҳои мудҳиши ҷанг дар ноҳияи Ховалинг Назаров Яраш, Ятим Саид ва Маҳмад Ёрак ба шумор мерафтанд. Аз ҳисоби тракторчизанон Давлатова Алоҳида, Гулсуной Забирова, Афғонова Ҳарамгул, Назарова Бибисоро, Қосимова М. ва дигарон буданд, ки намунаи баланди ибрату ҷасорат нишон медоданд[3].

ПМТ-и ноҳияи Колхозобод бошад, дар солҳои авввали таъсисаш (1936) дар ихтиёри худ 60 адад тракторҳои гуногунтамға ва 3 адад комбайни ғалладаравӣ дошт. Дар ПМТ 77 нафар корманд кор мекард, ки директори он Иван Михайлович Рудниченко буд[4]. Дар солҳои Ҷанги

---

[1]Амир Сайиди Мункӣ. Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С.266
[2] Назаров Б. Фаъолона кор мекунем. Болшевики Ховалинг. 29 майи соли 1941.
[3]Амир Сайиди Мункӣ. Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С.267.
[4]Ёдгорӣ Н., Ҳафизов Д., Раҳмат П., Холзода М. Зиндагӣ дар пояи ду кӯҳи намак (ноҳияи Восеъ: таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои он). - Душанбе, 1994. - С.34.

Бузурги Ватанӣ ПМТ-и ноҳия ҳамаи талаботи колхозҳои ноҳияро пурра иҷро карда наметавонист.

Яке аз муваффақиятҳои ПМТ-и ноҳияи Колхозобод, ки дорои 14 бригадаи тракторӣ буд, ҳамаи тракторҳо дар саҳроҳои колхозӣ барои ҳосили баланд кори заминрониро дар асоси замони ҷанг пеш мебурданд. Дар байни ронандагони трактор ва коллективӣ коркунони ПМТ корҳои агитасионӣ - эзоҳотӣ нағз ба роҳ монда шуда буд. Масалан, бригадаи трактории Гончаренко дар колхози ба номи Сталин 300 гектар замин шудгор карда, нақшаи заминронии худро барзиёд иҷро кард. Тракторист Макусин Иван бо трактори тамғаи «ЧТЗ» дар як вақт 10-11 гектар замин ронда, нақшаи коркарди худро 107-190 % иҷро мекард[1].

Инчунин, ронандагони трактор Қурбонов А., Одинаев Н., Камолов Х. ва дигарон дар кишти чигит (пумбадона) меъёри ҳаррӯзаи худро 140-150% иҷро мекарданд[2].

Ронандагони тракторҳои ПМТ -и ноҳияи Кӯлоб дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар фронти меҳнат монда нашуда, шабу рӯз фидокорона ва софдилона кор мекарданд. ПМТ-и ноҳияи Кӯлоб дорои 11 бригадаи тракторӣ буда, дар байни онҳо корҳои оммавӣ-сиёсӣ хеле хуб ба роҳ монда шуда буд[3].

Мувофиқи сарчашмаҳои бойгонӣ то 1-уми июни соли 1942 дар Кӯлоб-8 адад ПМТ фаъолият мекарданд[4].

ПМТ-и вилояти Кӯлоб бо теъдоди 8 адад дар ин муддат фаъолияти босамар намуда, то 1-уми январи соли 1943 нақшаи корҳои техникирро 85,3 % иҷро намуд[1].

---

[1]Ҳасанов М. Бригадаҳои тракторӣ дар киштзорҳои колхозӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №32 (626), 6-уми апрели соли 1942. С.3.

[2]Тағоев А. Барзиёд иҷро мекунанд //Ҳақиқати Кӯлоб. №31 (624), 4-уми апрели соли 1942. С.2.

[3]Қурбонов Қ. Кор дар бригадаи № 10 //Ҳақиқати Кӯлоб. №36 (632), 21-уми апрели соли 1942. С.2.

[4]Списки, свидения, характеристики партийных органов на передовиков сельского хозяйства по Гармской, Горно-Бадахшонской, Кулябской, Курган-Тюбинской, Ленинободской, Ура-Тобинской областям Республики, представленных к награде //БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.239. В. 27.

Бар зами он ки хоҷагии қишлоқи вилоят ба ҳолати ҷангӣ буд, корҳои техникӣ (тракторӣ) дар вилоят бо рӯҳияи баланди меҳнатдӯстӣ пеш мерафт. Масалан, ПМТ-и ноҳияи Қизилмазор то 20-уми октябр ва ПМТ-и ноҳияи Кӯлоб то 15-уми декабри соли 1942 нақшаи корҳои тракториро пеш аз муҳлат иҷро намуданд[2].

Дар иҷроиши нақшаҳои корҳои тарктории соли 1942 дар вилоят нақши шуъбаҳои сиёсии ПМТ низ назаррас мебошад. Бо вуҷуди душвориҳое, ки ҷанг ба бор овард, соли 1942 дар кори ПМТ беҳбудӣ ба назар мерасид. Корҳои саҳроӣ дар ин давра бештар бо тракторҳо (аз рӯи шудгори анъанавӣ) 78,958 гектар гузаронида шуд[3]. Аммо, дар маҷмӯъ дар вилоят нақшаи корҳои тракторӣ 85,3 % иҷро шуд. 8 ПМТ-и дар вилоят мавҷудбуда, ба 211 колхози вилоят ёрии техникӣ мерасонид. Дар ин колхозҳо 28 ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ, бо фарогирии 134 аъзои Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқ (болшевикон) (ҲКУ(б) (ВКП(б)) ва 43 номзад, гурӯҳи ҳизбии комсомолӣ-6, бо фарогирии 13 аъзои ҲКУ(б), 4 номзад ва 68 комсомол, ташкилоти комсомолӣ 207, бо фарогирии 3501 аъзои комсомолҳо буданд, ки дар кори шуъбаҳои сиёсии назди ПМТ дар вилояти Кӯлоб фаъолият менамуданд[4].

Таҳлили муқоисавии фаъолияти чанде аз кормандони Пойгоҳҳои мошинутрактории вилояти Кӯлоб нишон медиҳад, ки кор ва натиҷагирӣ дар ин корхонаҳо ба имконияти кадрӣ ва базаи моддӣ-техникӣ вобаста буд[5].

Дар ин баробар, масъалаи муҳими кори ПМТ дар вилояти Кӯлоб ба сӯзишворӣ таъмин намудани техникаи кишоварзӣ буд, чунки бо ҳарбӣ кунонидани корхонаҳои саноатӣ воридоти он ба ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ба вилояти Кӯлоб сол то сол коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, кормандони ПМТ-ро

---

[1]Отчет Кулябского ОК КП(б) Таджикистана //Отчеты сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана, за 1942. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.186. В. 118.
[2]Отчет Кулябского ОК КП(б) Таджикистана //Отчеты сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана, за 1942. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.186. В. 118.
[3]Ҳамин ҷо: В. 133.
[4]Ҳамин ҷо: В. 134.
[5]Ҳамин ҷо: В. 134.

зарур буд, ки ҳар як килограмм маводҳои сузишворӣ ва равғанҳои молиданиро сарфа намоянд.

Барои бартараф кардани ин мушкили Кумитаи Марказии ВЛКСМ (ИУЛКҶ) (Иттифоқи умумишӯравии ленинии коммунистии ҷавонон) «Оид ба дар ПМТ ташкил кардани нуқтаҳои назоратӣ аз ҳисоби ҷавонон барои мақсаднок ва дуруст истифода кардани маводи сӯзишворӣ», қарори махсус қабул кард. Онҳо бояд барои дуруст истифодабарии сӯзишворӣ назорат бурда, барои ҳарчӣ зудтар бартараф кардани вайроншавии тракторҳо, ки ба зиёд хароҷот кардани сузишворӣ боис мешуданд, кор мебурданд. Пас аз қабули қарори мазкур нуқтаи назоратии комсомолӣ дар назди ПМТ-и вилояти Кӯлоб ба даст овардани (сарфа намудани) 43 тонна а сузишворӣ комёб гаштанд[1].

Ҳамин тавр, ба мустаҳкамшавии базаҳои техникии хоҷагии қишлоқ қарори қабулкардашуда таъсири худро расонид. Зеро дар соли 1942 ПМТ вилояти Кӯлоб дар сарфаи сӯзишвори ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Масалан, ПМТ Қизилмазор дар ин сол нақшаи корҳои таракториро 103% ва ба маблағи 19,900 сум сузишворӣ сарфа намуд, ПМТ Кӯлоб нақшаи корҳои таракториро 100% ва ба маблағи 3000 сум сӯзишвориро сарфа намудаанд[2].

Ба ин муносибат, 23 январи соли 1943 Шӯрои Комиссарони Халқии ИҶШС ва КМ ҲК(б) «Дар бораи таъминоти қисмҳои эҳтиётӣ ва мавод барои таъмири тракторҳо ва мошинҳои кишоварзӣ» қарор қабул карданд. Таклиф карда шуд, ки бригадаҳои таъмирии коргарони баландихтисос таъсис дода, ба ПМТ-и ақибмонда фиристода шаванд, то дар гузаронидани таъмир кумак кунанд. Аз он вақт инҷониб истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ бо фармоишҳои мудофиа баробар карда шуд. Аллакай дар давоми соли 1943 бисёр корхонаҳои саноатии Иттиҳод супоришҳои

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1.П.6. В. 17.
[2]Отчет о работе сельскохозяйственного отдела ЦК КП(б) Таджикистана, за 1942 г. //Экономия горючего. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.184. В. 12.

ҳатмӣ гирифтанд, ки ба нақшаи асосии истеҳсолот дохил карда мешаванд[1].

Дар ҳама ҷо дар заводҳо барои истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии машинаҳои хоҷагии қишлоқ устохонаҳои махсус ташкил карда шуданд, рӯзи кори якшанбе ташкил карда шуд, ки корҳои барзиёдро иҷро мекарданд. Дар сурати мавҷуд набудани лимити ашёи хом, мавод, сӯзишворӣ ва неруи барқ, қисмҳои эҳтиётӣ аз ҳисоби сарфа, истифодаи ивазкунандаҳо ва захираҳои маҳаллӣ истеҳсол мешуданд, ки ҳамаи ин корхонаҳо ба ихтиёри ПМТ ва колхозҳо дода шуданд.

31 декабри соли 1943 Шӯрои Комисарони Халқӣ ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон «Оид ба чорабиниҳо барои беҳтар кардани корҳо дар МТС»-ҳо қарор қабул кард[2]. Дар қарор зарурияти ба ташкили саривақтӣ ва босифати таъмири техника, сарфа кардани ҳама намуди сӯзишворӣ, истеҳсол ва таъмир кардани қисмҳои эҳтиётии кӯҳнашуда бо ёрии корхонаҳои саноатӣ диққати махсус дода шуда буд. Бо мақсади ҳавасмандгардони ПМТ додани Байрақи Сурхи Сайёри КМ ҲК(б) Тоҷикистон ва Шӯрои Комисарҳои Халқии ҶШС Тоҷикистон, барои хуб нишон додани кори ПМТ аз рӯи натиҷаҳои хоҷагӣ: сари вақт ва таъмири босифати тракторҳо ва мошинҳои хоҷагии қишлоқ, иҷро намудани нақшаи корҳои тракторӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ бо мукофотпулиҳо муқарар карда шуда буд.

Дар соли 1943 дар ҷумҳурӣ 53 адад ПМТ бо иқтидори 2878 адад трактор, аз ҷумла: СТЗ-1664 адад, СТЗ-НАТИ-158 адад, Универсал- 968 адад ва ЧТЗ-64 ададро ташкил медод[3].

Нақшаи солонаи корҳои тракторӣ барои соли 1943 аз рӯи гузаштан ба шудгори шартӣ 700 ҳазор гектар муайян шуда буд, ки иҷроиши нақша 634,3 ҳазор гектар ё 91 %-и нақшаро ташкил дод[1].

---

[1]История советского крестьянства. В 5 т. Т. 3. Крестьянство накануне и в годы Великой Отечественной войны, 1938 – 1945 . - Москва,1987. - С. 201-203.

[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.177

[3]Отчет о работе сельско-хозяйственного отдела ЦК КП(б) Таджикистана, за 1943 г. //Работа МТС. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.214. В. 45.

Ба душвориҳои гуногун ва камбудиҳо нигоҳ накарда дар кори ПМТ ба колхозҳо барои гузаронидани корҳои хоҷагии қишлоқ дар давоми ҳамаи солҳои ҷанг ёрдами калони худро расонидаанд.

Соли 1944 барои кормандони ПМТ ҷумҳурӣ соли хеле вазнин ва мураккаб буд. Мисли пештара тракторчиён ва механикҳо намерасиданд. Кадрҳое, ки нав маълумоти тракторчигӣ ва малакаи кориро аз худ карда буданд, ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ сафарбар карда мешуданд. Дигар масъалаи ташвишовар дар ин сол ба ҳолатҳои вазнин дучор гардидани ПМТ буд, зеро қисмҳои эҳтиётии нав қариб, ки ворид карда намешуд. Таъминоти сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ба қадри лозимӣ намерасид. Чунин ҳолат ба он оварда расонид, ки нақшаи иҷроиши корҳои тракторӣ дар саҳро соли 1944 иҷро карда нашуд ва дараҷаи механизатсияи хоҷагии қишлоқ паст фаромад.

Соли 1944 дар дар ихтиёри ПМТ ҷумҳурӣ 3072 адад трактор буд, ки аз ин шумора 191 адад трактор дар солҳои 1942-1943 ва 208 адад трактор аз таъмири тирамоҳӣ-зимистонии соли 1944 баровардa нашуданд ва дар корҳои трактории соли 1944 иштирок накарданд[2].

Ҳамин тариқ, шумораи умумии тракторҳое, ки дар кори ПМТ иштирок накарданд, то соли 1944 ба 399 адад расид, ки аз инҳо тамғаҳои навъи трактори СТЗ-127 адад, Универсал-181 адад, ЧТЗ-27 адад, СТЗ-НАТИ-64 адад расида буд[3].

Вале аз сабиби он ки нақши ПМТ дар истеҳсолоти колхозӣ дар солҳои ҷанг бағоят бузург буд, деҳқононро зарурат пеш меомад, ки аз тракторҳо, мошинҳо ва дигар асбобҳои техникии хоҷагии қишлоқ пурра истифода баранд. Аммо на ҳамаи ПМТ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла, дар вилояти Кӯлоб фаъолияти хуб доштанд. Масалан, ПМТ Ховалинг, Муъминобод, Қизилмазор нақшаи солонаи худро пурра иҷро карда натавонистанд. Таъмири таракторӣ дар соли 1944 дар вилоят 10,5% иҷро

---

[1]Ҳамин ҷо: В. 46.
[2]Отчет оработе сельхозотделов ЦК КП(б) Таджикистана, за время с 1 января по 1 мая 1944 года и мотериалык нему// БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.274. В. 15.
[3]Ҳамин ҷо: В. 15.

гардидааст, ки ин нишондод нисбат ба дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ хеле кам буд[1].

Мувофиқи ҳолати техникӣ ПМТ-и вилояти Кӯлоб дар охири кори мавсими баҳории соли 1945 назар ба соли гузашта хубтар баромад, аммо ба нишондиҳандаҳои пеш аз ҷанг нарасид. Агар дар соли 1944 ҳаҷми корҳои тракторӣ 9365 гектарро ташкил дода бошад, пас, дар соли 1945 он ба10300 гектар афзоиш ёфт[2].

Бо вуҷуди ин ҳама далелҳои ноумедкунанда, кори ПМТ дар солҳои охири ҷанг беҳтар шуда буд ва таъмири техникаи кишоварзӣ низ бомуваффақияттар анҷом дода мешуд. Ҳамаи инҳо ба туфайли зиёдтар бо қисмҳои эҳтиётӣ ва сӯзишворӣ таъмин кардани ПМТ имконпазир гардид.

Ба марҳилаи ниҳоии ҷанг наздик шуда, Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҶШС Тоҷикистон барои пешрафти кишоварзӣ дар колхозҳои вилояти Кӯлоб тамоми чораҳоро меандешад. КМ ҲК(б) ва ШКХ ИҶШС «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани хоҷагии қишлоқ» қарор қабул карданд. Дар ин асос колхозҳо ва Пойгоҳҳои машинутрактории вилояти Кӯлоб вазифадор шуда буданд, ки ҳамаҷониба ба баланд бардоштани ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ, зиёд кардани ҳосили умумии ғалла ва, пеш аз ҳама, барои зироати муҳимтарини ғалладона - гандуми баҳорӣ, инчунин, афзоиши саршумори чорво, баланд бардоштани маҳсулнокии он, алалхусус, дар минтақаҳои ғаллакории вилоят ба иҷро расонанд. Масалан, масоҳати майдони кишти ноҳияи Қизилмазор агар дар соли 1941 30625 гектарро ташкил диҳад, дар соли 1944 майдони кишти зироатҳои ғалладона 10 ҳазор гектар афзуда, он 40670 гектарро ташкил медод[3].

---

[1]Тракторҳо ва асбобҳои хоҷагии қишлокро ба баҳор тайёр кунем //Ҳақиқати Кӯлоб, №4 (805), 20-уми январи соли 1944.
[2]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.6. В. 14.
[3]Алимов Д.Х. Историография вклада труженников тыла Хатлонской области Республики Таджикистан в годы Великой Отечественной Войны (1941 – 1945 гг.) //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал), № 3/5(93). – Душанбе, 2012. -С.13.

Бо ба охир расидани ҷанг тамоми қувваҳо барои баланд бардоштани сатҳи кишоварзии ҷумҳурӣ равона карда шуданд ва, аз ин рӯ, кишти баҳории соли 1945 муташаккилтар шуд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқи вилоятро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- новобаста ба он ки вориди техникаи кишоварӣ бо оғоз гардидани ҷанг ба ҷумҳирӣ, аз ҷумла, ба вилояти Кӯлоб қатъ гардид, меҳнаткашони вилоят ҳамон техникаҳои то замони ҷанг воридшударо дуруст ва эҳтиёткорона нигоҳ дошта, новобаста аз шароити вазнини ҳарбӣ, вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро мекарданд;
- дар давоми солҳои ҷанг вориди маводи сӯзишворӣ низ ба вилоят кам гашт, аммо бо туфайли реҷаи сарфакорона, ҷустуҷӯи захираҳои дохилӣ ва кумаки корхонаҳои саноатии шаҳр дар таъмини қисмҳои эҳтиётӣ, кормандони ПМТ, механизаторҳои вилояти Кӯлоб тавонистанд мушкилоти замони ҷангро бартараф намоянд;
- колхозҳо ва Пойгоҳҳои машинутрактории вилояти Кӯлоб ҳамаҷониба кӯшиш намуданд, ки ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқро, аз қабили зиёд кардани ҳосили умумии ғалла, инчунин, афзоиши саршумори чорво, баланд бардоштани маҳсулнокии он, алалхусус, дар минтақаҳои ғаллакории вилоят ба иҷро расонанд;

## 1.3. Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд, аз сафарбаркунии мардони қобили меҳнат ба фронт ва деҳқонони вилоят ба душвориҳо дучор омаданд. Ҷанг беш аз пеш қувваи кориро талаб мекард. Зеро бисёре аз кормандони соҳаи кишоварзӣ ба сафи Артиши Сурх даъват карда шуданд, ки шараф ва истиқлолияти Ватанро ҳифз кунанд. Ҷойи онҳоро лозим буд,

ки кадрҳои нав, асосан, аз ҳисоби аҳолии ба сафи Артиши Сурх даъватнашуда иваз намоянд.

Дар назди ташкилоти ҳизбӣ ва ҳукумат мушкилии ҷиддӣ ба миён омад, ки дар як вақти кӯтоҳ бояд мутахассисонро зуд таълим ва омода намояд, то онҳо нафарони ба фронт рафтаро пурра иваз намоянд. Бо ин мақсад, дар ҷумҳурӣ шабакаи васеи семинарҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзиш аз рӯи касбу ихтисосҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ ташкил карда шуд. Соҳаи истеҳсолот, асосан, аз ҳисоби меҳнати занон афзоиш ёфт ва баробар ба онҳо мардони нафақахӯр ва наврасон низ саҳми худро гузоштанд. Албатта, мардоне, ки дар колхозҳо монда буданд, дар корҳои идоракунӣ ва ё дар ПМТ кор мекарданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 34,5 миллион нафар аҳолии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ ҷалб шуда буданд[1], ки дар байни онҳо аз Тоҷикистон 300 ҳазор нафар буд[2]. Вазъи мавҷудаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба он оварда расонид, ки қариб тамоми иқтисодиёти ИҶШС фалаҷ шавад. Аммо ин тавр нашуд, зеро қувваи асосии воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии давлати Шӯравӣ аз рӯзҳои аввали муҳорибаҳои ҳарбӣ, аз ҷониби занон, мардони нафақахӯр ва наврасон таъмин карда мешуд ва вазифаҳои дар назди меҳнаткашони ақибгоҳ истодаро иҷро мекарданд. Онҳо тавонистанд дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳалли мушкилоти норасои кадрҳое, ки барои корҳои кишоварзӣ сафарбар шудаанд, саҳми муайяни худро гузоранд.

Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ теъдоди мутахассисони дорои маълумоти олӣ, ки дар соҳаи хоҷагии қишлоқи ИҶШС кор мекарданд

[1]Е. Ю. Волкова. Роль женщин в тылу в годы Великой Отечественной войны.//Великая Отечественная война и проблемы национальной безопасности современной России. Международная научно-практическая конференция к 75-летию Победы Советского Союза над фашистской Германией. - Оренбург, 23—25 апреля 2020 г. - С. 50.

[2]Убайдулло Н. К. К вопросу о периодизации историографии Таджикистана в годы Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. //Труд во имя Победы: трудовые ресурсы и экономика Урала и Центральной Азии в годы Великой Отечественной войны : сб. науч. ст. / редкол.: Н. А. Антипин, И. В. Сибиряков. - Челябинск : Издательский центр ЮУрГУ, 2021. - С. 528.

909,0 ҳазор нафарро ташкил медод, ки аз ин шумора тоҷикон 0,3 ҳазор нафарашро ташкил мекарданд[1].

Дар маҷмӯъ, солҳои 1941-1942 қисми зиёди директорони ПМТ ва совхозҳо, раисони ҷамоатҳои деҳот ва колхозҳо, аксарияти механизаторон, агрономҳо, мутахассисони соҳаи чорводорӣ аз ҷумҳурӣ ба фронт рафтанд. Бо сабаби сафарбаркунӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои сохтани иншоотҳои дифоӣ, дар соҳаҳои нақлиёт ва сохтмони иншоотҳои ҳарбӣ дар ақибгоҳ, шумораи одамони қобилияти меҳнатидошта дар хоҷагиҳои коллективӣ дар охири соли 1941 назар ба соли 1940 бештар аз нисф кам шуд[2]. Умуман, дар соли 1941 дар ҷумҳурӣ 1584 нафар агроном, зоотехник ва дигар мутахассисон тайёр карда шуд[3]. Ба ғайр аз ин дар курсҳои махсуси семоҳаи тракторчигӣ, ки моҳи сентябри соли 1941 дар ҷумҳурӣ таъсис дода шуда буд, 2000 нафарашро занону духтарон ташкил мекарданд[4].

Дар соли 1941 дар натиҷаи тақсимот 355 нафар мутахассисони соҳаи хоҷагии қишлоқ дар ҷумҳурӣ ба нақша гирифта шуда буд. Аз ин миқдор 64 нафар мутахассисон ба вилояти Кӯлоб фиристода шуд, ки дар байни онҳо 8 нафар зоотехник, 20 агроном, 8 табиби чорво, 14 муҳандиси техникӣ, 5 нафар муҳандиси ирригатсия ва дигар мутахассисон буданд.

Оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муассисаҳои таълимии кишоварзӣ зарари зиёди моддӣ ва маънавӣ овард, зеро таълим ва такмили кадрҳои баландихтисоси хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон аз сатҳи иқтидори пурраи техникии ҷумҳурӣ вобастагӣ дошт. Тайёр намудани кадрҳои механизаторӣ дар ПМТ-и ҷумҳурӣ, асосан, ба ухдаи мактабҳои тайёркунии мутахассисони механизаторӣ дар вилоятҳо таъсис додашуда

---

[1]Большая советская энциклопедия. в 30-ти т.. – 3-е изд.. – М. : Советская энциклопедия, 1969 - 1986. // https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/008/057/482.htm (санаи муроҷиат:13.07.2020.)

[2]История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) Под общей редакцией академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М.Масова. - Душанбе, 2011. - С. 72.

[3]Холҷӯраев Ҳ., Набиев А. Татбиқи сиёсати агратии КПСС дар Тоҷикистон. - Душанбе, 1976. - С.40.

[4] Правда. 11 сентябри соли 1941.

ба роҳ монда мешуд. Ҷалби хонандагон ва шунавандангон ба ин мактабҳо дар шароити Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вазъияти хеле мураккаб мегузашт. Масалан, ба мактаби механизатсияи хоҷагии қишлоқи ноҳияи Шаҳринав, аз вилояти Кӯлоб ба ҷойи 35 нафар танҳо 3 нафар барои таҳсил ҳозир шуда буданд[1].

Барои ҳалли ин масъала кадрҳои нистбатан баландихтисос (механикҳо, бригадирҳо, комбайнчиҳо) аз ронандагони тракторҳо тайёр карда мешуданд. Аз ин рӯ, баъзе аз роҳбарони ПМТ-и барои дохил шудани онҳо ба ин мактабҳои тайёркунии механизаторҳо монеа мешуданд[2].

Инчунин, бисёре аз хонандагон аз сабаби шароити душвор (норасоии синфхонаҳо барои хониш ва набудани манзилҳои зист барои таълимгирандагон, кам будани идрорпулӣ ва ғайра) ба ин мактабҳо намерафтанд ё дар давоми таҳсил онро тарк мекарданд.

ШКХ ҶШС Тоҷикистон 2 апрели соли 1941 қарори № 264 масъалаи «Натиҷаи таълими кардҳои кишоварзӣ ва тадбирҳои амиқ барои соли 1941» - ро муҳокима ва тасдиқ намуданд[3].

Дар баррасии масъалаи мазкур маълум гардид, ки нақшаи тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар соли 1940 дар сатҳи ҷумҳурӣ танҳо 66% иҷро шудааст. Сабабҳои иҷро нагардидани нақшаи омодасозии кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар ин курсҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда қаноатбахш набуд. Масалан, дар ин сол иҷрои нақшаи омодасозии кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар курсҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда дар вилояти Кӯлоб танҳо 48%-ро ташкил медод[4].

Дар соли 1941 мувофиқи нақшаи тайёр кардани кадрҳои ихтисосманди хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби буҷети вилоятӣ ва маҳаллӣ

---

[1]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.173.
[2]Ҳамин ҷо: С.173
[3]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.24. В.73.
[4]Ҳамин ҷо: В.73.

таҳсилкунанда, аз рӯи касбу ихтисосҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ дар вилоят 455 нафарро ташкил медод.

Аз ин рӯ, Кумитаи халқӣ оид ба замини ҶШС Тоҷикистон нақшаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси хоҷагии қишлоқро аз ҳисоби буҷети вилоятӣ ва маҳаллӣ таҳсилкунандаро дар вилояти Кӯлоб тасдиқ кард. Нақшаи тайёр кардани кадрҳои ихтисосманди хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби буҷети вилоятӣ ва маҳаллӣ таҳсилкунанда аз вилоят барои соли 1941 аз рӯи касбҳои гуногуни соҳаҳои хоҷагии қишлоқ 305 нафар аз ҳисоби буҷети вилоятӣ ва 150 нафар аз ҳисоби буҷети ноҳиявӣ буд[1].

Ғайр аз ин, Кумитаи халқии замини ҶШС Тоҷикистон то баҳори соли 1942 нақшаи тайёр намудани гурӯҳи калони механизаторҳо – механикҳо, комбайнчиён, бригадаҳои тракториро таҳия кард[2].

Зеро тайёр кардани кадрҳои хоҷагии қишлоқ барои соли 1942 дар истеҳсолоти колхозӣ ва дуруст ҷо ба ҷо кардани мутахассисон, таълим ва тарбия додани онҳо дар масъалаи иҷро намудани тамоми ҳаҷми корҳои колхозӣ аҳмияти хеле калон дошт.

Бо мақсади зиёд намудани кадрҳои механизаторӣ-тракторӣ дар ҷумҳурӣ ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) аз 18 августи соли 1942 қарорро «Дар бораи дар МТС-ҳо ташкил намудани хонандагони инфиродӣ бо ихтисосҳои тракторчӣ» қабул намуд[3].

Тайёр кардани тракторчиён бевосита дар давраи корҳои агротехникӣ дар саҳро ташкил карда шуд. Дар соли 1942 бо усули омӯзиши инфиродӣ дар Тоҷикистон 1314 нафар тракторчӣ бояд тайёр карда мешуд[4].

Дар амал тайёр намудани тракторчиён бе озод намудани онҳо аз истеҳсолот бо роҳи ба ронандагони ҳар як трактори шудгоркунанда ду нафар шогирдони доимӣ вобаста мешуд, ки кори тракторчигиро меомӯхтанд ва ба корҳои хоҷагидорӣ омода мешуданд.

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.24. В.126.
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.173.
[3]Ҳамин ҷо: С.173.
[4]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945. - Душанбе, 1989. - С 104.

Нақшаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ аз рӯи системаи Комиссариати халқӣ оид ба замини ҶШС Тоҷикистон дар сатҳи вилояти Кӯлоб аз ҳисоби буҷети давлатӣ (ИҶШС) таҳсилкунанда барои соли 1942, 587 нафар буд. Қисми зиёди дар нақшаи омоданамоии кадрҳоро мутахассисони техникии хоҷагии қишлоқ ташкил медод[1].

Аммо вазъияти таъмини хоҷагии қишлоқ бо кадрҳои механизаторӣ, махсусан, тракторчиён ва комбайнчиҳо мураккаб боқӣ мемонд. Нақшаи тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ дар соли 1942, аз ҷумла, тракторчиён 83%, саркорони бригадаҳои тракторӣ 45%, комбайнчиҳо 63%, механикҳои ПМТ 32% ва коргарони таъмиргар 43% иҷро гардид[2].

Дар маҷмӯъ, соли 1942 вилояти Кӯлоб ба муваффақият дар масъалаи омоданамоӣ ва омӯзонидани кадрҳои хоҷагии қишлоқ ноил гардид. Дар ин сол вилоят 1929 нафар мутахассис омода намуд[3].

Инчунин, дар назди шӯрои қишлоқи Лангардараи ноҳияи Даштиҷум бо мақсади тайёр намудани инструкторони мудофиаи зиддиҳавоӣ ва химиявӣ (МЗҲХ- мудофиаи зиддиҳавоӣ ва химиявӣ) кӯтоҳмуддат ташкил карда шуд, ки дар онро 32 нафар хонандагон хатм намуданд. Аз хонандагони ин курс Давлатов Нур, Одинаев А., Ёров Бояк, Сайдалиев Б., Сафаров О. ва Худойдодов курси мазкуррро бо баҳои аъло ва хуб хатм намуданд[4].

Ғайр аз ин, соли 1942 дар вилоят аз ҳисоби омӯзиши инфиродӣ 180 нафар тракторчиён, ки аз онҳо 40 нафар занон, 11 нафар комбайнчӣ (6 нафар занон), 6 нафар ёвари комбайнчӣ, 6 нафар ронандагон, 7 нафар челонгар, 7 нафар оҳангарон, 5 нафар ҳаррот, ки 2 нафари онҳо занон буданд, омода карда шуданд.[5] Инчунин, 106 нафар муҳосибони колхоз, ки

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В.193.
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.174.
[3]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 141.
[4]Мунаваров Н., Ҷалилов В. Курсро тамом карданд //Ҳақиқати Кӯлоб. №30 (621), 31-уми марти соли 1942. С. 2.
[5]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 141.

52 нафари онҳо занон ва 4 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд, тайёр карда шуд[1].

Кумитаи ҳизбии вилояти Кӯлоб ҷавононро ба вилояти Ленинобод ва ноҳияи Шаҳринав бо мақсади омода намудани кадрҳои механизаторӣ фиристод, ки дар соли 1942 дар ин мактабҳои омоданамоии механизаторони хоҷагии қишлоқ механизаторони ПМТ-15 нафар, механики бригадавӣ-45 нафар, комбайнчӣ-10 нафар ва ронанда-13 нафарро ташкил медод[2].

Албатта, ин ҳама ҳанӯз хоҷагии қишлоқи вилоятро бо кадрҳо пурра таъмин наменамуд. Ин ниёзмандии колхозҳои вилоятро ба назар гирифта, шумораи курсҳо ва семинмрҳои омӯзиширо дар вилоят зиёд намуданд. Зеро колхозҳои вилоят ба коргарони соҳибихтисос ниёз доштанд. Масъалаи тарбияи кадрҳо дар ноҳияҳои Колхозобод, Кӯлоб ва Қизилмазор хеле хуб ба роҳ монда шуда буд.

9 январи соли 1943 ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) қарори «Оид ба тийёр кардани тракторчиҳо, комбайнчиён, механикҳо ва саркорони бригадаҳои тракторӣ дар МТС ва совхозҳо» - ро қабул кард[3].

КМ ҲК(б) ва Ҳукумати Шӯравӣ кори тайёр кардани кадрҳои хоҷагии қишлокро ғайриқаноатбахш қайд намуд. Инчунин, қайд гардид, ки гузаронидани корҳои хоҷагии қишлоқ дар соли 1943 аз таъмини пурра ва саривақтии ПМТ ва совхозҳо аз кадрҳои хуб омӯзишгирифтаи механизаторӣ вобаста аст. Барои ин, ба мақомоти ҳизбӣ ва ҳукуматӣ супориш дода шуда буд, ки мактабҳо ва омӯзишгоҳҳо (курсҳо)-ро бо омӯзгорони баландихтисос таъмин намоянд.

Барои иҷроиши ин қарор 3 марти соли 1943 ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон қарор «Дар бораи тайёркуни кадрҳои механизаторӣ барои соли 1943 дар совхозҳо»-ро қабул кард[1].

---

[1]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 141.
[2]Ҳамин ҷо: В. 141.
[3]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.106.

Қарори мазкур нақшаи тарбияи кадрҳои мошинсоз дар совхоз барои соли 1943 дар курсҳо ва дар таълими инфиродӣ 540 нафар бо тақсимот аз рӯи ихтисосҳоро тасдиқ кард. Кумитаҳои иҷроияи як қатор ноҳияҳо, аз ҷумла, кумитаи иҷроияи ноҳияи Данғараи вилояти Кӯлоб вазифадор шуда буданд, ки барои муайян кардани шахсоне, ки мактаб ва курсҳоро хатм кардаанд, дар совхоз камтар аз 2 сол онҳо ба кор таъмин карда шаванд. Инчунин, ашхосе, ки таҳсилро беасос тарк мекарданд, ки муҳлати омӯзиши ронандагони тракторҳо дар курсҳо ва совхозҳо 3 моҳ муайя карда шуда буд.[2]

Дар ин асос ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон нақшаи тайёр кардани кадрҳои механизаториро дар совхозҳои ҶШС Тоҷикистон барои соли 1943 тасдиқ кард. Мувофиқи ин нақша таълими ронандагони трактор ва коргарони таъмир дар курсҳо ва тренингҳои инфиродӣ дар совхозҳо гузаронида мешуданд. Комбайнчиҳо, ёрдамчиёни онҳо, механизаторҳо ва ронандаҳо дар совхози ба номи Киров дар ПМТ-и ноҳияи Данғара, бригадирони бригадаҳои тракторӣ дар совхози «Вахш» таълим дода мешудаанд, сипас, ҳамаи мутахассисони совхозҳо дар мактабҳои механизатории Комиссариати Халқии кишоварзӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд[3]. Умуман дар соли 1943 нақшаи тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ барои хоҷагии қишлоқ дар колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ ҳамагӣ 77% иҷро гардид.

Дар солҳои ҷанг ҳангоми ҳалли масъалаи кадрҳои оммавии деҳот мақомоти маҳаллӣ ба ҷалби занони бекор дар истеҳсолот диққати ҷиддӣ доданд. Дар колхозҳои вилояти Кӯлоб, хусусан, дар деҳаҳои атрофи шаҳр занҳо дар солҳои ҷанг нақши муҳим доштанд. Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба кори тайёр намудани кадрҳои муҳандисию техникӣ ба ҷойи мардони ба фронт рафта, дар

---

[1]Из истории совхозного строительства в Таджиикской ССР (1929-1970 гг.): (Сб. документов и мат-лов). - Душанбе, 1989. - С.108.
[2]Ҳамин ҷо: С.108-109.
[3]Ҳамин ҷо: С.109-110.

солҳои ҷанг ба занон диққати ҷиддӣ медод. Ин масъала доимо дар маҷлисҳои машваратии комиҷроияи вилоят мавриди муҳокима қарор мегирифт.

Ҳиссаи занҳо аз рӯйи шумораи умумии коргарон ва хизматчиён дар ҳоҷагии халқи Тоҷикистон дар соли 1941 55 %, соли 1942 53,4%, соли 1944 57,4% ва соли 1945 55,3%-ро ташкил медод. Дар корхонаи пахтатозакунии шаҳри Кӯлоб 69% ва дар корхонаи пахтатозакунии ноҳияи Фархор 66%-и коргаронро занҳо ташкил медоданд[1].

Ҳамзамон, соли 1943 ташкилоти ҳизбӣ ва шӯрои ноҳияи Сарихосор бо мақсади тайёр кардани кадрҳои хоҷагаии қишлоқ аз ҳисоби занҳо корҳои назаррасро ба анҷом расониданд. Дар ноҳия 91 нафар колхозчиён ва колхозчизанон курсҳои кӯтоҳмуддати сардорони бригада, говҷӯшӣ ва пиллапарвариро хатм намуда, аз рӯи ихтисосҳои омӯхтаашан ба кор таъмин шуданд[2].

Дар солҳои ҷанг занон, ки мардони ба фронтрафтаро иваз мекарданд, тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ касбҳои ронандаи трактор, комбайн ва ихтисосҳои дигарро аз худ кунанд[3]. Ғайр аз ин, занон дар корҳои роҳбарикунанда низ дар солҳои ҷанг баробари мардон фаъолият мекарданд. Масалан, яке аз занҳои меҳнаткаши вилояти Кӯлоб сардори бригада, раиси колхоз, Раиси комиҷроияи ноҳияи Кӯлоб, чор даъват депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, дорандаи ду ордени Ленин, ордени «Байрақи сурх», ордени «Шараф» ва дигар мукофотҳои давлатӣ, яке аз ташаббускорони ташкилкунандаи Колоннаи танкии «Тоҷикистон» дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Гавҳар Шарифова мебошад. Вай нисбат ба оилаҳои аскарони сурх, маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бо писарони

[1]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013. - С. 270-271.
[2]Кадрҳои нави хоҷагии қишлоқ тайёр мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб. № 21(736), 9-уми майи соли 1943. С.1.
[3]Масов Р. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (Историографической обзор) //Советский Таджикистан в Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе, 1975. - С.24.

ятиму бекас бо як ҳисси ғамхории беназир муносибат мекард. Хонаҳои онҳоро таъмир мекард, ба маъюбони ҷанг дасти ёрӣ дароз менамуд[1].

Дар баробари ин номи занҳои қаҳрамон Оиша Сарварова, Зебо Гадоева, Тӯйдӣ Бобиева, Хуморбӣ Зарифова ва даҳҳо, садҳо модарони вилояти Кӯлобро бояд гирифт, ки бо меҳнати шабонарӯзии худ ва таъмини фронт бо хӯрокаю пӯшока рӯзи Ғалабаро наздик мекарданд.

Аз рӯи шумораи умумии коргарон ва хизматчиён дар ҳоҷагии халқи Тоҷикистон соли 1945 55,3%-ро занҳо ташкил медоданд[2]. Чунин афзоиши фаъолнокӣ ва мақоми иҷтимоии занон ҷанбаҳои манфии худро низ дошт. Дар солҳои ҷанг, дар шароити сахт ва гуруснагӣ, ки аз ҳад зиёд кор мекарданд, занони коргар наметавонистанд ба оилаҳои худ диққати ҷиддӣ диҳанд, ки ин ба зиндагии шахсии онҳо, яъне ба таълиму тарбияи дуруст гирифтан қисме аз наврасон таъсир мерасонид.

Дар рӯзҳои аввали ҷанг Ҳукумати Шӯравӣ масъалаи тақсимоти оқилонаи захираҳои меҳнатиро ба миён овард ва маҷбур шуд, ки барои таъмини аҳолии қобили меҳнат ба истеҳсолот як қатор чораҳои фавқулодда андешад, аз ҷумла, ҷалби аҳолии шаҳр ба корҳои кишоварзӣ. ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК (б) қарори « Дар бораи тартиби сафарбаркунии аҳолии қобили меҳнати шаҳрҳо ва деҳот ба корҳои кишоварзӣ дар колхозҳо, совхозҳо ва МТС-ҳо» қабул кард[3].

Мувофиқи қарор ба Шӯрои Комиссарони Халқии ҷумҳуриҳои аъзои иттиҳод, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар соли 1942 иҷозат дода шуд, ки дар давраҳои шадиди корҳои кишоварзӣ барои ҷалби аҳолии шаҳрнишини бекор, инчунин, шахсоне, ки дар корхонаҳои саноатӣ кор намекунанд ба кор фиристода шаванд. Сафарбаркунии аҳолии шаҳр ба корҳои кишоварзӣ дар солҳои ҷанг хеле ёрии калон расонид.

---

[1]Раҳмонов Ҷ., Иброҳимов И., Даминзода С. Абадзиндаҳо. - Кӯлоб, 2015. - С.210-211.
[2]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013. - С. 271.
[3]Сборник указов, постановлений и распоряжений. 1941–1945 / Исполнительный комитет Челябинского областного совета депутатов трудящихся; составитель С. С. Кипнис; отв. редактор А. С. Журавлев. – Челябинск : Изд. обл. упр. изд-в и полиграфии, 1945. - С. 388-389.

Онҳое, ки аз сафарбарӣ ба корҳои кишоварзӣ саркашӣ мекарданд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. 15 апрели соли 1942 Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС фармонро «Дар бораи саркашӣ аз корҳои кишоварзӣ ё худсарона рафтани шахсони сафарбаршуда аз кор» қабул кард. Мувофиқи фармоиш, шахсоне, ки саркашӣ аз корҳои кишоварзӣ кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд. Тибқи ҳукми суд ин қабил одамон ба меҳнати маҷбурӣ дар ҷойи истиқомати худ то 6 моҳ бо нигоҳ доштани 25% музди меҳнат ҷалб карда мешуданд[1].

Ҳукумати Шӯравӣ кӯшиш мекард, ки норасоии қувваи кориро дар соҳаи кишоварзӣ бо роҳи маҷбур кардани садҳо ҳазор нафар ба корҳои кишоварзӣ ҷуброн намояд. Сафарбаркунӣ барои корҳои кишоварзӣ дар соли 1944[2] ва ҳатто баҳори соли 1945[3] амалӣ карда шуд. Бо вуҷуди ин, ҳамасола имконияти сафарбаркунӣ кам мегардиданд. Бинобар ин, яке аз имконияти ҳалли масъалаи кадрӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷалб намудани наврасон ва кӯдакон ба корҳои кишоварзӣ мебошад. Аллакай якчанд рӯз пас аз оғози ҷанг ҳукумати ИҶШС ба мақомоти ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ иҷозат дод, ки хонандагони синфҳои 7-10 мактабҳои миёнаи нопурра ва миёнаро бо тартиби муташаккилона ба корҳои кишоварзӣ ҷалб намоянд[4].

---

[1]Экономическая жизнь СССР. Кн. 1. - С. 354.

[2]Постановление СНК СССР № 310 от 26 марта 1944 г. «О порядке мобилизации на сельскохозяйственные работы в колхозы, совхозы и МТС трудоспособного населения городов и сельских местностей в 1944 г.»// Документы советской эпохи. Документальныекомплексы.URL:http://sovdoc.rusarchives.ru/sections/war//cards/410664/ (дата обращения: 27.03.2021).

[3]Постановление СНК СССР № 655 от 3 апреля 1945 г. «О порядке мобилизации на сельскохозяйственные работы в колхозы, совхозы и МТС трудоспособного населения городов и сельских местностей в 1945г.» // URL:http://sovdoc.rusarchives.ru/sections/war//cards/412106 (дата обращения: 27.03.2021).

[4]Постановление СНК СССР № 1802 от 2 июля 1941 г. «О привлечении учащихся 7-10 классов неполных средних и средних школ к сельскохозяйственным работам» // Документы советской эпохи. Документальные комплексы.–URL: http://sovdoc.rusarchives.ru/sections/war//cards/408076 (дата обращения: 27.03.2021).

Вобаста аз синну сол ва хусусияти кор барои онҳо аз 6 то 8 соат рӯзи корӣ муқаррар карда шуд. Бригадаҳо аз писарон ва духтарон алоҳида ташкил карда шуданд, ки ба онҳо муаллимони мактаб сарварӣ мекарданд.

Хонандагони мактабҳои вилояти Кӯлоб ба даъватҳои ҳукумат зуд ҳамовоз мешуданд. Онҳо дар солҳои ҷанг зиёда аз 10 ҳазор тонна а ашёи хоми саноати ҳарбӣ ҷамъ карданд, ки ин ҳиссаи калони насли наврас дар мубориза баҳри шаъну шараф ва истиқлолияти Ватани Шӯравӣ ба шумор мерафт[1].

Ҳамин тариқ, якҷоя бо калонсолони қобили меҳнат ҳазорҳо хонандагон дар истеҳсолоти коллективии вилояти Кӯлоб ширкат варзида, дар ҳалли мушкилоти норасоии кадрҳои хоҷагии қишлоқ саҳми худро гузоштанд.

Талабот ба кадрҳои хоҷаги қишлоқ дар соли 1944 ҳам қаноатбахш набуд. ШКХ ИҶШС 22 ноябри соли 1944, №1616, қарор «Дар бораи тайёр кардани ронандагони трактор, комбайнчиён, бригадирҳои бригадаи тракторӣ, ронандаҳо ва механизаторон барои ПМТ ва совхозҳо» -ро қабул кард[2].

Мувофиқи ин қарор дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ дар маҷмӯъ дар курсҳои назди ПМТ 167650 нафар тракторчиён тайёр карда мешуд[3], ки барои ПМТ-и Тоҷикистон шумораи ихтисоршудаи нақшаи тайёр кардани 2200 нафар рост меомад, ки иҷро нашуд[4].

---

[1]Алимов Д.Х. Саҳми зиёиён дар мустаҳкам намудани ақибгоҳ //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - №3/67. – Душанде, 2011. - С.127.

[2]Постановление СНК СССР № 1616 от 22 ноября 1944 г. «О подготовке трактористов, комбайнеров, бригадиров тракторных бригад, шоферов и механиков для МТС и совхозов Наркомсовхозов». //Документы советской эпохи. Документальные комплексы. URL: http: //sovdoc.rusarchives.ru/sections/war//cards/411538 (дата обращения: 27.03.2021).

[3]Постановление СНК СССР № 1616 от 22 ноября 1944 г. «О подготовке трактористов, комбайнеров, бригадиров тракторных бригад, шоферов и механиков для МТС и совхозов Наркомсовхозов». //Документы советской эпохи. Документальные комплексы. URL: http: //sovdoc.rusarchives.ru/sections/war//cards/411538 (дата обращения: 27.03.2021).

[4]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.175.

Тайёркунии кадрҳои хоҷагии қишлоқ дар соли 1944-1945 дар ПМТ-и вилояти Кӯлоб ҳам ғайриқаноатбахш буд. Масалан, ПМТ-и Кӯлоб, Муъминобод ва Даҳана соли 1944 тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои механизаториро ба анҷом нарасонданд. Аз ин рӯ, сатҳи тайёр кардани кадрҳо барои соҳаи кишоварзӣ дар соли 1945 нисбат ба солҳои 1943-1944 пасттар буд. Зеро аксари кадрҳои омӯзонидашуда бомақсад истифода намешуд. Дар дастгоҳҳои шуъбаи вилоятии замин (Обзло) ва шуъбаҳои ноҳиявии замин (Райзо) баҳисобгирии кадрҳои омӯзонидашуда барои солҳои ҷорӣ мавҷуд набуд. Бинобар ин, ронандагони дар ноҳияҳои вилоят воқеъбуда (қаблан таълимгирифта) аксари онҳо ба кори тракторӣ ҷалб карда намешуданд. Аз ин рӯ, Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб барои соли 1945 нақшаи тарбияи кадрҳои колхозии дорои ихтисосҳои оммавиро тартиб дод, ки мувофиқи ин нақша дар тамоми вилоят соли 1945 4997 нафар мутахассисони колхозии дорои ихтисосҳои оммавӣ[1], аз ҷумла, мутахассисони соҳаи заминдорӣ, мудирони фермаҳои чорводорӣ, саркорон ва роҳбарони гурӯҳҳои пиллакорӣ, саркорон ва звеноҳои тутпарварон, звеноҳои обшорон, мутахассисони соҳаи тухмшиносони ғалла, гурӯҳҳои хошоктайёркунии хуроки чорво, ҳисобдорони колхозӣ, ҳисобчӣ ва бақайдгирандаҳо, саркорон ва роҳбарони звеноҳои сабзавотпарварӣ, ташкилоти муборизабаранда бар зидди ҳашароти зараровари маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, занбури асалпарварӣ, алафмайдакунакҳо ва алафдаравҳо, гӯсолабон ва говҷӯш, обмонҳо, плугчӣ, тухмипошҳо, подабонҳои чорвои калони шохдор, чӯпонҳои молҳои майда, парадапарварҳо омода мекарданд.

Хулоса, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ва ҳалли масъалаҳои омоданамоии мутахассисони хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, маблағҳои калон, захираҳои бузурги инсонӣ ва табииро талаб мекард. Аз ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ талабот ба захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлоб бо сабабҳои асосии зерин афзуд:

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.52. В. 143.

- якум, қисми асосии кормандони хоҷагии қишлоқ ба фронт сафарбар карда шуда, ҳалли ҳамаи вазифаҳои таъхирнопазир ба дӯши пиронсолон, занон ва наврасон гузошта шуд. Дар соли 1941 аҳолии вилоят 232 600 нафарро ташкил медод[1], ки зиёда аз 50 000 нафар, 21%-и аҳолии қобили меҳнат, яъне мардони аз 18 то 55-сола ба фронт даъват карда шудаанд, ки дар натиҷа дар солҳои 1941-1942 шумораи меҳнаткашон зиёда аз 21% кам шуд, чунки қисми зиёди сафарбаршудагон дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқи вилоят кор мекарданд;

- дуюм, бо сар шудани ҷанг додани тракторҳо, машинҳои хоҷагии қишлоқ, чорвои корӣ ба эҳтиёҷоти артиш равона карда шуд, инчунин, воридшавии қисмҳои эҳтиётӣ катъ гардид. Роҳбарияти вилоят барои норасоии техникаи кишоварзиро бартараф намудан, ягона роҳи ҳалли ин масъаларо дар омоданамоии мутахассисони хоҷагии қишлоқ медиданд. Бинобар ин, соли 1942 дар вилоят 1929 нафар мутахассис омода намуд, ки ин ҳама ҳанӯз хоҷагии қишлоқи вилоятро бо кадрҳо пурра таъмин наменамуд. Ин вазъият боиси паст шудани ҳосилнокии меҳнат, зиёд шудани сарфи вақти кор оварда расонд;

- сеюм нарасидани кадрҳо аз ҳисоби сафарбаркунии доимӣ ба артиш, ба корҳои мудофиавию ҷамъиятӣ ба амал омад. Дар вилояти Кӯлоб, инчунин, дар тамоми мамлакат, дар солҳои ҷанг тезу тунд шудани проблемаи кадрҳо дар як вақт бо бад шудани вазъияти демографӣ ва зиёд шудани фавт ба амал омад;

Ҳамин тариқ, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб қисми зиёди кадрҳои ботаҷриба ва маълумотдори хоҷагии қишлоқ ба фронт сафарбар карда шуданд. Ин ҳолат иваз намудани кадрҳо, масъалаи тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои хоҷагии қишлокро ба вуҷуд овард. Дар шароити ҷанг, муассисаҳои таълимӣ дар курсҳои омӯзишӣ тибқи барномаи зудамалкунанда гузаронида мешуданд, ки сифати тайёр кардани кадрҳоро коҳиш медод. Пойгоҳи сусти таълимӣ ва моддӣ,

---

[1]Шарифов Д. Вилояти Кӯлоб дар солҳои 1950-60-ум. - Кӯлоб, 1992. - С.60.

набудани озмоишгоҳҳо ва устохонаҳои таълимӣ дар бисёре аз муассисаҳои таълимӣ, нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ва донишҷӯён камбудиҳои асосии тайёр кардани кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар солҳои ҷанг буд. Дар натиҷаи омӯзиши нақшаҳои тайёркунии кадрҳои хоҷагии қишлоқ дар солҳои ҷанг, маълум гардид, ки нақшаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи кишоварзӣ ҳеҷ гоҳ пурра иҷро намегардид.

Дар маҷмуъ, дар заминаи таҳлили боби аввали таҳқиқот - метавон ба натиҷаҳои зерин расид:

- роҳбарият ва мақомоти ҳизбии ҳукумати марказӣ ва минтақавӣ дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ доир ба рушди хоҷагии қишлоқ корҳои азимеро анҷом доданд;

- хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи ҷанг босуръат ҷараён дошт, ки ин истеҳсолоти колхозиро мустаҳкам карда, сатҳи мадании аҳолӣ баланд бардошта шуд;

- соҳаи чорводорӣ, ки яке аз соҳаҳои калонтарин ва асоситарини хоҷагии қишлоқи вилоят ба ҳисоб мерафт, баъди азнавбарқароркунии хоҷагии қишлоқи вилоят то оғози Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ соҳаи мазкур рушд ёфта, меҳнаткашони вилоят ба муваффақиятҳои назаррас ноил гаштанд;

- новобаста ба он ки вориди техникаи кишоварӣ бо оғоз гардидани ҷанг ба ҷумҳирӣ, аз ҷумла, ба вилояти Кӯлоб қатъ гардид, меҳнаткашони вилоят ҳамон техникаҳои то замони ҷанг воридшударо дуруст ва эҳтиёткорона нигоҳ дошта, новобаста аз шароити вазнини ҳарбӣ, вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро мекарданд;

- дар давоми солҳои ҷанг вориди маводи сӯзишворӣ низ ба вилоят кам гашт, аммо бо туфайли реҷаи сарфакорона, ҷустуҷӯи захираҳои дохилӣ ва кумаки корхонаҳои саноатии шаҳр дар таъмини қисмҳои эҳтиётӣ, кормандони ПМТ, механизаторҳои вилояти Кӯлоб тавонистанд мушкилоти замони ҷангро бартараф намоянд;

- колхозҳо ва Пойгоҳҳои машинутрактории вилояти Кӯлоб ҳамаҷониба кӯшиш намуданд, ки ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқро, аз қабили зиёд кардани ҳосили умумии ғалла, инчунин, афзоиши саршумори чорво, баланд бардоштани маҳсулнокии он, алалхусус, дар минтақаҳои ғаллакории вилоят ба иҷро расонанд;

- масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ва ҳалли масъалаҳои омоданамоии мутахассисони хоҷагии қишлоқ ҳам ба қадри кофӣ таъмин карда шудааст;

- қисми асосии кормандони хоҷагии қишлоқ ба фронт сафарбар карда шуда, ҳалли ҳамаи вазифаҳои таъхирнопазир ба дӯши пиронсолон, занон ва наврасон гузошта шудааст;

- дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб қисми зиёди кадрҳои ботаҷриба ва маълумотдори хоҷагии қишлоқ ба фронт сафарбар карда шуданд, ки ин ҳолат иваз намудани кадрҳо, масъалаи тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои хоҷагии қишлоқро ба вуҷуд овард;

- дар шароити ҷанг, муассисаҳои таълимӣ дар курсҳои омӯзишӣ тибқи барномаи зудамалкунанда гузаронида мешуданд, ки сифати тайёр кардани кадрҳоро коҳиш медод. Пойгоҳи сусти таълимӣ ва моддӣ, набудани озмоишгоҳҳо ва устохонаҳои таълимӣ дар бисёре аз муассисаҳои таълимӣ, нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ва донишҷӯён камбудиҳои асосии тайёр кардани кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар солҳои ҷанг буд. Омӯзиши нақшаҳои тайёркунии кадрҳои хоҷагии қишлоқ дар солҳои ҷанг, маълум гардид, ки нақшаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи кишоварзӣ ҳеҷ гоҳ пурра иҷро намегардид;

# БОБИ 2. САҲМИ КИШОВАРЗОНИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ БАРОИ ҒАЛАБА ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

## 2.1. Мубориза меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ деҳқонони колхозӣ тамоми қувват ва неруи худро барои мағлуб кардани душман равона карда буданд. Дар ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла, дар вилояти Кӯлоб аз рӯзҳои аввали ҷанг дар ҳама нуқтаҳои аҳолинишин, дар колхозҳо ва совхозҳо барои сафарбар намудани тамоми захираҳои мавҷуда ҳамоишҳо ва маҷлисҳо аз ҷониби меҳнаткашон гузаронида мешуданд.

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб охири моҳи июни соли 1941 ба аҳолии вилоят мурочиат карда сафарбаркунии умумӣ ба фронтро эълон намуд. Муроҷиатномаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар байни деҳқонони ноҳияи Колхозобод ҳамовозии васеъ пайдо намуд. Дар ин замина 27 июни соли 1941 дар назди Комисариати ҳарбии ноҳияи Колхозобод 300 нафар ҷавонон барои ба сафи Артиши Сурх шомил шуданашон чунин муроҷиатнома қабул карданд: «Мо даъватшавандагони соли таввалуди 1921-1922-и ноҳияи Калхозобод аз бе эълони ҷанг ва ваҳшиёна ҳуҷум кардани Германияи фашистӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ ба қароре омадем, ки аз ҳамин рӯз эътиборан худро ҳамчун ҷанговарони сафарбаршуда шумурда, аз Комисариати халқии мудофиаи мамлакатамон мепурсем, ки ба вақту мӯҳлати даъваткуниамон нигоҳ накарда, моро ба сафи Артиши Сурхи коргару деҳқон дохил кунад. Мо ҳизб ва ҳукуматро бовар мекунонем, ки ба муқобили фашистони ғоратгар то қатраи охирини хун мубориза мебарем. Кори мо ҳақ аст, душман бояд тору мор гардад»[1].

Ин амал дар байни тамоми аҳолии ноҳияҳои вилоят ҳамовозии зиёд пайдо намуд. Масалан, дар ноҳияи Фархор то 2 июли соли 1941 80 нафар,

---

[1]Ёдгорӣ Н., Ҳафизов Д., Раҳмат П., Холзода М. Зиндагӣ дар пояи ду кӯҳи намак (ноҳияи Восеъ: таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои он). - Душанбе,1994. - С.36-37.

аз ноҳияи Балҷувон зиёда аз 172 нафар ҷавонон барои ба сафи Артиши Сурх шомил шудан ба комисариатҳои ҳарбии ноҳияҳои болозикр ихтиёран ариза пешниҳод карда буданд[1].

Умуман, дар давоми солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷабҳаҳои ҷанг сарфарбар карда шуданд[2].

Фиристодагони вилояти Кӯлоб қариб дар ҳама набардҳои хунин ширкат варзида аз худ далерию шуҷоат нишон доданд.

Албатта, дар баробари ҳамоишҳо таблиғи фаъолонаи аҳолӣ бо даъват ба сафи Артиши Сурх маъракаҳои ташвиқотӣ низ гузаронида мешуд. Вале, барои он ки муносибати таблиғотӣ ба шуури гурӯҳҳои зиёди одамон ворид шуда, дар он ҷо устувор бошад, таблиғот бояд ба таври зарурӣ дар байни аҳолӣ бурда шавад ва ҳатто дар ин ҳолат низ, таъсири он пас аз муддати тӯлонӣ метавонад зоҳир шавад. Бинобар ин, хоҳиши шаҳрвандони ихтиёрӣ ба фронтрафта дар рӯзҳои аввали ҷанг, бештар аз натиҷаи интихоби бошууронаи онҳо буд, на аз гузаронидани маъракаҳои ташвиқотӣ .

Бинобар ин, асоси ташаккули шуури ватандӯстии деҳқононро чунин мафҳумҳо ба монанди муҳаббат ба Ватан, ҳимояи ҳудудҳо, меҳнати фидокорона ба манфиати Ватан ташкил медод. Аъзои ҲК(б) Раҳмат Назаров аз ноҳияи Қизилмазор барои ба қайд гирифтанаш ҳамчун ихтиёрӣ ба сафи Артиши Сурх чунин навишта буд: «Ман ихтиёрӣ ба фронт меравам, ман аз озмоиш наметарсам. Ман хеле кам зиндагӣ кардаам, зиндагиро дӯст медорам. Вале агар дар майдони ҷанг барои Ватан ҷон нисор намудан лозим шавад, ман чунин меҳисобам, ки кори аз дастам омадаро барои ҳимояи Ватан кардам»[3].

Муттаҳидии деҳқонони колхозӣ натиҷаи як раванди фавқулоддаи коллективикунонӣ буд, зиндагӣ дар хоҷагиҳои коллективӣ ҳеҷ гоҳ осон

---

[1]Шарифов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон. - Кӯлоб,1993. - С.132; Пахтачӣ. - 2 июли соли 1941, - № 22.
[2]Фролов В.В. Куляб: (Путеводитель). - Душанбе: Ирфон,1983. - С.24.
[3]Алимов Д.Х. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.16.

набуд. Бо вуҷуди ин, деҳқонон дастовардҳои мусбати низоми Шӯравиро дар деҳотҷойҳо (таълими дастрас, хидматрасонии тиббӣ, афзоиши ихтисосҳои касбӣ, дигаргуниҳои фарҳангӣ ва ғайра) эътироф мекарданд ва омода буданд, ки онҳоро ҳимоя кунанд.

Албатта, набояд ҳиссиёти ватандӯстиро, ки ба қисматҳои аҳолӣ хос аст, ба тамоми ҷомеа табдил дод. Бо вуҷуди ин, ҳузури онҳо дар тасвири эҳсосоти оммавии солҳои ҷанг ба мо имкон медиҳад, ки шуури шаҳрвандии деҳқононро, ки арзишҳои умумибашарӣ - ҳуқуқ ба ҳаёт ва озодиро интихоб кардаанд, баланд бардорем.

Бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, яке аз вазифаҳои асосии замони ҷанг расондани кумаки ҳамаҷониба ба фронт буд. Дар доираи фаҳмиши фаъолияти кумакрасонӣ се ҷанба фаҳмида мешавад: 1) ба сифати чораи зарурӣ, нақша, шартнома; 2) оммавӣ ва умумимиллӣ; 3) кумаки ихтиёрӣ[1].

Аз ин рӯ, деҳқонон кӯшиш мекарданд, ки на танҳо нақшаҳои давлатии тайёр намудани маҳсулотро сари вақт иҷро намоянд, балки таъсис додани захираҳои озуқаворӣи иловагиро ба нақша гиранд.

29 июни соли 1941 дар рӯзномаи «Правда» мақолае бо номи «Пешниҳоди коргарон барои ташкили фонди мудофиа» нашр шуд. 1 августи соли 1941 дар Мақомоти марказии ҳизб «Фонди мудофиа - зуҳуроти нави ватандӯстии Шӯравӣ», ташкилоти ҳизбии маҳаллӣ ва умумиҷумҳуриявӣ даъват карда шуданд, ки ҳаракати худ аз худ (стихиявӣ) пайдошударо ба шакли мувофиқ дароранд. Аввалҳои моҳи август Ҳукумати Шӯравӣ ва мақомоти ҳизбӣ барои роҳнамоии ин ҳаракат қарорҳои махсус қабул карданд. Дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияҳо оид ба ташкили ҷамъоварии маблағ, хӯроквoрӣ ва дигар маҳсулоти барои фронт зарур ташкил карда шуданд[2].

[1]Караев Ф. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.): проблемы историографии. Дисс. док ист. наук. - Душанбе, 2018. - С.226.
[2]История советского крестьянства. В 5 т. Т. 3. Крестьянство накануне и в годы Великой Отечественной войны, 1938 – 1945 . - Москва, 1987. - С. 249.

Ҳаракати барои ташкили фонди мудофиа бо шаклҳо ва ташаббусҳои мухталифи ҳаводорон тавсиф мешуд, ки ин ҳаракат дар давоми солҳои ҷанг қатъ нагардид.

Яке аз ташаббусҳои таъсиси фонди мудофиа дар ҳафтаҳои аввали ҷанг дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва дар байни тамоми гурӯҳҳои этникии аҳолӣ ба тариқи ихтиёрӣ ба вуҷуд омада буд. Колхозчиёни Тоҷикистон бо тайёрии пурра таъсис додани «Фонди мудофиа»-ро дар шаҳрҳои Москва ва Ленинград тарафдорӣ намуданд. Зеро, ҳуҷҷатҳои сершумори бойгонӣ ва хотираҳои ҳамзамонон, нишон медиҳанд, ки фавран пас аз ҳамлаи Германяи фашистӣ, корвони аввал бо нон, гӯшт, сабзавот якҷоя бо даъватшудагони аввалини колхозҳо ба фронт фиристода шуда буд. Ин ҳаракат шаклҳои равшани зуҳуроти ватандӯстии оммавӣ ва саҳми васеи ихтиёрӣ ба Фонди мудофиа ва Артиши Сурх кумак кардан буд.

Рушди ватандӯстии деҳқонони колхозӣ, табақаҳои васеи ҷомеаро фаро мегирифт. Кӯшиши ҷамъоварии маблағ барои фонди мудофиа, ки аз ҷониби давлат дар доираи сиёсати сафарбаркунӣ оғоз ёфт, ҳаводорони зиёде пайдо кард. Мардуми меҳнаткаши ҷумҳурӣ тасмим гирифтанд, ки як қисми музди меҳнат, пули нақд, вомбаргҳои қарзӣ ва рӯзи корӣ (маблағҳои рӯзи кории якшанбе)-и худро ихтиёрӣ ба фонди мудофиа супоранд. Корҳои дурусти оммавӣ оид ба ташвиқоти оммавӣ, тамоми неруи таблиғотии давлатӣ ва истифодаи усулҳои қатъии маъмурӣ барои ҷамъоварии маблағ нақши назаррас доштанд.

Ташкили Фонди мудофиа аз ҷониби тамоми табақаҳои аҳолии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Дар манотиқи деҳоти ҷумҳурӣ ҳамоишҳои серодам баргузор шуданд, ки дар онҳо деҳқонони колхозӣ пасандоз ва маҳсулоти худро ба Фонди мудофиа бо шавқ мебахшиданд.

Ин намуди кумак ба фронтро тамоми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб, аз ҷумла, ноҳияи Ховалинг дастгирӣ мекарданд. Аввалин шуда котиби кумитаи комсомолии ноҳияи Ховалинг Абдураҳмонов ба фонди мудофиа

5000 сӯм супорида, ташкил шудани ин хазинаро ҷонибдорӣ намуд. Дар рӯзҳои аввали моҳи августи соли 1941 Раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони ин ноҳия Азимов ба маблағи 1200 сӯм заём дод ва уҳдадорӣ гирифт, ки то анҷоми ҷанг ҳар сол 100 сӯми ба фонди мудофиа месупорад. Дар ин кори ёрӣ ба фронт қисми зиёди деҳқонони колхозӣ, аз қабили Ҳоҷизода Н 100 сӯм заём ва 700 сӯм пули накд, Сафоев 400 сӯм заём[1] ва 80 кг гӯшт, Муқимов С 300 сӯм заём ва 3 рӯзи корӣ, Нозимов 100 сӯм пули нақд ва 50 сӯми ҳар моҳ то анҷоми ҷанг, Убайдов 1000 сӯм заём ва то анҷоми ҷанг 3 рӯза музди корашро ҳамчун ёрӣ ба фронт бахшиданд[2].

Раиси колхози «Иттифоқ»-и ноҳияи Ховалинг Раҳимов С., 150 кг гандум, аъзоёни ҳамин колхоз Аюбов Р., Кабиров А., Сангов Абдураҳмон низ 100 килограммӣ гандум ба фонди мудофиа супориданд.

Дар як муддати кӯтоҳ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ супоридани маблағ ба фонди мудофиа авҷ мегирифт. Дар баробари ин, дар тамоми хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Ховалинг ҷамъомаду маҷлисҳо баргузор гашта, меҳнаткашон баҳри ҳимояи Ватан саҳмгузорӣ менамуданд. Ҷамъомаде, ки оғози моҳи августи соли 1941 дар колхозҳои «Коммунаи Париж» ва «Маданият» (шӯрои қишлоқи Ҷонбахт)-и ноҳияи Ховалинги вилояти Кӯлоб баргузор гардид, хеле пуртаъсир буд. Аввалин шуда раиси колхози мазкур Музаффаров О., ба сухан баромада, мардумро барои торумор кардани фашизм даъват намуда, дар бораи хазинаҳои мудофиа маълумот дода, якумин шуда 1000 сӯм зайём ва 50 кг гӯштро ба хазинаи Ватан супорид. Дар пайравӣ бо ӯ, колхозчиён Олимов С., 2 сар буз ва 500 сӯм заём, Нозимов К., як сар гӯсфанд, 350 сӯм заём ва 50 сӯми нақд ба хазинаи мудофиа супориданд[3].

Ҳамчунин, раиси колхози «Маданият»-и ноҳияи Ховалинг Абулҳаев С., 150 сӯми нақд, 130 сӯм заём, котиби кумитаи комсомолии колхоз Сафар С., 60 сӯм пули нақд, 120 сӯм заём ба фонди мудофиа гузарониданд.

---

[1]Қарзи пул бо шарти муайяни адои он.
[2]Амир С. М . Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С. 255.
[3]Ҳамин ҷо: С. 256

Колхозчиёни ин колхоз қарор қабул карданд, ки фавран як тонна а гандум ҷамъоварӣ намуда, ба ин фонд супорида шавад[1].

Моҳи сентябри соли 1941, маҷлисҳои сершумори меҳнаткашон баргузор гардид. Мардуми аз ваҳшонияти фашизм ба ғазаб омада, барои мустаҳкам кардани Артиши Сурх ёрдами худро дареғ намедошт. Махсусан, колхозчиёни колхозҳои «Роҳи Ленин», «Ворошилов», «Папанин», «Леваневский» ва «Сотсиализм» баҳри иқтидори мудофиавии Ватан саҳми арзанда гузоштанд.

Аъзоёни колхози «РоҳиЛенин» (раис Аминов Н.) 370 сӯм пули нақд, се ҷуфт ҷӯроби пашмин, як нимтанаи пахтанок (фуфайка), як шим ба фонди мудофиа супориданд. Аз колхози ба номи Ворошилов (раис Ширин Холов) 50 сӯм, як ҷуфт ҷӯроби пашмин, як дастпӯшаки зимистона, аз колхози ба номи Папанин 50 сӯм, як фуфайка, як шинел, як шим, инчунин, колхозчиёни колхози «Сотсиализм» 195 сӯм пули нақд ба хазинаи мудофиаи Ватан супориданд[2].

Меҳнаткашони ноҳияи Ховалинг аз рӯзҳои аввали саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ то 20 декабри соли 1941 ба хазинаи мудофиа 52677 сӯм пули нақд, 1750605 сӯм вомбаргҳои давлатӣ, 50 сентнеру 80 килограмм гандум, 7 сентнер ҷав, 9 сентнеру 35 кг шолӣ, 1758 килограмм гӯшт, 47 килограмму 340 грамм равған, 237 килограмм пашм, 158 дона пӯст, 301 килограмм метал ба фонди мудофиа супориданд.[3]

Колхозҳои ноҳияи Балҷувон то моҳи ноябр соли 1941 ба фонди мудофиа 1883 сӯм вомбарги давлатӣ, 20364 сӯми нақд, 310 грамм нуқра супоридаанд[4].

Колхозчиёни ноҳияи Фархор, то моҳи августи соли 1941 ба фонди мудофиаи Ватан 12400 сӯм пули нақд ва 115650 сӯм вомбаргҳои давлатӣ харидорӣ карда супориданд[5].

[1]Амир С. М . Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С.255.
[2]Ҳамин ҷо: - С.256.
[3]Амир С. М . Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С.259.
[4]Коммунисти Балҷувон. 10 декабри соли 1941
[5]Пахтачӣ. 11 августи соли 1941

Ҳамин тавр, соли 1941 меҳнаткашони ватандӯсти вилояти Кӯлоб 793 228 сӯм, 2 130 000 сӯм облигатсияҳои заём, ба миқдори зиёд ғалладона, гӯшт, равған ва дигар намуди маҳсулотҳоро ҷамъоварӣ карда, ба фонди мудофиа супориданд[1].

Меҳнаткашони вилоят ин амалҳои хайрхоҳонаи худро идома дода, зери шиори «Расад молам нарасад ҷонам[2]« дар тамоми давраҳои ҷангӣ ба мамлакат ва ҷабҳаҳои ҷангӣ ёрӣ мерасониданд.

Гарчанде вазъи иқтисоӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар як ҳолати ниҳоят вазнин қарор дошт, дар давоми як ҳафта аз 18 то 26 декабри соли 1941 аз вилояти Кӯлоб 81 сандуқ туҳфаҳои солинавӣ ба ҷабҳаи ҷангӣ фиристода шуданд. Дар маҷмӯъ соли 1941 аз ҷумҳурӣ 3102 сандуқ туҳфа бо вазни 86270 кг ба фронт фиристода шуд[3].

Колхозчиёни ноҳияи Кӯлоб барои боз ҳам пурқувват кардани иқтидори мудофиавии Артиши Сурх ба фонди сохтмони колоннаҳои танкӣ дар соли 1942 маблағсупориро пурзӯр карда буданд. Қарори ҲК(б) Тоҷикистон дар бораи ташкил намудани Фонди коллонаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» ҳамаи колхозиёни ноҳияи мазкурро рӯҳбаланд намуда, дар давоми ду-се рӯз колхозчиён ба Фонди колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» бо маблағи 72 254 сӯм ҷамъ намуда супориданд[4].

Дар маблағсупорӣ дар байни колхозҳои ноҳияи Кӯлоб колхозчиёни колхози «Коммунисти Тоҷикистон» (раисаш Гадоев Худоӣ) бо ҳисси баланди ватандӯстӣ дар як рӯз 13 ҳазор сӯм, колхозчиёни колхозҳои шӯрои қишлоқи Даҳана 27 900 сӯм,[5] колхози ба номи Сталин 2700 сӯм[1]

---

[1]Боз ҳам бо қувва ва энергияи нав кор мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб, №1 (595), 1-уми январи соли 1942.С.1.
[2]Боз ҳам бо қувва ва энергияи нав кор мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб, №1 (595), 1-уми январи соли 1942.С.1.
[3]Рахимов С.А. Деятельность Компартии Таджикистана по мобилизации всех материальных и духовных сил республики на разгром немецко-фашистских захватчиков в годы Великой Отечественной войны Советского Союза (1941 – 1945 гг.): дисс. докт. ист. наук. - Душанбе, 1991. - С.237.
[4]Соҳибов Х. Маблағҳо ба сохтмони калоннаи танкӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №119 (713) 24-уми декабри 1942. С.2.
[5]Ҳамин ҷо.

ҷамъоварӣ карда ба Фонди колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» супориданд[2].

Колхозҳои ноҳияи Ховалинг қарори ҲК(б) Тоҷикистон дар бораи ташкил намудани Фонди колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон»-ро дар тамоми колхозҳои ноҳия муҳокима намуда, қабули қароро бо як ҳисси баланди ватандӯстӣ пазируфтанд. Колхозчиёни колхози «Коммунаи Париж»-и ноҳия бо маблағи 33 470 сӯм ҷамъоварӣ карда, ба ба Фонди колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон»супориданд.

Втандӯст, депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, раиси колхози мазкур Одинаев Музаффар ба ин фонд 1300 сӯм, котиби колхоз Ҳусайнов Талбак 1200 сӯм, колхозчиҳои пешқадами колхоз Олимов Саид 1000 сӯм, Раҳмонов Сабза 1200 сӯм ва Нозимов Қодир 800 сӯм пули нақд ба сохтмони колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» якумин шуда супориданд.

Инчунин, колхозҳои шӯрои деҳоти Лоҳутии ноҳия дар муддати ду рӯз 72 ҳазор сӯм, колхозчиёни колхози ба номи Телман ба маблағи 70 ҳазор сӯм ва дар як рӯз 30 ҳазор сӯм ҷамъ намуда, ба сохтмони корвони танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» супориданд[3]. Дар ин кор саҳми комсомолҳои ноҳияи Ховалинг назаррас буда, соли 1942 барои сохтмони корвони танкии «Комсомоли Тоҷикистон» 3000 сӯми нақд ва 12580 сӯм облигатсияи заём ҷамъоварӣ намуданд[4].

Комсомолҳо ва ҷавонони вилояти Кӯлоб ба Ватан содиқ будани худро нишон дода, дар ҳамаи корҳои давлатӣ фаъолона иштирок менамуданд. Дар баробари колхозчиёни колхозҳои вилоят саҳми комсомолҳо низ дар сохтмони корвони танкӣ бениҳоят назаррас мебошад. Комсомолҳо ва ҷавонони вилоят дар соли 1942 ба фонди мудофиаи

---

[1]Собиров. Тӯфаҳои колхозчиён ба ҷанговарони Армияи Сурх //Ҳақиқати Кӯлоб. №2 (596), 6-уми январи 1942.
[2]Соҳибов Х. Маблағҳо ба сохтмони колоннаи танкӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №119 (713)24-уми декабри 1942. С.2.
[3]Вайсов. Бо рӯҳбаландии бузург //Ҳақиқати Кӯлоб. №119 (713) 24-уми декабри 1942. С.2.
[4]Доробов А. Комсомолҳо ба сохтмони колоннаи танкҳо активона иштирок мекунанд //Ҳақиқати Кӯлоб. №2 (596), 6-уми январи 1942.

мамлакат 65600 сӯм облигатсияҳои заём, зиёда аз 43800 сӯм пули нақд ҷамъоварӣ карда ба ин фонд супориданд. Инчунин, то ин давра (25.01.1942) аз ҷониби ҷавонон ва комсомолҳои вилоят барои сохтмони колоннаи танкии ба номи «Комсомоли Тоҷикистон» 55028 сӯми нақд ва 126837 сӯм облигатсияҳои заём ҷамъ намуда, ба сохтмони ин колоннаи танкӣ фиристонданд[1].

Дар ин кор нақши ҷавонони ноҳияҳои Фархор ва Колхозобод хелле назаррас буд, зеро ҷавонон ва комсомолони ноҳияи Фархор 9953 сӯм, 18 888 сӯм облигатсияи заём ва комсомолони ноҳияи Колхозобод 8000 сӯми нақд ҷамъоварӣ намуданд[2].

Меҳнаткашони ноҳияи Ховалинг барои ҳарчи тезтар торумор кардани қувваи душман ба фронт ёрии доимӣ расонида, ақибгоҳи фронтро мустаҳкам нигоҳ медоштанд. Колхозчиён, колхозчизанон ва тамоми меҳнаткашони ноҳияи Ховалинг то 6-уми январи соли 1942 ба фонди мудофиаи мамлакат 52 677 сӯм пули нақд, 175 605 сӯм облигатсияи заём, 57 сентнер гандуму ҷав, 9 сентнер шолӣ, 1758 киллограм гӯшт, 475 килограмм равған, 124 киллограмм чормағз ва барои ҷанговарони Артиши Сурх либосҳои зиёди зимистона ҷамъоварӣ карда ба фронт фиристонданд[3].

Ба муносибати ғалабаҳои Артиши Сурх дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ коргарон ва хизматчиёни шаҳри Кӯлоб ҳамчун туҳфаи солинавӣ ба Артиши Сурх то 3-юми январи соли 1942 111 баста (посылка) туҳфа фиристониданд, ки қимати ҳар як бастаи туҳфаҳо аз 200 то 500 сӯмро ташкил медод[4].

Дар кори фиристонидани туҳфаҳои солинавӣ кормандони Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб низ саҳми

---

[1]Комсомоли Ленинӣ-Сталинӣ боз ҳам нағтар кор кунанд //Ҳақиқати Кӯлоб. №8 (602) 25-уми январи 1942. С.1.
[2]Амирбеков Ш. Барои сохтмони колоннаи танкҳо пулҳои бисёр ҷамъовармекунем //Ҳақиқати Кӯлоб. №10 (604) 31-уми январи 1942. С.3.
[3]Доробов А. Ба армияи Сурхи ҷонoҷонамон ёрии ҳаматарафа дода истодаанд //Ҳақиқати Кӯлоб. №119(713), 24-уми декабри 1942. С.2.
[4]М. Тӯҳфаҳо ба Армияи Сурх //Ҳақиқати Кӯлоб. № 4 (598), 11-уми январи 1942. С.2.

худро гузоштанд. Онҳо аз ғалабаҳои нави Артиши Сурх илҳом гирифта, дар соли нави 1942 ба фронт 8 баста туҳфа, 32 қуттии махоркадон, 6 килограмм равғани хук, 51 килограмм кулчақанд, 100 дона рӯймолча, бо маблағи 204 сӯм чормағз ва писта харида фиристонданд[1].

Умуман, меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар муддати 6 рӯз аз тамоми идораҳо, муассисаҳо ва ташкилоти шаҳри 111 баста ба вазни 1500 килограмм фиристода шуд. Аз ҷумла, меҳнаткашони ноҳияҳои Колхозобод ба маблағи 19 000 сӯм баста, Балҷувон 40 баста бо вазни 400 килограмм, Қизилмазор 38 баста бо вазни 450 килограмм туҳфа фиристониданд[2].

Меҳнаткашони дигар ноҳияҳои вилоят низ даҳҳо баста туҳфа омода намуда, ба ҷанговарон фиристониданд.

Алоқаи Тоҷикистон, ба фронт дар чандин ҷабҳаҳо суръат мегирифт. Ба муносибати соли нави 1942 аз Тоҷикистон эшолони якум ба шаҳри Ленинград бо туҳфаҳои солинавӣ, сарулибоси гарм, номаҳо ба аскарон фиристода шуд. Моҳи феврали соли 1942 ба фронти ғарбӣ қариб50 тонна а меваи хушк, 17 ҳазор қуттии консерва ва мураббоҳои гуногун фиристонида шуд[3]. Худи ҳамин сол меҳнаткашони Тоҷикистон 151 вагон туҳфа ба аскарони дар фронтбуда фиристониданд[4].

Меҳнаткашони вилоят то 10-уми марти соли 1942 ба фонди мудофиа 1 141 841 сӯм пули накд, 2 710 000 сӯм облигатсияи заём, 40 052 килограмм гӯшт, 188 килограмм равғани зард, 664 сентнер гандум, 741 сетнер ҷав, 48 сентнер шолӣ супориданд[5].

---

[1]М. Тӯҳфаҳо ба Армияи Сурх //Ҳақиқати Кӯлоб. № 4 (598), 11-уми январи 1942. С.2.
[2]Иноятов А. Тӯҳфаҳои соли навӣ меҳнаткашон //Ҳақиқати Кӯлоб. № 5 (599), 15-уми январи 1942. С.3.
[3]Сафаров Қ.Саҳми меҳнаткашони Тоҷикистон дар таъмини ғалаба //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945. - Кӯлоб, 2015. - С.33.
[4]Сечкина Л.П. Вклад таджикского народа в пабеду над фашистской Германией // Советский Таджикистан в Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе, 1975. - С.18.
[5]Мудофиаи мамлакатро боз ҳам пурқуват кунем //Ҳақиқати Кӯлоб. № 24(618), 16-уми марти 1942. С.3.

Меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ёрӣ расонидан ба фронтро идома дода, дар арафаи таҷлили ҷашни 1-уми май дар соли 1942 фиристонидани тухфаҳоро идома дода, то моҳи майи соли 1942 45 690 сӯми нақд, 78 баста бо вазни 1194 килограмм, аз ҷумла, 281 килограмм биринҷ, 150 килограмм меваҳои хушк ва 35 сар чорво фиристониданд[1].

То моҳи майи соли 1942 колхозчиён, коргарон ва хизматчиёни давлатии вилоят ба маблағи 4220,0 ҳазор сӯм заём харидаанд[2].

Инчунин, дар соли 1942 аҳолии вилояти Кӯлоб ба маблағи 900 ҳазор сӯм маҳсулоти гуногун, аз қабили равғани маска, ғалла, гӯшт, тухм, меваи хушк ва дигар намуди маҳсулотро ба фронт фиристоданд[3].

Ҳамзамон аз тарафи колхозчиёни вилоят дар ин сол бо маблағи 4 миллиону 290 ҳазор сӯм лотореяҳои ихтиёрӣ харида шуд[4].

Муаллимони вилоят низ дар кори обуна ба лотореяи пулию молӣ фаъолона ширкат варзида, ба 109085 сӯм ба лотореяи пулию молӣ обуна шуданд[5].

Умуман, то 1-уми декабри соли 1942 ба фонди мудофиаи Ватан аз ҷониби меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба миқдори 1160 миллион сӯм супорида шуд[6].

Бо тақсим намудани заёмҳои ҳарбӣ ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дарҳол обунашавии меҳнаткашони вилоят ба ин заём оғоз гардид. Обунашавӣ ба зёмҳои ҳарбиро аҳолии ноҳияҳои вилоят хуш пазируфтанд. Масалан, дар якчанд рӯзи обунашавӣ то 21 апрели соли 1942 дар ноҳияи Ховалинг 1 318 089 сӯм, аз ҷумла 21292 сӯм пули нақд ҷамъ карда шуд[7].

---

[1]Иди пуршарафи пролетарӣ-1-уми май //Ҳақиқати Кӯлоб, №43 (637), 1-уми майи соли 1942. С. 1.
[2]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.41. ВВ .41- 42.
[3]Бойгони вилоятии ҲК(б) Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.3. Р.1. П.19. В. 17.
[4]Шарифов Д., Шарифов З. Барои ному нанги Ватан. - Кӯлоб,1990. - С.10.
[5]Митинги зидди фашистии ҷавонон дар Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №68 (662), 30-уми июн 1942. С.2.
[6]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013. - С. 260.
[7]Амир С. М . Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С.262.

Меҳнаткашони вилояти Кӯлоб зери роҳбарии Кумитаи вилоятии ҲК(б) Тоҷикистон дар соли 1943 дар ҷамъоварии маблағ ва хариди лотореяҳои пулӣ хеле фаъолона иштирок намуданд[1].

То санаи 26 октябри соли 1943 шумораи маблағи ҷамъоварда ба 31578 ҳазор сӯм расид[2].

Барои натиҷаҳои назаррас нишон додан, дар кори обунашавӣ ба заёми давлатии ҳарбии соли 1943 дар вилояти Кӯлоб ба як қатор ташкилот, кормандони ҳизбию ҳукуматӣ, аз ҷумла, ба котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ховалинг Абдураҳмонов ба маблағи 1000 сӯм, котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қизилмазор Исмоилов 6000 сӯм, котиби Кумитаи ҳизбии ноҳияи Кангурт Пӯлодов бо маблағи 1500 сӯм, котиби дуюми Кумитаи ҳизбии ҳамин ноҳия Муҳаммадраҳимов 600 сӯм мукофоти пулӣ дода шуд[3].

Аз ин қадрдонии кормандони ҳизбию ҳукуматӣ, ташкилотҳо ва колхозчиён рӯҳбаланд шуда, то 5 –уми январи соли 1943 меҳнаткашони ноҳияи Ховалинг барои сохтмони корвони танкии «Колхозчии Тоҷикистон» ба микдори 1 229 000 сӯми накд[4], колхозчиёни ноҳияи Фархор, аз ҷумла колхозҳои ба номи Роҳи Ленин 23 000 сӯм, колхози ба номи Ломонов 10 000 сӯм[5] колхозчиён ва колхозчизанони ноҳияи Шӯрообод то 24 январи соли 1943 1 миллиону 560 ҳазор сӯм пули накд[6] ва меҳнаткашони ноҳияи Сарихосор то 6-уми январи соли 1943 ба ин фонд 656 ҳазору 626 сӯми накд супориданд[7].

---

[1]Бо роҳи ихтиёри ҷамъ кардани маблағ аз мардум бо роҳи фуруши чиптапҳо ва гузаронидани бозии он.
[2]Шарифов Д. Маҷмӯи рисолаҳои таърихӣ ва адабӣ. - Душанбе, 2013. - С. 260.
[3]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1.П.44. ВВ. 29-30, 43-44.
[4]Мирзоев А. 1. 229. 000 сӯм супурданд //Ҳақиқати Кӯлоб. №4 (719), 14-уми январи 1943.С.1.
[5]Фотоҷон Қ. Ёрии ватандӯстон //Ҳақиқати Кӯлоб. №4 (719), 14-уми январи 1943.С.2.
[6]Пиров. Ба колоннаи танкӣ маблағ месупоранд //Ҳақиқати Кӯлоб. №4 (719), 24-уми январи 1943.С.1.
[7]Шокиров. 656 ҳазору 626 сӯм ба сохтмони колоннаи танкӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №12 (727), 10-уми феврали 1943.С.2.

Новобоста аз вуҷуд доштани ҳолати ҳарбӣ, дар мамлакат раванди ҷамъоварии маблағ ва обунашавӣ ба заёмҳои давлатӣ то охири солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ идома ёфта, ташкилотчиёну роҳбарон бо туҳфаҳо ҳавасманд гардонида мешуданд. Масалан, дар ҷамъоварии маблағ ва обунашавии аҳолии вилояти Кӯлоб дар соли 1944, аҳолии ноҳияи Шӯрообод ба натиҷаи назаррас ноил гардид. Ба як қатор кормандони ҳизбию ҳукуматии ноҳия барои иҷрои нақшаи фурӯши заёми давлатии ҳарбӣ, аз ҷумла, ба котиби ҲК(б) ноҳия Восиев 1000 сӯм, раиси комиҷроия Носиров Б. 1000 сӯм, мудири шуъбаи молия Ҳамидов 700 сӯм, мудири кассаи амонатӣ Файёзов 600 сӯм муофотпулӣ дода шуд[1].

17 июли соли 1943 КМ ҲК(б) ИҶШС қарори «Дар бораи аз тарафи коркунони ҳизбию давлатӣ гузаронидани маърӯзаҳо дар байни аҳолии деҳот»[2] дар бобати пурзӯр гардонидани корҳои сиёсӣ – оммавӣ дар байни аҳолӣ нақши калон бозид. Танҳо дар соли 1943 дар Тоҷикистон 14690 нафар ташвиқотчӣ (агитатор) фаъолият мекард. Дар чор моҳи аввали соли 1943 танҳо дар вилояти Кӯлоб 1432 маърӯзаҳои сиёсӣ хонда шуда буд[3]. Ин раванд то охири солҳои ҷанг дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб идома мекард. Масалан, дар соли 1944 дар ноҳияи Ховалинг 121 маърӯза хонда дар онҳо 37492 нафар одамон иштирок намуданд[4].

Масъалаҳои асосии корҳои тарғиботии оммавӣ барои ба фронт ҷамъ кардани либоси гарм, туҳфаҳо, анҷом додани корҳои кишоварзӣ дар саҳроҳои колхозӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат бахшида мешуданд. Барои фаъолона иштирок кардани аҳолӣ дар кумак ба фронт, корҳои тарғиботӣ гузаронида мешуданд. Дар маҷлисҳои Кумитаи ҲК(б) ва ҳукуматии вилояти Кӯлоб доимо масъалаи ҷамъоварии либоси гарм барои фронт мавриди баррасӣ қарор дода мешуд.

---

[1]Розиқи С. Равзанаи субҳ. - Душанбе, 2002. - С.60.
[2]Назарова С. Занони Осиёи Миёна дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ. - Душанбе,1980. - С.70.
[3]Ҳамин ҷо: - С.70.
[4]Амир С. М . Ёхсу, очеркҳои илмӣ-оммавӣ. - Душанбе, 2014. - С. 267.

Бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар баробари дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ ба ҳаракати тайёр ва ҷамъ намудани сару либоси гарм, аз қабили шими пахтагӣ, телпак, камзулчаи пахтанок, дастпӯшак, пӯстинча, ҷӯробҳои пашмин, мӯзаи намадин ва амсоли инҳо барои ҷанговарони Артиши Сурх фиристонидан оғоз намуда буд.

Ин буд, ки то 1-уми январи соли 1942 тамоми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 1161 адад фуфайка, 255 адад нимпӯстин, ҷома ва палто, 1051 шими пахтанок, 249 ҷуфт мӯзаи намадин, 1112 адад ҷӯроби пахтагӣ, 857 адад телпак, 576 адад шими мӯина ва дигар намуди шимҳо, 3959 адад куртаву поҷома, 6093 адад пӯстҳои пустинбоб, 3028 килограмм пашм ва дигар намуди либосҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба фронтҳои ҷанг фиристониданд[1]. Дар ҷамъоварии либосҳои гарми зимистона барои ҷанговарони Артиши Сурх меҳнаткашони ноҳияҳои Сарихосор, Балҷувон, Данғара, Кангурт ва Колхозобод ташаббускории бузург нишон доданд. Масалан, аз ноҳияҳои Сарихосор 522 ҷуфт ҷӯроби мӯина,163 телпак, Данғара 41 нимпӯстин, 244 телпаги гӯшдор ва ноҳияи Кангурт 1122 килограмм пашм, 884 дона пӯсти пӯстинбоб ҷамоварӣ карда, ба фронт фиристониданд[2].

Аз ин тӯҳфаҳои фиристондаи меҳнаткашони вилоят ва ҷумҳуриямон ҷанговарони тоҷик рӯҳбаланд шуда, ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ мактуб навишта изҳори минатдорӣ менамуданд. Масалан, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Каҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Қарабоев Неъмат ба КМ ҲК(б) Тоҷикистон мактуб фиристод, ки дар он чунин гуфта шудааст: «...Ҷавонони Тоҷикистонро даъват мекунам, ки ба мубориза зиддӣ гитлеризми хунхор боз ҳам фаъолона ҳамроҳ шаванд. Умедворам, ки халқи тоҷик ба сафҳои Артиши Сурхи бошараф барои мудофиа намудани ватани сотсиалистии худ қувваҳои нав мефиристанд, бо меҳнати фидокорона дар корхонаҳо ва дар колхозҳо ба фронт боз ҳам фаъолтар

---

[1]Ба Армияи Сурхи диловар бо ҳам ёриро пурзӯр мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб. № 6 (600), 19-уми январи 1942. С.1.
[2]Ҳамин ҷо.

ёрӣ мерасонанд, ба фронт ҷамъ кардани либосҳои гармро хуб ташкил мекунанд...»[1]

Тамоми табақаҳои аҳолии вилояти Кӯлоб бо хоҳиши ягона-кумак ба Артиши Сурх бо тамоми қувва ва воситаҳо барои мағлуб кардани Германияи фашистӣ мубориза мебурданд.

Дар баробари деҳқонони колхозӣ саҳми хонандагон ва муаллимони вилоят дар маъракаи ёрӣ ба фронт хеле назаррас буд. Онҳо дар қитъаи замини назди мактабӣ гандум, ҷав, наск, нахуд, картошка, пиёз ва ғайра парвариш карда ҳосили ба дастовардаро қисман ба фронт мефиристонданд. Дар соли хониши 1941-1942 300 мактаби вилоят қитъаи замини наздимактабӣ бо масоҳати 611,16 гектар замин дар ихтиёр доштанд. Соли хониши 1943-1944 дар 547,70 гектар ғалладона ва дар масоҳати 44,32 гектар замин картошка, пиёз, сабзӣ ва дигар намудҳои сабзавот кошта шуда буд, ки аз ҳосили ба дастоварда дар наздик кардани ғалаба саҳм мегузоштанд[2].

Ҳисси ватандӯстии деҳқонони колхозҳои ҷумҳурҳои ақибгоҳ дар ташкили ёрдами ҳамаҷонибаи ноҳияҳое, ки аз тарафи немисҳо забт шуда буданд, равона гардида буд. Баҳори соли 1942 колхозчиёни артели хоҷаги қишлоқи ба номи Крупскаяи ноҳияи Виселкови Краснодар ба колохозчиён ва колхозчизанони Иттиҳоди Шӯравӣ муроҷиат намуда, даъват ба амал оварданд, ки дар колхозҳо фонди додани ёрдам ба колхозҳо ва колхозчиёне, ки аз исилогарони немис зарар дида буданд таъсис дода шавад.

Ин даъват ба қаноатмандӣ аз ҷониби колхозчиёни Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Кӯлоб қабул гардид. Колхозҳо ва колхозчиёни вилояти Кӯлоб барои фонди ёрӣ ба колхозҳои аз ҳуҷуми разилонаи фашистӣ

---

[1]Ба фронт ёриро боз ҳам пурзӯртар ташкил кунед //Ҳақиқати Кӯлоб. № 6 (600), 19-уми январи 1942. С.1.
[2]Абдуллоев М.Х., Исуфов Ш.В. Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3. - Душанбе, 2020.- С.60.

зарардида дар масоҳати 400 гектар заминҳои нави аз худ карда шуда кишт гузарониданд[1].

Ҳаракатҳо оид ба кишти аз нақша зиёд дар соли 1943 ҳам давом кард. Мисоли равшан ин қарори КМ ҲК (б) ва ШКХ ИҶШС аз 21 августи соли 1943 «Дар бораи чораҳои фаврӣ оид ба азнавбарқароркунии ҳоҷагии халқ дар ноҳияҳои аз истилогарони фашистӣ озодшуда» ба ҳисоб мерафт[2].

Дар ин қарор роҳҳо ва воситаҳои азнавбарқароркунии хоҷагиҳои ноҳияҳои озодшуда, ташкил намудани ноҳияҳои нав ва, инчунин, додани сабукиҳо ба колхозҳо, совхозҳо ва колхозчиёни ин ноҳияҳо нишон дода шуда буд.

Меҳнаткашони Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Кӯлоб ин қарори КМ ҲК (б) ва ШКХ ИҶШС-ро тарафдорӣ намуда, уҳдадор шуданд, ки барои барқарор кардани иқтисодиёти кишвар ёрии худро расонанд. Бо мақсади иҷроиши ин қарор дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо, мактабу муассисаҳои вилояти Кӯлоб маҷлису гирдиҳамоиҳо гузаронида шуда, барои ёрӣ расонидан ба аҳолии ин ноҳияҳо маблағҳои зиёде ҷамъоварӣ карда шуд. Масалан, меҳнаткашони ноҳияи Сарихосор барои ободонии шаҳри Сталинград ба маблағи 13495 сӯм, комсомолҳо ва ҷавонони ноҳияи Кангурт ба миқдори 13 776 сӯми нақд фиристониданд[3].

Дар нимсолаи соли 1943 меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба фонди мудофиа ва ноҳияҳои аз фашистон озодшуда 12 157 пуд ғалла ва барои сохтмони колоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон»зиёда аз 11 миллион сӯми нақд ва облигатсияҳои заём супориданд[4].

25-уми декабри соли 1943 барои либосҳои гарми зимистона, 6544 килограмм пашм, 1392 дона пӯст, 171 адад телпакҳои гӯшакдор, 120 ҷуфт

---

[1]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С. 201.
[2]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны 1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.232.
[3]Саидов С. 59.635 рӯзи меҳнат кор карданд //Ҳақиқати Кӯлоб. №5 (806), 21-уми январи 1944. С.2.
[4]Чолбобоев М. Кори бошарафи Советҳои маҳаллӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. № 20 (735), 5-уми майи 1943.С.2.

мӯзаи намадин, 75 ҷуфт дастпӯшакҳои чармӣ, 80 ҷуфт ҷӯроби пахтагӣ, 5740 сӯми накд ва дигар намудҳои молу маҳсулоти заруриро ба фронтҳои ҷангӣ фиристониданд. Ғайр аз ин, дар вилоят барои ҷанговарон 6243 ҷуфт ҷӯроби пашмӣ, 3493 дастпӯшакҳои пашмӣ омода намуда буданд. Дар кори ҷамъ намудани либосҳои гарми зимистонаи соли 1943 ноҳияҳои Фархор, Балҷувон ва Шӯрообод пешсаф буданд[1].

Раванди фиристонидани маводҳои хӯрока ва либосҳо ба Артиши Сурх дар соли 1944 низ аз ҷониби меҳнаткашони ноҳияҳои вилояти Кӯлоб бо як ҳисси баланди ватандӯстона идома мекард. Масалан, дар ин сол колхозчиён ва колхозчизанони ноҳияи Данғара ба фонди Артиши Сурх 5500 гилограмм ғалла, 31 сар чорвои хурди шохдор ва 17 ҳазор сӯми накд супориданд. Дар супоридани гӯшт ба давлат низ ин ноҳия фаъол буда, то 25-уми декабри соли 1943 аз ҳисоби соли 1944 ба давлат 50 %-и нақшаи гӯштсупориро иҷро намудаданд[2].

Дар кори ёрӣ ба фронти соли 1944 саҳми ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ хеле назаррас буд. Ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолии ноҳияҳои Шӯрообод, Сарихосор ва Даштиҷум дар колхозҳо корҳои тарғиботиро дар ин сол хуб ба роҳ монда, дар давраи ҷамъоварии ғалладона, супоридани маҷбурияти давлатӣ корҳои назаррасро ба сомон расониданд.

Дар ноҳияҳои номбаршуда комсомолҳо, ҷавонон ва хонандагон ба корҳои хоҷагии қишлоқ фаъолона иштирок намуда, ба пешрафти корҳои колхозӣ ёрии ҳамаҷонибаи худро мерасониданд. Масалан, комсомолҳо ва ҷавонони ноҳияи Шӯрообод дар соли 1943 ба корҳои хоҷагии қишлоқ иштирок карда, 100 000 рӯзи меҳнат ва хонандагони мактабҳо 80 000 рӯзи меҳнат кор карданд. Дар ин ноҳия 250 нафар комсомолҳо ва ҷавонон (ҷавонони аъзои комсомол нашуда) дар колхозҳо ҳақи кории ҳаррӯзаашонро 3-4 баробар зиёд иҷро мекарданд. Ин буд, ки аз ин

[1]Ба ҷанговарони Армияи Сурх либоси гарм медиҳем //Ҳақиқати Кӯлоб. №86 (801), 31-уми декабри соли 1943. С.1.
[2]Азимов. Ба фронт ёриро пурзӯр мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб. № 2 (803), 13-уми январи 1944.С.1.

шумора 30 нафарашон ба молҳои саноатӣ ва дигар намуди чизҳо мукофотонида шуданд[1].

Меҳнаткашони ноҳияи Колхозобод аз рӯзҳои аввали оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба фронт ва Артиши Сурх бо як ҳисси баланди ватандорӣ ёрӣ расонида, то соли 1944 ба Артиши Сурх 165 адад фуфайка, 333 кӯрпа, 478 ҷуфт дастпӯшаку ҷӯроб, 2635 адад пӯстҳои хурду калон, 395 килограмм пашм, 60 970 сӯм барои харидории молу ашёҳои гуногун фиристонидаанд[2].

Ватандӯстони ин ноҳия ба фонди мудофиа 247 703 сӯми накд, 262 000 сӯм облигатсияи заём, 750 килограмм гӯшт, 13 300 килограмм ғалла ҷамъ намуда, ба давлат супоридаанд. Инчунин, ба ҷанговарони Артиши Сурх 2250 килограмм гӯшт, 634 килограмм ғалла, 550 килограмм биринҷ тухфа ва 177902 сӯм барои харидани ҳар гуна маводи хуроквориӣ фиристоданд. Ғайр аз ин, меҳнаткашони ноҳия барои аҳолии шаҳрҳои аз асорати фашизм озодшуда 47 сар гов, 215 сар бузу гӯсфанд, 500 килограмм ғалла ёрдам равон намуданд. Меҳнаткашони ноҳияи Колхозобод зери шиори «Расад пуламон, нарасад ҷонамон» ба фронт ва Артиши Сурх ёриро пурзӯр менамуданд[3].

4 майи соли 1944 бо мақсади ба мудофиаи мамлакат ҷалб намудани маблағҳои иловагӣ ШКХ ИҶШС қарор «дар бораи баровардани Заёми сеюми давлатии ҳарбӣ» қабул кард, ки мувофиқи қарори мазкур ба маблағи 25 миллиард сӯм ба муддати 20 сол заёми сеюми давлатии ҳарбӣ баровардa шуд[4].

Баровардани заёмҳо дар солҳои ҷангӣ ин барои пурқувват намудани иқтидори мудофиавии ҳарбии давлати Шӯравӣ маблағгузории калон

---

[1]Ҷӯраев. Пешқадамони корҳои хоҷагии қишлоқ //Ҳақиқати Кӯлоб. № 2 (803), 13-уми январи 1944. С.1.
[2]Бедилов Ш. Ёриро ба фронт ва ба Армияи Сурх пурзӯр менамоем! //Ҳақиқати Кӯлоб. №30(831), 1-уми майи 1944. С.2.
[3]Ҳамин ҷо.
[4]Дар ШКХ ИҶШС-дар бораи баровардани Заёми сеюми давлатии ҳарбӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №31(832), 5-уми майи 1944. С.1.

буда, ғалабаи қатъии Артиши Сурхро барои торумор намудани душман таъмин менамуд.

Баъди ба воситаи радио шунавонидани барориши заёми нави сеюми ҳарбии давлатӣ меҳнаткашони вилояти Кӯлоб баробари шунидани ин хабар ба имзокунӣ ба заём оғоз намуданд. Бисёр колхозҳои вилоят дар байни як соати баъд аз баромадани қарори мазкур маблағҳои пасандози худро дар хазинаҳои бонкҳои давлатӣ супориданро оғоз намуданд.

Дар вилояти Кӯлоб то соати 12 шаби 5-уми майи соли 1944 ба маблаҷи 28 миллиону 418 ҳазор сӯм ба заёми нав обуна шуданд, ки аз он 22 миллиону 761 ҳазор сӯми накд[1] ва дар 10 соат ба ҷойи 26 миллион ба 29 миллиону 73 ҳазор сӯм обуна шуда, меҳнаткашони вилоят 100 % нақшаи обуна ба заёми сеюми ҳарбии давлатиро супориданд[2]. Обунашавӣ дар ноҳияҳои Шӯрообод, Балҷувон, Фархор, Қизилмазор нисбат ба дигар ноҳияҳои вилоят дар кори обунашавӣ ба заёми нав фаъолона ширкат мекарданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамаи корҳои хоҷагии қишлоқ, ёрӣ ба фронт ва оилаҳои ҷанговарони Артиши Сурх дар асоси мусобиқаи сотсиалистӣ пеш мерафт. Ин буд, ки соли 1944 дар Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ва кумитаи вилояти Кӯлоби ҲК(б) Тоҷикистон қарор «Дар бораи додани Байрақи сурхи сайёри комиҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилоятӣ ва кумитаи вилоятии ҲК(б) Тоҷикистон ва додани мукофоти пулӣ ба раисони шӯроҳои қишлоқи пешқадам барои сари вақт иҷро кардани маҷбурияти ғалласупорӣ ба давлат ва маҳсулоти ҳайвонот»-ро дар соли 1944 ҷамъбаст намуд[3].

Масъалаи муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳаро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

---

[1]Обунашавӣ бо рӯҳбаландӣ гузашт //Ҳақиқати Кӯлоб. №33(834), 14-уми майи 1944. С.1.
[2]Пленуми XIII обкоми партияи Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №36 (837), 1-уми июни 1944. С.1-2.
[3]Дар совети депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ва кумитаи вилояти Кӯлобии ҲК(б) Тоҷикистон //Ҳақиқати Кӯлоб. № 48 (849), 12-уми сентябри 1944. С. 1.

- ватандӯстии баланди деҳқонони вилояти Кӯлоб, ки эҳтиёҷоти кишвар ва ҷабҳаро дарк карда, дар шароити коҳиш ёфтани истеҳсолот, назар ба солҳои пешини ҷанг зиёдтар қувваи корӣ сарф намоянд;

- дар шароити ниҳоят душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳнаткашони вилоят бо як рӯҳбаландии бузурги ватандӯстӣ ба ҷабҳаҳои ҷангӣ доимо аз ҳама ҷиҳат ёрии худро мерасониданд;

- меҳнаткашони вилоят ба воситаи ҷамъоварии либос, ташкили фонди халқии мудофиа, ба фронт фиристонидани тухфаҳои солинавӣ, обунашавӣ ба лотореяҳои пулию молӣ ва ғайраҳо иқтидори мудофиавии давлатро боз ҳам мустаҳкам ва ғалабаро наздиктар менамуданд;

- сокинони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шабу рӯз меҳнат намуда, аз ақибгоҳ барои ҳимояи Ватан ва мағлуб кардани фашизм ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд ва то анҷоми ҷанг ба фронт тамоми лавозимоти заруриро барои ғалаба ба Артиши Сурх мефиристониданд. Ғалаба ва ватандӯстӣ сабаби баланд шудани қувваи меҳнатии тамоми мардуми ИҶШС гардид, ки ин боиси тоб оваранд ба душвориҳои харобиовари пас аз ҷангӣ шуд;

## 2.2. Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии колхозҳои вилояти Кӯлоб дар солҳои 1941-1945 як ҷузъи муҳими иқтисодиёти замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, ки артиш ва ақибгоҳро бо маводи хурока ва ашё таъмин мекард.

Дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб 739 колхоз мавҷуд буд[1]. Ин колхозҳо фаъолияти худро тибқи вазъи ҳарбӣ ба роҳ монда, ба кори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани талаботи ҷанговарон тамоми қувваашонро равона карда буданд.

[1]Аз муваффақиятҳои ба дастдаровардаи вилояти Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №1 (402), 6-уми феврали соли 1942. С. 1.

КМ ҲК(б) ва Ҳукумати Шӯравӣ ба халқ оид ба ҷанг ва хатари он дар директиваҳои ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК (б) аз 29 июни соли 1941 чунин гуфта буд: «Дар ин ҷанг бо Германияи фашистӣ масъалаи ҳаёту мамоти Ҳукумати Шӯравӣ ҳал мешавад»[1].

Дарвоқеъ Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди коргарони соҳаҳои хоҷагии қишлоқ талаботи ҷиддӣ гузошт: - беист таъмин намудани Қувваҳои муссалаҳи Шӯравӣ ва халқ бо озуқа ва саноатро бо ашё.

Хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон бо оғози ҷанг ба вазъияти вазнин дучор шуд. Дар колхозҳо яку якбора шумораи коргарони қобили меҳнат кам шуд. Вазнинии асосии корҳои хоҷаги қишлоқ ба дӯши занон, наврасон ва колхозчиёни солхӯрда рост меомад. Вале бар зами ин мушкилиҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ деҳқонон барои таъмини артиш ва ақибгоҳ бо ғизо ва ашёи зарурӣ барои саноат талошҳои зиёд карданд.

Мувофиқи қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК (б) аз 7 апрели соли 1940 «Тағйирот ба тартиби тайёркунӣ ва хариди маҳсулоти кишоварзӣ»-и колхозҳо ба таъминоти маҳсулоти зироатӣ на аз рӯи нақшаи кишти онҳо чун пештара, балки аз ҳар як гектар замини корам ба қайд гирифта мешуданд[2].

Инчунин, ба заминҳои корам на танҳо заминҳои азхудкарда, балки заминҳои азхудшаванда низ дохил мешуд. Аз ин рӯ, ин принсип хоҷагиҳои колхозиро шавқманд мекард, ки ба васеъ намудани майдонҳои кишт низ машғул шаванд. Ҳамчунин, колхозҳо уҳдадор мешуданд, ки ба давлат маҳсулоти сифатан муқарраршударо ба андоза ва дар муҳлати муайяншуда супоранд. Қабули маҳсулот аз ҳисоби таъмини ҳатмӣ ва ҳисоббаробаркунӣ бо колхозҳо барои нархҳои муқарраршуда ба ташкилоти махсуси харид, ки пойгоҳҳо ва нуқтаҳои ҷамъоварӣ дар маҳал

---

[1]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.167.
[2]Директивы КПСС и Советского правительства по хозяйственным вопросам. Т. 2. - Москва, 1957. - С.624-628.

доранд, супорида мешавад. Таҳвили ҳатмӣ, ки моҳи январи соли 1933 ҷорӣ карда шуда буд, маънои ба эътидол овардани муносибатҳои иқтисодӣ байни колхозҳо ва давлатро дошт[1].

Бо вуҷуди ин, ҳеҷ гуна нишонаҳои хариду фурӯши давлатӣ вуҷуд надошт, зеро маҳсулоти колхозӣ ба ихтиёри давлат қариб ройгон мегузашт. Нархҳои хариди номиналӣ оид ба таҳвил дар сатҳи пешазҷангӣ бетағйир боқӣ монданд: 7-8 тин[2] барои 1 кг ғалладона, 3 тин барои 1 кг картошка, 41-53 сӯм[3] барои як сар гов, 32-48 сӯм барои як сар хук ва 8 - 11 сӯм барои як сар гӯсфанд ва бӯз[4]. Дар ин давра нархҳо дар бозор чандин маротиба боло рафтанд. Ҳамин тавр, дар соли 1942 дар бозор 1 кг гандум ба ҳисоби миёна 53 сӯму 80 тин (ба ҷои 1 суму 88 тини пеш аз ҷанг), як литр шир-38 сӯм (ба ҷои 2 сӯму 28 тин), 1 кг сабзавот-28 сӯм ва ғайра[5]. Азбаски истеҳсоли ками маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар замони ҷанг ва ба ҷабҳаҳои ҷангӣ фиристондани он, боиси баланд шудани нархи маҳсулот дар бозор ва ба беқурбшавии пул оварда расонид[6].

Қабули маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои коллективӣ тавассути додани квитансияҳо, яъне барои маҳсулоти бадастовардашуда, арзиши онҳоро ба колхозҳо бо нархи муқарраршуда бо роҳи интиқол додани маблағ ба суратҳисоби колхоз аз филиали маҳаллии Бонки давлатӣ пардохт менамуданд, ба роҳ монда шуда буд. Ёдовар шудан лозим аст, ки таҳвили ҳатмӣ ба таври расмӣ андозбандӣ нашуда буд. Колхозҳо маҳсулотро на ройгон, балки бо пардохти муайян харид мекарданд (фурӯш бо нархҳои давлатӣ сурат мегирифт). Инчунин, колхозҳо ба

[1]Мотревич В. П. Колхозы Урала в годы Великой Отечественной воины. - Свердловск, 1990. - С.143.
[2]Тангаи хурдтарин дар муомилот, садяки сӯм.
[3]Номи тоҷики рубл - воҳиди асосии пулӣ дар ИҶШС, ки баробар ба 100 тин буд.
[4]История советского крестьянства. В 5 Т. Т. 3. Крестьянство накануне и в годы Великой Отечественной войны, 1938 – 1945. - Москва, 1987. - С. 242.
[5]Ҳамин ҷо: С. 241-242, 356-358
[6]Эркаев М., Никоаев Ю., Шарофов Я. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ. - Сталинобод, 1960. - С.374.

давлат супурданди (як қисм) маҳсулотро на дар асоси шартнома, балки дар асоси қонун ба ҷо меоварданд.

Соҳаи асосии кишоварзии вилояти Кӯлоб ғаллакорӣ мебошад. Майдони кишти колхозҳои вилоят дар соли 1941 203.083 гектарро ташкил медод[1]. Нақшаи кишти тирамоҳии соли 1941-ум 106 % иҷро гардида, назар ба соли 1940-ум 30600 гектар зиёд ғалла кошта шуд[2]. Вилояти Кӯлоб нақшаи кишти тирамоҳиро дар соли 1941 101 % иҷро намуд. Барои иҷрои пурраи нақшаи кишт роҳбарони колхозҳои вилоят аз тамоми қувваҳои корӣ истифода намуда, дар байни колхозчиёни мусобиқаҳо ва фаъолиятҳои гуногунро ташкил намуданд. Дар натиҷа, то 1-уми январи соли 1942 ноҳияи Қизилмазор 112,2%, ноҳияи Сарихосор 118,2% ва ноҳияи Кӯлоб 110,9 нақшаи кишти тирамоҳиро иҷро намуданд[3]. Дар як қатор ноҳияҳои дигари вилоят кишти тирамоҳи ба пурагӣ иҷро нашудааст. Масалан, ноҳияи Данғара 76,2%, ноҳияи Балҷувон 85,2%, ноҳияи Колхозобод 82,4%-и нақшаи кишти тирамоҳиро ичро намуданд[4]. Албатта, ин аз он дарак медиҳад, ки дар колхозҳои ин ноҳияҳо интизоми меҳнат пура ба роҳ монда нашудааст ё ҳамаи қувваи хоҷагии қишлоқ ба кор сафарбарӣ нашудааст.

Дар натиҷаи зиёдшавии истеҳсоли ғалла дар ҷумҳурӣ 20 марти соли 1941 Шӯрои иқтисодӣ назди ШКХ ҶШС Тоҷикистон барои истеҳсоли барзиёди орд қарор «Дар бораи сохтмони осиёбҳои обӣ дар ноҳияҳои ордтаъминкунанда бо низоми расонидани босуръати орд»-ро қабул кард. Дар асоси ин қарор дар вилояти Кӯлоб як осиёби обӣ дар ноҳияи Балҷувон ва як осиёби истеҳсолкунандаи ду навъи орд дар ноҳияи Даштиҷум, ки дар як шабонарӯз то 2 тонна а орд истеҳсол мекард, сохта

---

[1]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 114.
[2]Материалы к истории таджикского народа в советский период. (сборник статей):- Таджикгосиздат 1954. - С.362.
[3]Вилояти Кӯлоб нақшаи кишти тирамоҳиро иҷро кард //Ҳақиқати Кӯлоб. №6 (600), 19-уми январи соли 1942. С. 4.
[4]Ҳамин ҷо.

шуд[1]. Вусъат додани сохтмони осиёбҳо дар вилоят имкон дод, ки дар як сол осиёбҳои вилоят то 6000 тонна а орд истеҳсол намуда, ноҳияҳои Кӯлоб, Колхозобод, Муъминобод, Қизилмазор ва Шӯроободро ба орд таъмин намоянд[2].

Дар шароити ҷанг, колхозҳои вилояти Кӯлоб майдони киштро васеъ карданд. Ҳар як қитъаи замини кошта мешуд, алалхусус, дар заминҳои обёришаванда, ҳама қитъаҳои замини кишти сабзавот, картошка ва ғалладона истифода мешуданд, майдонҳо барои гирифтани ҳосили зиёд бо кишти баланд таъмин карда мешуданд, то ба фронт ва ақибгоҳ бештар маҳсулот ва ашёи хом истеҳсол кунанд.

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб бораи инкишоф ва серҳосил кардани зиратҳои мавсимӣ таъмини колхозҳоро бо тухмиҳои босифат аз қабили кунҷит, зағир ва юнучқа медиданд. Аз ин рӯ, Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 27 январи соли 1941 нақшаи таъмини тухмиҳои босифати кунҷит, зағир ва юнучқаро дар колхозҳои вилоят тасдиқ намуд. Нишондоди таъмини ноҳияҳои вилоят бо тухмии дар соли 1941 аз рӯи намуди зироатҳои кунҷит – 650,6 сентнер, зағир – 1398 сентнер ва юнучқа – 344 сентнер пурра дастраси меҳнаткашони вилоят шуданд.

Соли 1941 дар колхозҳои вилоят барои кишт ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои ғаладонагӣ, сабзавот ва картошка шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин сол кохозҳои вилояти Кӯлоб кишти картошкаро ба 30 гектар, ҷави русӣ 200 гектар, зағир 275 гектар ва кишти юнучқаро ба 3000 гектар расониданд[3]. Инчунин, тибқи маълумоти бойгонӣ дар ин сол 10000 сар асп дар корҳои саҳроӣ банд буданд, ки ҳар сар асп ба андозаи 2 то 3 гектар заминро шудгор мекард, ки дар маҷмӯъ шудгор тавассути аспҳо дар вилоят 30000 гектарро ташкил медод[4].

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.24. В.33.
[2]Ҳамин ҷо: В.33.
[3]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.13. В.64.
[4]Ҳамин ҷо: В.68.

Дар таърихи 30-юми июли соли 1941 ШКХ ҶШС Тоҷикистон қарор «Дар бораи тайёр намудан чормағз аз ҳосили соли 1941 барои эҳтиёҷоти Артиши Сурх»-ро қабул намуд. Дар қарор қайд шуда буд, ки соли 1941 аз ҳосили чормағз дар ҷумҳурӣ 400 тонна а тайёр карда шавад. Барои иҷрои ин нақша вилояти Кӯлоб 250 тонна а вазифадор шуда буд.[1] Меҳнаткашони вилоят аз иҷрои нақшаи давлатӣ оид ба ҳосили чормағз дар соли 1941 ба осонӣ баромада, ба фонди Артиши Сурх даҳҳо тонна а чормағз фиристонданд.

Ҳамин тавр, колхозҳои вилояти Кулоб дар соли 1941 майдони киштро ба ҷои 200.644 ҳазор гектаре, ки дар нақша пешбинӣ шуда буд, ба 203.083 ҳазор гектар расонданд[2]. Нақшаи таҳвили давлатии маҳсулоти кишоварзиро дар соли 1941 дар вилояти Кӯлоб бо чунин натиҷа ба анҷом расонид:[3] Дар ин давра таъмини зиратҳои ғаллагӣ - 100%, маҳсулоти гӯштӣ – 99,0%, шир ва равған – 92%, пашм-89,4%, шолӣ-94%, растаниҳои равғандиҳанда-89,2%, картошка-68,2%, сабзавот – 45% ва хӯроки чорво-95,3% иҷро гардид.

Дар соли 1942 нақшаи зиёд кардани майдони кишт дар колхозҳои ҶШС Тоҷикистон 71 ҳазор гектар тасдиқ карда шуд. Дар вилояти Кӯлоб соли 1942 нақшаи майдони кишт нисбат ба соли 1941-ум 19,116 гектар, аз ҷумла, кишти баҳорӣ 5,616 гектар, кишти зимистонӣ 13,500 гектар зиёд карда шуд ё дар умум нақшаи кишт 219,760 гектарро ташкил дод, ки дар асл вилоят дар ин сол дар масоҳати 242,801 гектар кишт карда шуд[4].

Кишти умумии маҳсулоти зироатҳои техникӣ дар ин давра дар ҷумҳурӣ дар масоҳати 212400 гектар гузаронида шуд, ки аз ин масоҳат 24% (51180 га)-ро масоҳати кишти зироатҳои техникӣ дар вилояти Кӯлоб ташкил медод.

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В.91.
[2]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 114.
[3]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.27. В.42.
[4]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В. 114.

19-уми марти соли 1942 аз ҷониби ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон меъёрҳои солонаи аз тарафи колхозҳо барои соли 1942 супоридани сабзавотро барои вилоятҳои ҷумҳурӣ дар чунин шакл тасдиқ намуд[1].

Барои иҷроиши ин нақша дар ҷумҳурӣ маъракa оид ба васеъ кардани майдонҳои кишт оғоз шуд. Майдони кишти зироатҳои ғаллагӣ ва техникӣ дар соли 1942 нисбат соли 1941 61,4 га зиёд карда шуд. Дар соли 1942 вилояти Кӯлоб нақшаи киштро 110% иҷро кард, ки нисбат ба соли 1941 40 ҳазор гектар зиёд мебошад[2]. Албатта, ин дар ҳоле буд, ки дар мамлакат сафарбаркунии умумиҳарбӣ мегузашт. Аз ҳамин сабаб афзалияти хоҷагии қишлоқ дар он буд, ки дар чунин шароит тавонист раванди нисбатан муқарраргардидаи истеҳсолотро таъмин кунад.

**Ҷадвали 5. Меъёрҳои солонаи супоридани сабзавот аз ҷониби ноҳияҳои вилояти Кӯлоб барои соли 1942**

| № | Номи ноҳияҳо | Меъёрҳо бо ҳисоби гилограмм аз ҳар як гектар замин | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Карам | Пиёз | Сабзӣ | Лаблабу | Помидор | Бодринг |
| 1. | Фархор | 1,15 | 1,72 | 0,66 | 0,33 | 0,5 | 0,3 |
| 2. | Балҷувон | 0,18 | 0,28 | 0,12 | 0,06 | - | - |
| 3. | Ховалинг | 0,60 | 0,95 | 0,40 | 0,20 | 0,5 | 0,3 |
| 4. | Муъминобод | 0,79 | 1,25 | 0,53 | 0,26 | 0,5 | 0,3 |
| 5. | Шӯрообод | 0,34 | 0,54 | 0,23 | 0,11 | 0,5 | 0,3 |
| 6. | Кӯлоб | 3,40 | 4,41 | 1,81 | 0,88 | 2,6 | 1,0 |
| 7. | Колхозобод | 2,46 | 3,18 | 1,50 | 0,72 | 2,6 | 1,0 |
| 8. | Қизилмазор | 0,17 | 0,27 | 0,11 | 0,05 | - | - |

Дар ин баробар, инчунин, нақшаи кишти зироатҳои дар дар соли 1942 дар қитъаҳои наздиҳавлигии колхозчиёни вилояти Кӯлоб масоҳати 2236

---

[1]Нормаҳои солона //Ҳақиқати Кӯлоб. №34 (628), 12-уми апрели соли 1942. С. 2.
[2]Отчет сельскохозяйственного отдела ЦК КП(б) Таджикистаназа 1942 год. //БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.184. В. 5.

гектар, аз ҷумла, кишти картошка 100 гектар, сабзавот 316 гектар, полезӣ 1790 гектарро ташкил медод[1].

Инчунин, нақшаи ҳосили картошка ва сабзавотӣ зери хатар монда, дар моҳи январи соли 1942 тибқи нақша картошка 39,1% ва сабзавотро 70,1% иҷро карданд[2].

Махсусан, дар иҷроиши нақшаи ҷамъоварии ҳосили картошака ноҳияҳои Данғара, Шӯрообод, Фархор, Кӯлоб, Колхозобод, Қизилмазор Муъминобод дар иҷроиши нақшаи ҷамъоварии ҳосили сабзавот ноҳияҳои Шӯрообод, Фархор, Кӯлоб, Муъминобод ва ноҳияи Ховалинг ба қафамонӣ роҳ доданд[3]. Вобаста ба ин дар байни колхозчиён мусобиқаи сотсиалистиро вусъат доданд[4].

Колхозчиёни колхози ба номи Кирови ноҳияи Қизилмазор соли 1942 аз 204 гектар ҳосили гандум 14,7 сентнер ва аз 65 гектар 18,5 сентнер ҳосили ҷав рӯёниданд. Дар он солҳо раиси колхоз Одинаев Раҷаб буд. Колхозчиёни колхози Янги-Қадами ҳамин ноҳия, ки сарвари колхоз Қиличев Қурбонбуд, дар соли 1942 аз ҳар гектар ҷав 13,6 сентнер (60 гектар) ҳосил ба даст оварданд. Коллективи колхози Аскари Сурхи ноҳияи Данғара аз 830 гектар кишти гандум, аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 11 сентнер ва ҷав аз 240 гектар 11,7 сентнер ҳосил гирифтааст. Колхози «Техник-агроном»-и ноҳияи Муъминобод аз 15 гектар шолӣ аз ҳар гектар 65 сентнерӣ хосил гирифт (раиси колхоз Шарифов Одина). Колхози ба номи Сталини ҳамин ноҳия аз 9 гектар (шала) аз ҳар гектар 65 сентнерӣ ҳосил ба даст овардааст (раиси колхоз Бухориев Бозор)[5]. Умуман, дар соли 1942 дар вилояти Кӯлоб масоҳати кишти зироатҳои ғалладонагӣ беш аз 16,7 ҳазор гектар буда, ҳосили умумии зироатҳои

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В. 157.
[2]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.8. Р.1. П.14. В.15.
[3]Ҳамин ҷо: В.15.
[4]Ба ҳамаи колхозчиёни райони Кӯлоб. Муроҷиатномаи слёти колхозчиён-стахановчиёни райони Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №12 (606), 9-уми феврали соли 1942. С. 2.
[5]Алимов Д.Х. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.105.

ғалладона аз ҷониби колхозҳои ноҳияҳои Кӯлоб ва Қизилмазори вилоят зиёд карда шуд[1].

Дар соли 1942 колхозҳои вилояти Кӯлоб масоҳати 169000 гектар замини корам, аз ҷумла, кишти зироатҳои зимистона 112000 гектар ва зироатҳои баҳорӣ 57 000 гектар дар ихтиёр доштанд[2].

Дар иҷрои нақшаи кишти баҳории соли 1942 ноҳоияҳои вилоят муваффақиятҳои зиёд ба даст оварданд. Гарчанде вилоят дар маҷмӯъ маъракаи киштукори баҳориро бомуваффақият гузаронид, аммо дар баъзе колхозҳои вилоят меъёри тухмипарварӣ риоя карда нашудааст ва дар баъзе ҷойҳо қаллобӣ дар иҷрои нақшаи кишт мушоҳида мешавад, ки назар ба оне ки дар нақша нишон дода шудааст, дар асл кам кошта шуда буд.

Дар ноҳияи Сарихосор бино ба маълумоти мақомоти замин то 1 июни соли 1942 кишти ғалладона, гӯё 11 ҳазору 48 гектарро ташкил додааст, вале мувофиқи ҳисоботи ниҳоӣ, танҳо 10 ҳазору 3 гектар дар ноҳия кишт шудааст, ки дар асл масоҳати кишти иҷронашуда 1054 гектарро ташкил додааст[3].

Дар колхозҳои ноҳияи Мӯъминобод майдони киштро дар асоси тухмии истеъмолшуда ҳисоб карданд, ки дар натиҷаи чунин баҳисобгирӣ байни ҳисоботи фаврии ноҳия ва майдони воқеан кошташуда 1527 гектар номувофиқӣ пайдо шуда буд. Чунин вазъият дар ноҳияи Балҷувон низ ба амал омадааст[4].

Дар назди ташкилоти ҳизбӣ ва колхозҳои вилоят вазифаи муҳим - дар муддати кӯтоҳ ва беталаф гундоштани ҳосили соли 1942 меистод. Дар соли 1942 дар вилоят дарав аз 5 июн сар шуда, дар ҷамъоварии ҳосил 30 комбайн, барои дарави 6225 гектар иштирок доштанд. 30 сентябри соли

---

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С. 160.
[2]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В.147.
[3]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В.В. 114,115.
[4]Ҳамин ҷо: В. 130.

1942 ҷамъоварии ҳосил аз тарафи ҳамаи колхозҳо ба охир расид. Дар охири дарав дар майдони 107,893 гектар хӯшаҳо дастӣ чида (асосан, бо саъйи донишҷӯён), ки дар натиҷаи он 1002 тонна а иловагӣ ғалла ҷамъоварӣ карда шуд. Барои кумак ба колхозчиён дар давраи ҷамъоварии ҳосил аҳолии шаҳр ва мактаббачагон сафарбар карда шуданд[1].

Барои расонидани ёрии амалӣ дар тамоми давраи ҷамъоварии ҳосил кормандони ҷамъияти сиёсии вилоят, аз ҷумла, кормандони Идораи кишоварзӣ ба ноҳияҳо ва колхозҳо сафарбар карда шуда буданд.

Гарчанде ки ҳосили ғаллаи соли 1942 дар вилоят бомувафақият ҷамъбаст шуд, лекин баъзе камбудиҳои асосӣ дар маъракаи дарав ба миён омада буд, ки инҳо маҳсуб меёбанд:

а) тайёрии сусти парки даравгарон, бекористии зиёд, ки ин боиси иҷро нашудани нақшаи ҷамъоварии ҳосил шуд;

б) дар як қатор колхозҳо баҳисобгирии ҳосили зироати парваришкардашуда дуруст набуд[2].

ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон барои додани музди иловагӣ ба колхозчиёни вилоятҳо ва ноҳияҳои ҶШСТоҷикистон нақшаи ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ супоришҳои соли 1943-ро муқаррар намуд. Тибқи нақша барои вилояти Кӯлоб[3] зироатҳои ғаладонагӣ, аз ҷумла, гандуми тирамоҳӣ 13,0, баҳорӣ 8,1, ҷав тирамоҳӣ 3,4, баҳорӣ 9,2, шолӣ-29,1, арзан-8,0, лубиёгӣ-5,7 сентнер, зироатҳои техникӣ - пахта-навъҳои америкоӣ-17,4, мисрӣ-14,6, миёна-17,1, зағир-4,2, кунҷит-3,0, гарчакдона-5,7, бодоми хитоӣ-11,0 сентнер ва зироатҳои сабзавот ва картошка -65, карам-214,1, бодиринг-93,3, сабзӣ-99,2, лаблабуи хурокӣ-92,4, пиёзу сир-87,5 сентнер муқаррар карда шуда буд[4].

---

[1]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В.В. 116, 131.
[2]Ҳамин ҷо: В.В. 116, 132.
[3]Баланд бардоштани ҳосилоти хоҷагии қишлоқ ва маҳсулоти чорводорӣ вазифаи муқаддаси мост //Ҳақиқати Кӯлоб. №59 (653), 8-уми июни соли 1942. С. 1-2.
[4]Ҳамин ҷо: - С. 1-2.

**Ҷадвали 6. Иҷрои нақшаҳои таъминоти давлатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб то 1 январи соли 1943[1].**

| Намудҳои маҳсулоти таъминоти давлатӣ | Ҳаҷм | Нақшаи соли 1942 | Иҷро | Иҷро бо% |
|---|---|---|---|---|
| Таъмини давлатии ғалла | сент. | 193640 | 194465 | 100,4 |
| Фонди артиши сурх | сент. | 53155 | 53387 | 100,4 |
| Ғаладона барои тухмӣ | сент. | 6574 | 6756 | 102,7 |
| Равған | кг. | 95041 | 95057 | 100,0 |
| Гӯшт | сент. | 23988,3 | 24090 | 100,4 |
| Сир-панир | кг. | 70586 | 71207 | 100,8 |
| Тухм | дона | 1397921 | 1405829 | 100,5 |
| Коҳ | сент. | 23227 | 24665 | 104,6 |
| Картошка | сент. | 11335 | 11450 | 101,0 |
| Сабзавот | сент. | 6399 | 6488 | 101,4 |
| Пашм | клг. | 221540 | 225565 | 101,8 |
| Пилла | клг. | 141570 | 143508 | 101,4 |
| Равғани кастор | сент. | 482 | 268 | 55,1 |
| Кунҷит | сент. | 4746 | 3343 | 70,4 |
| Зағир | сент. | 24528 | 24528 | 100,1 |
| Шолӣ | сент. | 4593 | 4204 | 91,5 |
| Пардохт дар шакли натуралӣ | сент. | 23235 | 21568 | 92,8 |
| Пӯсти калон | дона | 4123 | 3455 | 81,2 |
| Пӯсти миёна | дона | 1773 | 1703 | 96,0 |
| Пӯсти хурд | дона | 120219 | 95172 | 79,0 |

Дар соли 1943 КМ ҲК(б) Тоҷикистон қарор «Дар бораи кори КМ ва кумитаҳои минтақавии ҲК (б) -и Тоҷикистон», қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲКИШ «Дар бораи нақшаи давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ барои 1943» ва қарорҳои Пленумҳои IX ва X, КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар бораи минбаъд васеъ кардани майдони кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокии тамоми зироатҳо ташкил медод[2].

[1]Отчет Сельхозотделов ОК КП(б) Таджикистана //Отчет Сельхозотделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана за 1942 год. БДТН ЧТ. Ф. 3.Р. 126. П.185. В.В. 119,135.
[2]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том - 2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С.192

Оид ба кишти тирамоҳии соли 1943 бисёре аз колхозҳои вилоят уҳдадориҳои ба зима гирифтаашонро бомувафақият ҷамъбаст намуданд. Хусусан, дар шудгори тирамоҳӣ колхозҳои ноҳияҳои Сарихосор, Шӯрообод ва Даштиҷум пешсаф буданд. Масалан, то 12 декабри соли 1943 колхозҳои ноҳияҳои Сарихосор 110%, Шӯрообод 106,7% ва Даштиҷум 103,8% нақшаи кишти тирамоҳиро иҷро карданд. Вале дар баробари ин баъзе ноҳияҳои вилоят дар иҷрои кишти тирамоҳӣ ақиб монданд. Чунончи ноҳияи Муъминобод 37,8%, Колхозобод 41,3%, Ховалинг 52,7% ва ноҳияҳои Кӯлоб, Қизилмазор ва Балҷувон дар кишти тирамоҳӣ корро дуруст ба роҳ намонда, сабаби сари вақт иҷро нагардидани нақшаи кишти тирамоҳӣ дар вилоят гардиданд. Дар натиҷа колхозҳои вилоят то 12-уми декабри соли 1943 6123 гектар заминро шудгор карданд, ки иҷроиш ба 68,7%-и нақшаи кишти тирамоҳӣ мерасад[1].

12-уми сентябри соли 1943 ҷаласаи ҳизбии вилояти Кӯлоб баргузор гардид, ки дар ин ҷаласа чор масъалаи асосӣ оид ба корҳои хоҷагии қишлоқ барррасӣ ва муҳокима гардиданд, яке аз масъалаҳои барассишаванда ин ҷамъоварӣ ва ба давлат супоридани ғалла буд. Мувофиқи ахбороти ин ҷаласа ноҳияҳои Кӯлоб, Шӯрообод, Кангурт ва Колхозобод нақшаи ба давлат супоридани ғалларо иҷро намуданд[2].

Ҳамин тавр, муваффақиятҳои колхозҳои вилоят имкон доданд, ки соли 1943 ба ҳисоби миёна аз ҳар як гектар ҳосили баланд бардошта шавад. Дар моҳи сентябр, таҳвили давлатӣ ғалла пеш аз муҳлат ба анҷом расид, ҳамаи он чизе, ки ба хазинаи ғаллаи Артиши Сурх супорида шуд, пардохтҳои пурраи онҳо дар шакли натуралӣ анҷом дода шуданд.

Дар вилояти Кӯлоб замини кишти зимистона барои ҳосили 1943 68,2% майдони кишти ғалладонаро ташкил медод. Дар аксари ноҳияҳои вилоят, зироатҳои зимистона аз ҳисоби ҳосили баланди устувор, нисбат ба зироатҳои баҳорӣ бартарӣ доштанд. Кумитаи иҷроияи Советҳои

---

[1]Дар кишт ва шудгори тирамоҳӣ суръати корро тезонем! //Ҳақиқати Кӯлоб. № 82 (797), 18-уми декабри соли 1943. С.1.

[2]Пленуми обкоми партияи Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №65 (780), 12-уми сентябри соли 1943. С.2.

маҳаллии депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар соли 1943 390 масъаларо доир ба фаъолияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ муҳокима намудааст, ки ин ба инкишофи соҳаҳои хоҷагии қишлоқи вилоят таъсир гузошт, дар натиҷа кишоварзони вилояти Кӯлоб уҳдадориҳои аз тарафи колхозҳо ба давлат супурда шудани ғалларо дар соли 1943 100% иҷро намуданд[1].

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 9 августи соли 1944 дар ҷаласаи худ қайд, кард, ки иҷроиши нақшаи давлатӣ оид ба заминҳои корами киштшуда дар колхозҳои вилоят 99,4%, аз ҷумла, кишти зироатҳои тирамоҳӣ 100% ва кишти зироатҳои баҳорӣ 99,3% иҷро гардидааст[2].

Масъалаи содироати ғалла аз қитъаҳои замин ва омодасозии заминаи техникӣ барои қабули ғалла аз ҳосили соли 1944 дар вилоят дар вазъияти на он қадар хуб қарор дошт. Дар моҳи феврали ҳамин сол ба ҷойи 3275 тонна ғаллаи дар нақша буда, 226, 2 тонна ё 13 %-и нақша иҷро ва содироат карда шуд. Дар моҳи марти ҳамин сол ба ҷойи 3475 тонна 567 тонна ё 16, %-и нақша содирот шудааст[3]. Зеро, содироти ғалла дар як қисми ноҳияҳои вилоят бад буд, масалан, ноҳияи Ховалинг нақшаи дарпешгзоштаи барои моҳҳои феврал ва мартро 0,8%, Муъминобод 3,5%, Кангурт 1,5%, Балҷувон 4,5%, Кӯлоб 7% ва Сарихосор 9% иҷро карда буданд[4].

Дар баробари иҷро нагардидани нақша ҳолати техникӣ базаҳои қабули ғалла зери хавф буданд, зеро дар анборҳои ғалланигоҳдорӣ қисми зиёди ғаллаи интиқолношуда нигоҳ дошта мешуд.

То 1-уми июни соли 1944 дар вилояти Кӯлоб нақшаи гардиши савдои чакана танҳо 10,4%, нақшаи гардиши хизматрасонии хурока 54,0%,

---

[1]Қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон №1047 аз 17 ноябри соли 1943 «Дар бораи кори комитетҳои иҷроияи Советҳои маҳаллии депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб» //Ҳақиқати Кӯлоб. №81(796), 14-уми декабри соли 1943. С.1.
[2]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.50. В.76.
[3]Ҳамин ҷо: В.30.
[4]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.30. В.30.

нақшаи сарфакунии даромади кооперативҳо 63% ва нақшаи кишти қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ 27,0% иҷро шуд[1].

Дар таърихи 25 августи соли 1944 аз хабари телеграфии И.В.Сталин ва Маленков дар бораи истеҳсоли ғалладонагиҳо, маълум гашт, ки камбудиҳои ҷиддӣ дар иҷроиши ин нақша дар соли 1944 ба назар мерасад, ки ба вилояти Кӯлоб низ дахл дошт[2]. Вилояти Кӯлоб дар ин давра тамоми имконияти заруриро оид ба таъмини таъҷилии нон дошт, аммо ба ҳамаи имконоти мавҷуда нигоҳ накарда, то 25 августи соли 1944 нақшаи иҷроиши нонтаъминкунӣ дар вилоят 71,7% ва ноҳияи Сарихосор бошад иҷроиши нақшаи мазкур ба 60% мерасид[3]. Яъне иҷрои таъҷилии нонтаъминкунӣ дар вилоят пурра иҷро нагардид. Аз ин рӯ, ба роҳбарони ташкилотҳои ноҳиявӣ супориш дода шуд, ки дар якҷоягӣ бо ташкили муборизаи умумихалқӣ барои иҷрои саривақтии нақша кӯшиш намуда, то оғози муҳлати муйян ба анҷом расонанд. Дар ин асос ба як қатор ноҳияҳои вилоят Даштиҷум, Колхозобод, Фархор то 5 сентябр, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Шӯрообод, Қизилмазор, Сарихосор то 10 сентябри соли 1944 муҳлат муқарар карда шуд[4].

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 28 декабри соли 1944 «Дар бораи нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар анборҳои кооператсияи истеъмолӣ» масъала муҳокима намуд. Дар он қайд карда шуд, ки дар як қатор ноҳияҳои вилоят вазъи нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар анборҳои кооператсияи истеъмолӣ ғайриқаноатбахш мебошад, зеро ба бехатарии маҳсулот ва сифати он зиён мерасад[5]. Махсусан, нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар анборҳои кооператсияи истеъмолии ноҳияҳои Даштиҷум, Сарихосор, Шӯрообод, Фархор дар ҳолати хуб қарор надошт. Дар ноҳияҳои номбаршуда дар ин сол дар анборҳои кооператсияи истеъмолӣ таъмир гузаронида нашуда

---
[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.50. В.72.
[2]Ҳамин ҷо: В.79.
[3]Ҳамин ҷо: В.79.
[4]Ҳамин ҷо: В.80.
[5]Ҳамин ҷо: В.136.

буд. Дар натиҷаи ин, дар тӯли солҳои 1942-1944 содироати маҳсулоти кишоварзӣ дар як қатор ноҳияҳо ба коргоҳҳои саноатӣ ба миқдори кам анҷом дода шуд. Дар баъзе анборҳои шуъбаҳои Ташкилоти ҷамъиятии истеъмолкунандагони ноҳиявӣ (РАЙПО), маҳсулоти ҷамъовардашуда ба миқдори зиёд мерасид ва бинобарсабаби номувофиқӣ (камғунҷоиш)-и анборҳо барои нигоҳдории минбаъда маҳсулотро ба вайроншавӣ ва бесифатӣ оварда мерасониданд. Дар натиҷа тайёркунӣ ва захираи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар анборҳо кам гардид. Масалан, анборҳои пашмнигоҳодории ноҳияҳои Ховалинг дар тӯли солҳои 1942-1944 ҳамагӣ 40 тонна , Қизилмазору Даштиҷум 17, Сарихосор 17 тонна пашм ва 28 тонна чормағз, Балҷувон 14 тонна пашм ва дар анборҳои шуъбаи харид дар Кӯлоб 45 тонна пашм ва 15 ҳазор чармҳои гуногунҳаҷм ҷамъ шуда буд[1].

**Ҷадвали 7. Маълумоти омори оид ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар анборҳои вилояти Кӯлоб дар 20 декабри соли 1944[2]**

| № | Номи ноҳияҳо | Б о қ и м о н д а ҳ о | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Чарм (дона) | Пашм (тонна) | Чормағз (тонна) | Меваи хушк (тонна) |
| 1. | Кӯлоб | 15000 | 45,0 | - | - |
| 2. | Колхозобод | 450 | 6,0 | - | - |
| 3. | Қизилмазор | 2800 | 20,0 | - | - |
| 4. | Сарихосор | 4300 | 17,0 | 27,0 | - |
| 5. | Балҷувон | 430 | 13,05 | 1,2 | 1,0 |
| 6. | Шӯрообод | 600 | 8,0 | - | - |
| 7. | Муъминобод | 320 | 6,0 | - | - |
| 8. | Даштиҷум | 1300 | 14,0 | - | - |
| 9. | Фархор | 500 | 9,0 | - | - |
| 10. | Ховалинг | 1500 | 40,0 | - | - |
| 11. | Кангурт | 850 | 15,0 | - | - |
| Ҷамъ: | | 28150 | 193,5 | 28,2 | 1,0 |

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.50. В.136.
[2]Ҳамин ҷо: В.137.

Дар охири солҳои ҷанг, майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона дар Душанбе (208,9 ҳазор га), Кӯлоб (199,9 ҳазор га), Ленинобод (165,4 ҳазор га) ва Ғарм (137,7 ҳазор га) зиёд шуданд. Афзунии майдонҳои кишти гандум ба ҷумҳурӣ имкон дод, ки қаблан на камтар аз 150 ҳазор тонна а ғалла дар як сол ворид карда, нақшаҳои хариди ғалла дар ин сол аҳолиро бо роҳи таъминоти муқаррарӣ таъмин намуд[1].

Бо сабаби меҳнати фидокоронаи ғаллакорони ҷумҳурӣ нақшаи тайёр кардани ғалла дар ҷумҳурӣ соли 1944 пурра иҷро гардид. Ҳанӯз то 1-уми сентябри соли 1944 колхозҳои вилояти Кӯлоб нақшаи ғалласупориро пурра ба анҷом расониданд[2].

Яке аз бахшҳои муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзии солҳои ҷанг дар вилояти Кӯлоб соҳаи пахтакорӣ буд. Меҳнати фидокорона ва истифодаи методҳои агротехникӣ ба колхозчиён имкон дод, ки соли 1941 нақшаи пахтасупорӣ 100 % иҷро карда шавад. Яке аз ноҳияи пешсафи ин маъракаи муҳим, ноҳияи Кӯлоб буд, ки аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 18,9 сентнер пахта ҳосил гирифта[3], нақшаи ба давлат супурдани пахтаро 126,5 % иҷро кардааст[4]. Пахтакорони ноҳияи мазкур, ба давлат аз нақша зиёда 1281,7 тонна а пахта супорида, вилоят нақшаи ба давлат супоридани пахтаро 106,2 % иҷро кард, ки аз он 68,7% пахтаи навъи аъло буд[5]. Ҷанг танҳо соли 1942 таъсири манфии худро ба пахтакорони ҷумҳурӣ расонида буд, аммо, новобаста аз монеаҳои давраи ҷанг пахтакорони вилояти Кӯлоб масоҳати кишти пахтаро васеъ мекарданд.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, дар соли 1942 нақшаи кишти пахта дар вилояти Кӯлоб 11000 гектар муайян гардида буд, ки бештари кишти

---

[1]Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). - Душанбе, 1980. - С.89.
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.187.
[3]Даромади колхозҳо туғрӣ тақсим карда шавад //Ҳақиқати Кӯлоб. №12(606), 9 феврали соли 1942. С.1.
[4]Алимов Д. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.95.
[5]Чолбобоев М. Корҳои хоҷагӣ- политикии органҳои советҳои маҳаллӣ дар рӯзҳои Ҷанги Ватанӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №61(655), 11-уми июни соли 1942. С.1.

пахтаи соли 1942 ба ноҳияҳои Фархор 3700 гектар, Колхозобод 2750 гектар ва Кӯлоб 3380 гектар ва боқимонда масоҳати замини пахта ба ноҳияҳои дигар рост меомад[1].

Аз соли 1942 сар карда пахтакорон бо сабабҳои мушкилиҳои замони ҷанг нақшаҳои давлатии пахтасупориро пурра иҷро карда наметавонистанд. Зеро дар майдонҳои пахта танҳо занон, муйсафедон ва наврасон кор мекарданд. Онҳо ба тасври дастӣ, ҳамаи корҳоро барои коркарди майдонҳои пахта ва сари вақт ғунучини ҳосил равона мекарданд. Барои ҳамин соли 1942 нақшаи ба давлат супоридани пахта 94% -ро ташкил додааст[2]. Он соли 1943 низ пурра иҷро нагардид. Дар натиҷаи ташкили чорабиниҳо оид ба кишт ва ғунучини пахта дар соли 1944 меҳнаткашон вилояти Кӯлоб нисбат ба соли 1943 аз иҷрои нақшаи кишт ва истеҳсоли пахта баромаданд. Дар соли 1945 кор дар соҳроҳои пахтаи ҷумҳурӣ муташакилона ба роҳ монда шуда буд. Дар иҷрои нақшаи пахтаи соли 1945 саҳми пахтакорони вилояти Кӯлоб низ назаррас буд. Масалан, то 11-уми октябри соли 1945 ноҳияи Кангурт 100% нақшаи ба давлат супоридани пахтаро иҷро намуд[3].

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз соҳаҳои стратегӣ кирмакпарварӣ буд. Соли 1942 кимакпарварони вилояти Кӯлоб нақшаи пилласупориро то 6 июли соли 1942 100,2% иҷро намуданд, ки дар чор соли пеш аз ҷанг (аз соли 1938 то соли 1942) вилоят якумин маротиба нақшаи пилласупориро иҷро намуд[4].

Дар соли 1943 нақшаи тайёр кардани пиллаи хом дар ҷумҳурӣ ба миқдори 1645 тонна а муайян карда шуда буд. Ҳолати инкишофи истеҳсоли абрешим аз 13,1% дар соли 1941 то 61,5% дар соли 1943 афзоиш

---

[1]Отчет Сельхоз отделов ОК КП (б) Таджикистана за 1942 год //Отчет Сельхоз отделов Кулябского ОК КП(б) Таджикистана.БТНН ҶТ. Ф. 3. Р. 126. П. 185. В.117.
[2]Ҳамин ҷо: В.118.
[3]Аз таҷрибаи беҳтаринҳо омӯзем //Ҳақиқати Кӯлоб, №41(889), 12 октябри 1945.С.2.
[4]Муроҷиатномаи коркунони абрешимчигии вилояти Кӯлоб ба ҳамаи коркунони абрешимчигии РСС Тоҷикистон //Ҳақиқати Кӯлоб, 13 июли соли 1942, №72 (666), С.1.

ёфта буд[1]. Дар соли 1943 колхозҳои ноҳияи Даштиҷум, Фархор нақшаи пиллатайёркуниро дар соли 1943 101% иҷро карданд. Ҳамчунин, дар вилоят якумин шуда нақшаи пиласупориро колхози ба номи «Зарбдор»-и ноҳияи Кӯлоб 144,5 % иҷро кард[2].

Дар баробари муваффақиятҳои соҳаи пиллапарварӣ дар вилоят баъзе аз ноҳияҳо дар иҷрои нақшаи давлатии пиллатайёркунӣ ақиб мемонданд. Масалан, то 5 июли соли 1943 нақшаи пиллатайёркунӣ дар вилоят 45,3 % иҷро гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (1942) 44,7 % кам буд. Дар иҷро нагардидани нақша як катор ноҳияҳои вилоят, масалан, пиллакорони ноҳияҳои Ховалинг 10,8 %, Муъминобод 25,8 %, Шӯрообод 35,5 %-и нақшаро бо ақибмонӣ ва фоизи хеле кам иҷро карда, ноҳияҳои дигари вилоят Сарихосор, Данғара, Қизилмазор, Балҷувон Кангурт ва ғайра то саннаи дар боло зикргардида ягон килограмм пилла насупоридаа буданд[3].

Сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи пиллатайёркунӣ дар вилоят дар он буд, ки базаи хӯроки тухмии кирмак аз суръати тараққиёти пиллапарварӣ қафо монда буд. Инчунин, шумораи бисёри одамоне, ки дар давраи ҷанг ба ин соҳа нав ба кор омада, дониш ва таҷрибаи корӣ оид ба ин соҳа надоштанд. Ҳамзамон, агротехникаи нигоҳубини тухми кирмак сол то сол бад мешуд.

Бо вуҷуди мушкилиҳои болозикр кимакпарварони вилояти Кӯлоб софдилона меҳнат намуда, барои иҷрои нақшаҳои давлатии пилласупорӣ мубориза мебурданд. Дар баробари кирмакпарварони алоҳида аксари колхозҳои вилоят муваффақона дар ин сол пилла месупориданд. Масалан,

[1]Абдурашитов Ф. Военно-хозяйственный комплекс Таджикистана в годы Великой Отечественной войны //Муаррих, 2015. - С. 11.
[2]Соҳибов. Вилоят дар пиллатайёркунӣ шармандавор ақиб мемонад //Ҳақиқати Кӯлоб, 5 июли соли 1943, №43 (753), С.1.
[3]Соҳибов. Вилоят дар пиллатайёркунӣ шармандавор ақиб мемонад //Ҳақиқати Кӯлоб, 5 июли соли 1943, №43 (753), С.1.

колхозҳои ба номи «Крупуская» ва «Ленин»-и ноҳияи Даштиҷум дар соли 1944 нақшаи пилласуориро 100% иҷро намуданд[1].

КМ ҲК (б) Тоҷикистон дар соли 1945 барои рафъи камбудиҳои соҳаи пиллапарварӣ аз сари нав барои бунёди ниҳолхонаҳо дар ҷумҳурӣ ва парвариши ниҳоли тутро ба таври васеъ роҳандозӣ намуд. Бо роҳандозии чорабиниҳои болозикр дар соли 1945 нақшаи тайёр кардани ҳосили пилла дар ҷумҳурӣ 92,2 % иҷро карда шуд. Аз ҷумла, кирмакпарварони вилояти Кӯлоб 86,8 % нақшаро иҷро намуда буданд[2].

Роҳбарияти ИҶШС, мақомоти ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва маҳаллӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бобати ба шароити ҷанг мувофиқ кунондани иқтисодиёти мамлакат кори бузургеро анҷом доданд. Шароити фавқулоддаи замон аз сохторҳои болозикр талаб мекард, ки дар тамоми давраи ҷанг дар бобати истеҳсоли маҳсулоти барои артиш ва ақибгоҳ зуд қарорҳои зарурӣ қабул кунанд. Соҳаи муҳимтарини иқтисодиёти ҳаёти мамлакат-хоҷагии қишлоқ, хусусан, чорводорӣ истисно набуд. Аз ин сабаб, дар шароити ҷанг, яке аз вазифаи мушкил дар назди чорводорон - ҳар қадар зиёдтар додани маҳсулот ба ҷабҳаҳои ҷангӣ ва ақибгоҳ меистод.

Чорводорони вилояти Кӯлоб низ дар ин айём вобаста ба талаботи ҷанг, ҳамеша ҳама корҳоро ба таври низомӣ аз нав ташкил карданд. Чорводории вилояти Кӯлобро дар солҳои ҷанг аз рӯи намудҳои чорводорӣ, хукпарварӣ, бузу гӯсфандпарварӣ, аспарварӣ ва парандапарварӣ ташкил медод.

Соли 1941 дар вилоят саршумори ҳама намуди чорворо афзоиш доданд. Аз ҷумла, чорвои калони шохдор 15,1%, хук 49,8%, гӯсфанд 32,2 %, буз 6,7% ва асп 18,1% зиёд карда шуда буд.[3]

Дар афзоиши саршумори чорвои соли 1941 дар сатҳи вилоят саҳми чорводорони ноҳияи Сарихосор бениҳоят назаррас буд. Масалан, то 1-

---

[1]Шчеголеватих Д. Аз пилла ҳосили баланд гирифтанд //Ҳақиқати Кӯлоб, 18 июни соли 1944, №39 (840), С.1.

[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). Под. редакций К.П. Марсакова. – Душанбе: Дониш, 1968. – С.197.

[3]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.27. В. 22.

уми январи соли 1941 колхозҳои чорводори ноҳияи Сарихосор дорои 43 фермаҳои чорводорӣ ва бузу гӯсфандпарварӣ буданд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ноҳия ба 2197 адад ва хоҷагиҳои инфиродӣ 64 ададро ташкил медод. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ чорвои калони шохдор 4516 сар, аз ҷумла, гов 1067 сар ва чорвои корӣ (буқа-ҷувона) 1447 сар, гӯсфанд 6571 сар, буз 15151 сар, асп 565 сар, аз ҷумла, аспи корӣ 403 сар, хар 1795 сар, аз ҷумла, хари корӣ 1555 сар мавҷуд буд. Дар хоҷагиҳои инфиродӣ бошад, чорвои калони шохдор 41 сар, аз ҷумла, гов 9 сар ва чорвои корӣ (буқа-ҷувона) 9 сар, гӯсфанд 72 сар, буз 260 сар, асп 7 сар, аз ҷумла, аспҳои корӣ 4 сар, хар 55 сар, аз ҷумла хари корӣ 53 сар мавҷуд буд[1].

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ва Кумитаи вилоятии ҲК (б) Тоҷикистон 19 декабри соли 1941 «Дар бораи рушди чорводорӣ дар колхозҳои вилояти Кӯлоб»[2]-ро муҳокима намуд. Дар рушд ва иҷрои нақшаи солона (1941) хоҷагиҳои чорводори вилоят ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштанд. Масалан, чорводорони вилоят нақшаи иҷрои давлатии инкишофи чорвои калони шохдорро 100%, аспро 103% ва бузу гӯсфандро 109% иҷро намуданд.[3] Нақшаи маҳсулотгири аз чорво соли 1941 дар вилоят: асп 100,9 %, хук 157,2 % ва бузу гӯсфанд 101,5 % иҷро шуд[4].

Инчунин, саршумори чорво низ дар хоҷагиҳои чорводории вилояти Кӯлоб меафзуд. Аз ҷумла човои калони шохдор 11,3%, бузу гӯсфанд 9,8%, ва асп 11 % нисбати ҳамин давраи соли 1940 зиёд гардидааст[5].

Саршумори чорво дар вилояти Кӯлоб таввасути ду омил, яъне тавассути хоҷагиҳои чорводор ва харидани чорво зиёд карда мешуд. Дар

---

[1]Докладныезаписки инструкторов ЦК секретарей, зов. отделом РК, ОК КП(б) Таджикистана, о выполнении постонавлений СНК СССР и ЦК ВКП(б) «О мероприятиях по развитию общественного животноводства в колхозпх по Республике» //Сводной цифровой мотериал по учету животноводства Сары-Хосорского района на 1-ое январия 1941 года. БДТН ҶТ. Ф. 3.Р. 126. П.148. В. 44.
[2]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.23. В. 10.
[3]Ҳамин ҷо: В. 10.
[4]Боз ҳам бо қувва ва энергияи нав кор мекунем //Ҳақиқати Кӯлоб. №1 (595), 1-уми январи соли 1942. С.1.
[5]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.23. В. 10.

соли 1941 барои пурра иҷро кардани нақшаи давлатӣ хоҷагиҳои чорводори вилоятро зарурат пеш омад, ки чорво харидорӣ намоянд.

5 октябри соли 1941 Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар ҷаласаи навбатии худ «Оид ба тайёрӣ барои зимистонгузаронии чорво дар вилоят»-ро муҳокима намуданд. Дар ин ҷаласа муайян гардид, ки то 1. 10. 1941 иҷрои нақшаи хӯроки чорво дар вилоят ба таври миёна, 63% иҷро гардидааст[1]. Махсусан, беаҳамияти оид ба масъалаи мазкур дар ноҳияҳои Колхозобод (24%), Қизилмазор (30%), Сарихосор (34%) ва ноҳияи Данғара (34%) зоҳир мешуд[2].

Дар ин давра вилояти Кӯлоб 632 колхоз, 627 фермаҳои ширӣ бо теъдоди 26 267 сар чорвои калони шохдор, 632 фермаҳои бузу гӯсфандпарварӣ бо теъдоди 128 827 сар бузу гӯсфанд, 116 фермаи аспparварӣ бо теъдоди 900 сар асп ва 546 фермаи парандапарварӣ бо теъдоди 35 060 сар мурғи хонагӣ мавҷуд буд[3]. Яъне, 100% колхозҳо дорои фермаи чорвои калони шохдор ва бузу гӯсфандпарварӣ, 86%-и колхозҳо фермаҳои парандапарварӣ (мурғпарварварӣ), 22 % хукпарварӣ ва 24% дорои фермаҳои аспparварӣ буданд[4].

Чорводорон тамоми қарорҳои дар ҷаласаҳои ҳизбӣ қабулшударо муҳокима намуда, барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар давраи ҷанг тамоми чораҳоро меандешиданд. КМ Комсомолони Тоҷикистон бо назардошти аҳамияти махсуси рушди ин соҳа тасмим гирифт, ки моҳи тайёркардани хӯроки чорво барои чорвои ҷамъиятӣ ва чорвои колхозчиён моҳи комсомол-ҷавононро гузаронад. Дар тӯли моҳ дар он беш аз 15 ҳазор ҷавонони ватандӯст иштирок намуда, 180 тонна а хӯроки чорво ҷаъоварӣ намуданд[5].

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.27. В. 77.
[2]Ҳамин ҷо: -В. 77.
[3]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С. 124.
[4]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.23. В. 10.
[5]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войнa.1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.151.

Кумитаи комсомолии вилояти Кӯлоб низ дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми корҳои сиёсӣ ва ташкилии худро дар асоси дастурҳои КМ ҲК(б) Тоҷикистон иҷро мекард. Масъалаи тараққӣ додани соҳаи чорводорӣ 24 маротиба дар кумитаи комсомолии вилоят муҳокима карда шуда, дар ин бобат чораҳои мушаххас андешида шуданд. Дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёре аз аъзои комсомол ва ҷавонон қаҳрамонона барои иҷрои пеш аз муҳлат дар ҳама соҳаҳои хоҷагии қишлоқи вилоят мекӯшиданд.

Иштироки ташкилоти комсомолӣ ва ҷавонони вилоят дар тараққиёти чорводорӣ дар вилояти Кӯлоб хеле назаррас буд. Дар вилоят 55 нафар аъзои комсомол ба ҳайси мудири ферма ва 99 нафар аъзои комсомол ҳамчун чӯпон фаъолият мекарданд. Комсомол Камолов Бобо, мудири фермаи колхози «Аскари Сурх»-и ноҳияи Даштиҷум аз 68 сар гӯсфанд дар натиҷаи наслгирӣ 96 барра ба даст овард[1].

Аз вилояти Кӯлоб дар масъалаи рушди чорводорӣ бештар ноҳияи Шӯрообод натиҷаҳои назаррасро ба даст оварда буд. Ин ноҳия нақшаи иҷроиши чорвои калони шохдорро 91%, саршумори хукро 131% ва саршумори бузу гӯсфандро 95% иҷро намуд[2].

Барои ноил шудан ба чунин нишододҳои баланд оид ба рушди човодорӣ ноҳияи Шӯроободи вилояти Кӯлоб ба Байрақи Сурхи Сайёри Совети Комиссарони Халқи ИҶШС ва мукофоти аввалини пулӣ сарфароз карда шуд[3].

Нақшаи тайёр намудани хӯроки зимистонаи чорво соли 1942 дар вилояти Кӯлоб 148% иҷро гардид, ки нисбат ба соли 1941 85% зиёд иҷро шудааст. Махсусан, ноҳияҳои Қизилмазор - 148%, Данғара - 140%, Кӯлоб - 69%, Колхозобод - 61,9%, Сарихосор - 51% дар ҷамъовари ва омодаги

[1]Ниъматов С. Н.Становление и развитие зооветеринарной службы в Таджикистане (1924-1991 гг.). Дис…кандидата исторических наук. - Душанбе, 2019. - С.29-30.
[2]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С.124.
[3]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной война.1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.151.

барои зимистонгузаронии соли 1942 пешсаф буданд. Бо қувваи ҷавонони вилоят барои нигоҳ доштани аспҳо 306 бино, 433 оғилхона, барои бузу гӯсфандон 336 кашар, 51хукхона, 187 мурғхона сохта дар ихтиёри колхозҳои вилоят гузошта шуданд.[1]

Дар соҳаи чорводории ҷамъиятӣ ва таъминоти озуқавории он ҳадафи асосӣ зиёд кардани саршумори чорво, ба даст овардани 1500 литр шир аз ҳар як модагов, ба ҳисоби миёна аз як гӯсфанд 1,7 кг пашм, истифодаи захираҳои нақлиёти маҳаллӣ: шутурҳо, харҳо ва аспҳо, инчунин, беҳтар кардани нигоҳубини онҳо буд.

23 марти соли 1942 қарори ШКХҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон дар бораи чорабиниҳои амалӣ оид ба иҷро намудани қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) «Дар бораи чораҳои саломат нигоҳ доштани ҷавона ва зиёд кардани саршумори ҳайвонот дар колхозҳо ва совхозҳо» дар Тоҷикистонро қабул намуд[2].

Мувофиқи омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, то 1 октябри соли 1942 дар вилоят 2080 ферма, аз ҷумла, 621 фермаи чорвопарварӣ, 621 фермаи бузу гӯсфандпарварӣ, 217 фермаи хукпарварӣ, 621 фермаи паррандапарварӣ мавҷуд буд[3].

Дар муқоиса ба шумораи колхозҳо дар вилоят ба як колхоз 2 фермаи чорвопарварӣ ва 1 фермаи мурғпарварӣ рост меояд.

Дар соли 1942 чорводорони вилояти Кӯлоб барои рушди ҳамаҷонибаи ин соҳа шароити мусоид фароҳам оварда, колхозҳои вилоят нақшаи рушди чорводориро барои соли 1942 аз рӯи ҳамаи намудҳои чорво чорвои калони шохдор, аз ҷумла, говҳо 114.8%, гӯсфанду буз

---

[1]Алимов Д.Х. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.110.

[2]Дар бораи чорабиниҳои амалӣ оид ба иҷро намудани қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК(б) «Дар бораи чораҳои саломат нигоҳ доштани ҷавона ва зиёд кардани саршумори ҳайвонот дар колхозҳо ва совхозҳо» дар Тоҷикистон //Ҳақиқати Кӯлоб. №8 (602), 25-уми январи соли 1942. С.1-4.

[3]Отчет Сельхоз отделов ОК ПБ (б) Таджикистана //Отчет Сельхоз отделов Кулябского ОК ПБ (б) Таджикистана за 1942 год. БТНН ҶТ. Ф. 3. Р. 126. П. 185. В.В. 121, 137.

107.5%, хук 109.2%, асп 133.0%, хар ва хачирҳо 146.1%, шутур 24, 0%, парандаҳо 99.3 барзиёд иҷро карданд[1].

Ба душвориҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, норасоиҳои хӯрокаи чорво ва ғайра дар соли 1942 аз намуди бузҳо 1539 сар, гӯсолаҳо 8381 сар, барраҳо 60739 сар ва хукбачаҳо 2358 сар насл гирифтанд[2].

Аммо солим нигоҳ доштани насли чорво низ камбудӣ дошт. Масалан, дар соли 1942 тойча 89 сар, гусола 779 сар, барача 4545, хукбача 407 ва дар умум дар ин давра аспҳо 267 сар, ҳайвони калони шохдор 1379, гӯсфанд ва буз 11030 сар ва хук 611 сар талаф ёфтаанд[3]. Махсусан, талафоти чорво дар ноҳияҳои Ховалинг Балҷувон, Кӯлоб ва Колхозобод нисбати дигар ноҳияҳо зиёдтар буда[4].

Дар колхозхои вилоят дар бобати аз зимистон солиму фарбеҳ баровардани чорвои калони шохдор кори бисёре анҷом дода шудааст. Нақшаи ҷамъоварӣ намудани хошоки дурушт 125,1 % иҷро гардидааст.

Дар асоси натиҷаи фаъолияти соли 1942 барои муваффақиятҳо 30 ноҳияи ҷумҳурӣ нақшаи давлатии човодориро назаррас иҷро карда, барои мукофотонидан бо Байрақи Сурхи ШКХ ИҶШС пешбарӣ карда шуда буданд[5]. Аз вилояти Кӯлоб ноҳияҳои Фархор, Даштиҷум ва Шӯрообод, ки нақшаи давлатии чорводориро барзиёд иҷро намудаанд, ба номзадӣ барои гирифтани Байрақи Сурхи Сайёри Совети Комиссарони Халқи ИҶШС пешбарӣ карда шуданд[6].

Ҳамин тариқ, дар муқоиса ба солҳои пешазҷангӣ чорводорони вилоят тавонистанд дар ин соҳа мувафаққиятҳои беназирро ба даст оранд.

---

[1]Отчет Сельхоз отделов ОК ПБ (б) Таджикистана //Отчет Сельхоз отделов Кулябского ОК ПБ (б) Таджикистана за 1942 год. БТНН ҶТ. Ф. 3. Р. 126. П. 185. В.В. 120,136.
[2]Ҳамин ҷо: В. 138.
[3]Ҳамин ҷо: В. 138.
[4]Ҳамин ҷо: В. 123, 139.
[5]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной война1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.151.
[6]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.189.

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 7 июни соли1943 қарор «Дар бораи тараққӣ додани соҳаи асппарварӣ дар вилоят» - ро муҳокима намуда буд[1].

Кумитаи иҷроияи вилоят дар ин қарор зарурияти тараққӣ додани ин соҳаро муҳим шуморида, таъкид карда буданд, ки асп ҳамчун чорвои кори барои тамоми ноҳияҳои вилоят зарур аст, вале дар баробари ин, талаботи Артиши Сурхро бо аспҳои тездав қонеъ намудан вазифаи мо аст. Бо амалии ин мақсад саршумори аспҳо дар хоҷагиҳои вилоят то рафт зиёд мегардид. То 1 январи соли 1943 дар ноҳияҳои вилоят саршумори аспҳо қариб 9 000 сарро ташкил медод[2]. Махсусан, дар зиёдкунии шумораи аспҳо бештар ноҳияҳои Шӯрообод, Даштиҷум ва Фархор натиҷаҳои баланд нишон доданд.[3].

Қарори ШКХ ИҶШС ва КМ ҲК (б) «Оид ба чорабиниҳо доир ба зиёд кардани саршумори чорво дар колхозу савхозҳо ва баланд бардоштани маҳсулотнокии он» ( апрели с.1943) ба барномаи кори оид ба тараққиёти минбаъдаи чорводорӣ табдил ёфт. Нақшаи тараққиёти чорводории колхозҳо дар соли 1943 бо зиёд кардани саршумори ҷамъиятии чорво: чорвои калони шохдор то 220 ҳазор сар, аз ҷумла 58 ҳазор сар гов, хук то 12 ҳазор сар, шутурҳо то 3 ҳазор сар, харҳо то 20 ҳазор сар, пешбинӣ карда буд. Зеро, аз соли 1943 оғоз намуда, барои қонеъ гардондани талаботи афзуни артиш бо гӯшт, фонди гӯшт барои Артиши Сурх таъсис дода шуд. Дар Тоҷикистон ин фонд ба миқдори 1,5 ҳазор тонна а гӯшт муайян карда шуд[4].

Моҳи декабри соли 1943 дар ҷаласаи ҷумҳуриявии чорводорон иҷрои нақшаи давлатии рушди чорводорӣ баррасӣ шуданд. Иштирокчиёни маҷлис аз ҳамаи чорводорони колхозҳои Тоҷикистон даъват ба амал

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7.Р.1. П.44. В.17.
[2]Ҳамин ҷо: В.14.
[3]Алимов Д.Х. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.110.
[4]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.190.

оварданд, ки нақшаи давлатии зиёд кардани саршумори чорво ва баланд бардоштани маҳсулнокии онро иҷро намоянд[1].

Дар ҳафт моҳи соли 1943 чорводорони вилоят тавонистанд саршумори ҳайвонҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, чорвои калони шохдор 8,5 %, бузу гӯсфанд 27,6 %, асп 20,8 %, хук 23,3 % ва хар 6,4 % зиёд намоянд[2].

Бар зами ин колхозҳои вилоят дар давраи ҷанг ба фонди мудофиа бисёр чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд ва асп ҷамъоварӣ намуда месупориданд. Ғайр аз ин, дар якмоҳаи ёрӣ расонидан ба оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ чорвои зиёд ҷамъ намуда ҳамчун тухфа доданд.

Човодорони ноҳияҳои Шӯрообод ва Сарихосор дар иҷрои нақшаи давлатии тараққӣ додани чорводорӣ ва зиёд намудани саршумори чорво нисбат ба дигар ноҳияҳои вилоят нақшаи тараққӣ додани човодориро дар соли 1943 барзиёд ичро намуданд. Масалан, ноҳияи Сарихосор нақшаи тараққӣ додани чорводориро аз намудҳои чорвои калони шохдор 104 %, гӯсфанду буз 107 %, хук 127 % ва ноҳияи Шӯрообод то 1-уми августи соли 1943 нақшаи гӯсфанду буз 108 %, хук 227 % нақшаро барзиёд иҷро намуданд[3].

Дар як қатор ноҳияҳои вилоят аз қабили Ховалинг, Қизилмазор, Колхозобод, Муъминобод ва Балҷувон корҳои дурусти парвариши чорво ба роҳ монда нашуда, бисёри чорво талаф ёфтаанд, ки ба кам шудани саршумори чорво дар вилоят оварда расонид. Аз ин сабаб дар 7 моҳи соли 1943 112 мудирони фермаҳо иваз карда шуданд[4].

Ба ҳамаи мушкилиҳои замони ҷангӣ нигоҳ накарда, дар вилояти Кӯлоб соҳаи човодорӣ хеле тараққӣ мекард. Дар вилоят то 1-уми ноябри

---

[1]Ниъматов С. Н.Становление и развитие зооветеринарной службы в Таджикистане (1924-1991 гг.). Дис…кандидата исторических наук. - Душанбе, 2019. - С.30.
[2]Совешчанияи пешқадамони човодории вилояти Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №58(773), 1-уми сентябри соли 1943. С.2.
[3]Совешчанияи пешқадамони човодории вилояти Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №58(773), 1-уми сентябри соли 1943. С.2.
[4]Ҳамин ҷо.

соли 1943 саршумори чорвои калони шохдор 102,7 %, асп 105 %, гӯсфанду буз 109,4 % ва хук 138,4 иҷро шудааст[1].

Бо зиёдшавии саршумори ҳама намуди чорво дар ҷумҳурӣ заруряти ташкили курсҳои кӯтоҳмудати омӯзиши тарбияи байторӣ пеш омад. Бо сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти муассисаҳои техникӣ-бойторӣ муваққатан баста шуда буд. Соли 1943 дар курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши байторӣ 881 – мудири ферма, 281-байторон, 534 говҷӯш, 985 - силоспарварон ва алафдаравҳо, 3-мутахассиси бордоркунии сунъии аспҳо, 49-мутахассисони бордоркунии сунъии чорвои калон ва бордоркунии сунъии гӯсфандҳо ва бузҳо тайёр карда шуданд[2].

Ҳизб ва ҳукумат меҳнати диловаронаи чорводорони тоҷикро доимо баҳои баланд медод. Барои зиёд иҷро намудани саршумори чорво дар соли 1943 ва маҳсулнокии он бо фармони Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1943, 184 нафар чорводорон бо Грамотаи Фахрӣ ва 666 нафар бо Грамотаи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шуданд[3].

Дар баробари ин комёбиҳо ноҳияҳои алоҳида аз иҷрои нақшаҳои солона баромада натавонистанд. Талафоти калони чорво ба назар мерасид. Масалан, баъзе колхозҳои ноҳияи Ховалинг ба ҳар 100 сар модагӯсфанд танҳо 57 сари барра ва бузғола, ноҳияи Кӯлоб-59 сар ва ноҳияи Колхозобод - 60 сари барра гирифтанд[4]. Сабаби талафёбии чорво натанҳо ба бехӯрока мондан, балки хизматрасонии нокифояи ветеринарии чорводорӣ буд. Бар зидди касалиҳои чорво аз сабаби нарасидани мутахассисони баландихтисос, мубориза бурдан душвор буд. Дар соли

---

[1]Баҳисобгирии дурусти ҳайвонот гарави тараққӣ кардани саршумори он мебошад //Ҳақиқати Кӯлоб. №80(795), 9-уми декабри соли 1943. С.2.
[2]Ниъматов С. Н.Становление и развитие зооветеринарной службы в Таджикистане (1924-1991 гг.). Дис…кандидата исторических наук. - Душанбе, 2019. - С. 47-65.
[3]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.191-192.
[4]Ҳамин ҷо: С.190.

1943 дар ҷумҳурӣ 80 нафар духтури ҳайвонот ба ҷойи 213 нафар кор мекарданд[1].

Нақшаи давлатии чорводорӣ дар колхозҳои ҷумҳурӣ барои соли 1944 бо миқдори зерин : чорвои калони шохдор – 245 ҳазор сар, аз он ҷумла 63 ҳазор сар гов, 14 ҳазор бузу гӯсфанд, 67 ҳазор сар асп ва ғайра, ширҷӯшӣ ба 1 сар гов 600 л, тарошидани пашм аз 1 сар гӯсфанд 1,5 кг тасдиқ карда шуда буд[2].1 январи соли 1944 дар ҷумҳурӣ саршумори чорвои калони шохдор ба 238,5 ҳазор сар, бузу гусфанд то 1 242 ҳазор сар расид[3].

Бо иҷрои вазифаи бародаронаи худ дар барқароркунии чорво дар минтақаҳои аз қаламравҳои ишғолии Германия озодшуда, хоҷагиҳои чорводорӣ ҶШС Тоҷикистон дар давраи ҷанг барои минтақаҳои озодшуда тақрибан 6 ҳазор сар чорвои гуногун ҷудо карданд. Илова бар ин, чорводорони ҷумҳурӣ дар соли 1944, 5,000 чорвои калони шохдор ва 50,000 сар гӯсфанд ва буз ба хоҷагиҳои коллективии минтақаҳои озодшуда чорво фурӯхтанд[4]. Дар моҳи январи соли 1944, колхозҳо ва колхозчиёни Тоҷикистон тавассути хариди давлатӣ зиёда аз 33 ҳазор сар чорво хариданд ва беш аз 50% саршумори чорвои калони шохдор, гӯсфанд ва бузро фурӯхтанд[5].

Шӯрои вилоятӣ дар фаъолияти амалии худ ҳамеша ба сатҳҳои поёнии Шӯроҳо - ноҳиявӣ ва деҳот дар инкишофи соҳаи чорводорӣ такя намуда, доимо дар ҷаласаҳои худ оид ба рушди ин соҳа қарорҳои мушаххас қабул мекарданд, инчунин, барои тақвият додани фаъолияташон ғолибонро бо ҳар роҳ рӯҳбаланд мекарданд. Масалан, Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб

---

[1]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. - С.192.
[2]Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной война 1941-1945. - Душанбе, 1989. - С.154.
[3]Ҳотамов Н.Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (солҳои 1941-1950). - Душанбе, 2010. - С.36.
[4]Абдуназаров Х. История животноводства Таджикистана (1920-1965 гг.), часть 1. - Душанбе, 2004. - С.128.
[5]История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) Под общей редакцией академика Академии наук Республики Таджикистан Р.М.Масова. - Душанбе, 2011. - С.82

ва кумитаи ҳизбии вилоят дар моҳи сентябри соли 1944 барои иҷрои пешакии нақшаи тайёр кардани маҳсулоти чорводорӣ дар 9 моҳи соли 1944 ба ноҳияҳои Кӯлоб ва Кангурт Байрақи сурх тақдим карда шуд ва, инчунин, ба раисони 18 шӯрои деҳот дар ҳаҷми аз 500 то 3000 рубл мукофотҳои пулӣ дода шуд[1].

Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз кормандони хоҷагии қишлоқ, хусусан, кормандони соҳаи човодорӣ барои тараққӣ додани соҳаи човодорӣ ва таъмини ҷанговарони Артиши Сурх бо маҳсулоти чорво сол аз сол масъулияти баландро талаб мекард. Чорводорони вилояти Кӯлоб ин масъулиятро ҳис намуда, то якуми ноябри соли 1944 нақшаи асп102,4 %, гӯсфанду буз 100,1 %, чорвои калони шохдор 97,8 %, харҳо 96,1 %[2] модаговҳо 91 %, гӯсфанду бузи мода 97,5 % ва шутурҳо 90 % иҷро намуданд[3].

Инчунин, дар соли 1944 нақшаи маҳсулоти чорво дар вилояти Кӯлоб, аз ҷумла, гӯшт 101,1%, гӯшт ба фонди Аскари сурх 82,8%, равған 159,4%, тухм 215% ва пашм 49,7 % иҷро гардида буд[4].

Лекин, душвориҳои замони ҷанг аз таъсири манфии худ дарак медод. Колхозчиён хӯрокиҳои тамаркузӣ (консентратсионӣ) қариб намегирифтанд. Вобаста ба норасоии шадиди қувваи корӣ, онҳо миқдори кофии хӯроки дурушт ва ширадорро тайёр карда наметавонистанд. Норасоии хӯрок ва бад шудани сатҳи ҳайвонот ба фавти чорво оварда расонид. Дар бораи зимистонгузаронии соли 1944 аз 11 ноҳияҳои вилояти Кӯлоб танҳо ду ноҳия Колхозобод ва Кангурт ба зимистонгузаронӣ пурра омода буданду халос. Махсусан, ақибмонӣ дар колхозҳои ноҳияҳои Қизилмазор аз 84 колхози дар ноҳия мавҷудбуда 14 колхоз ё 16,6%,

---

[1]Пак Н.П.Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. - Душанбе, 1985. - С.83.

[2]Мақсудов. Чорводориро тараққӣ дода зимистрнгузаронии ҳайвонотро нағз ташкил намоем //Ҳақиқати Кӯлоб. №53(854), 26-уми ноябри соли 1944. С.2.

[3]Совешчанияи вилоятии чорводорӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №53(854), 26-уми ноябри соли 1944. С.2.

[4]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.30. В. 26.

Муъминобод аз 69 колхози мавҷуда 9 колхоз ё 13% ва ноҳияи Сарихосор аз 40 колхоз 5 колхоз ё 12,5% ба зимистонгузаронӣ омода набуданд[1].

Таъмини биноҳои нигоҳдории чорво низ дар ин сол дар вилоят ба талабот ҷавобгӯ набуд. Масалан, дар ноҳияи Муъминбод 6 999 сар чорвои хурди шохдор ва дар ноҳияи Ховалинг 3396 чорво ба биноҳои нигоҳдории чорво таъмин набуданд[2].

Омӯзиши ҳуҷҷатҳои бойгонӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ниҳоии ҷанг диққати махсус ба барқарорсозии хоҷагиҳои чорводорӣ дода мешуд. Масалан, дар ин давраи ҷангӣ (1944-1945) аз ҷониби ШКХ ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон гурӯҳҳои корӣ оид ба барқарор ва рушди соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ таъсис ёфта буд[3].

Чунин гурӯҳи корӣ 17 сентябри соли 1945 барои муайян намудани ҳолати чорводорӣ дар вилояти Кӯлоб барои санҷиш ташкил шуд. Санҷиш муайян намуд, ки дар соли 1945 роҳбарияти вилоят ва ноҳияҳо дар инкишофи соҳаи чорводорӣ ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ додаанд. Дар ин сол дар вилоят саршумори чорво коҳиш ёфта, чорводорон ва роҳбарони соҳа ба ҷойи андешидани тадбирҳои зарурӣ чорвои колхозиро ба фурӯш мебароварданд[4].

Бисёре аз раисони колхоз ва мудирони фермаҳо саршумори чорвои дар фермаҳо бударо дақиқ намедонистанд. Чунин амал аз ҷониби раиси колхози ба номи «Микоян»-и ноҳияи Қизилмазор Тоҷиев ва мудири ферма Муродов дида мешавад, ки аз шумораи умумии 350 сар гӯсфанд 80 сари онро пинҳон карда ҳисоб накардаанд. Дар колхози ба номи «XVII-ум съезд» – и ноҳияи Муъминобод аз 36 сар барраи навзод танҳо 3 сари онро ба қайд гирифтаанд[5].

Дар аввали соли 1945 дар вилоят камшавии саршумори чорво ба назар мерасид. Дар ноҳияи Муъминобод саршумори асп 36%, чорвои

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.52. В. 113.
[2]Ҳамин ҷо: В. 113.
[3]Ҳамин ҷо: В. 219.
[4]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В. 219.
[5]Ҳамин ҷо: В. 219

калони шохдор 33%, говҳои ҷуфтӣ (ҷувона) 40%, буз ва гӯсфанд 68% кам шуд[1].

Дар натиҷаи талафёбии зиёди чорво зимистону баҳори 1945 аз норасоии хӯроки чорво, бо иморатҳо таъмин набудани чорво, пурра нагирифтани саршумори гӯсола, инчунин, ҳангоми мавҷуд будани далели дӯздии чорво нақшаи тараққиёти чорводорӣ дар колхозу савхозҳои ҷумҳурӣ дар соли 1945 иҷро карда нашуд. Зеро, саршумори чорво аз рӯи ҳама категорияҳои хоҷагӣ дар давоми сол чорвои калони шохдор ба 10%, гӯсфандон ба 13%, бузҳо ба 26%, аспҳо ба 9% коҳиш ёфт[2].

Дар маҷмӯъ дар замони ҷанг саршумори чорво бо ҳама категорияҳои хоҷагиҳои чорвопарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин афзоиш ёфт: саршумори чорвои калони шохдор аз 115,9 ҳазор сар дар соли 1941 то 212,5 ҳазор сар дар соли 1946, аз он ҷумла, говҳо мувофиқан аз 28,4 ҳазор сар то 51,4 ҳазор сар, гӯсфандон аз 461,5 ҳазор сар то 763 ҳазор сар, бузҳо аз 182,5 то 373,3 ҳазор сар, аспҳо аз 44,7 ҳазор сар то 63,4 ҳазор сар зиёд карда шуд. Вале, танҳо саршумори хук аз 8,1 ҳазор сар то 0,2 ҳазор сар кам карда шуд.

Дар шароити ҷанг бо консерваҳои меваю сабзавот таъмин намудани Артиши Сурх аҳамияти махсус пайдо кард. 10 декабри соли 1942 таҳти рақами 1231 ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон «Дар бораи тараққӣ додани боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ» қарор қабул карда шуд. Дар қарори мазкур дарҷ гардидааст, ки сарфи назар аз он нишондод новобаста аз афзоиши миқдори киштзори меваю ток дар ҷумҳурӣ, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва саноат ба истеҳсоли меваю ангур қонеъ гардонда намешавад[3].

Қарори қабулнамудаи ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК (б) Тоҷикистон «Дар бораи тараққӣ додани боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ» аз

---

[1]Бойгони давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф.7. Р.1. П.22. В. 220
[2]Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 годы). - Душанбе, 1968. -С.194.
[3]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С.150.

10 декабри соли 1942 таҳти рақами 1231 нақшаи давлатии бунёди боғу токзор дар колхозҳои ҷумҳуриро барои солҳои 1943-1944 тасдиқ намуда буд, ки мувофиқи он соли 1943 дар вилояти Кӯлоб дар масоҳати 200 гектар боғ ва дар масоҳати 100 гектар токзор бунёд карда мешуд[1].

То 1-уми январи соли 1943 дар вилояти Кӯлоб дар масоҳати 2 708 гектар боғ, аз ин масоҳат 627 гектарашро дарахтони мевадиҳанда ва 227 гектар ток (ангур) ва дигар навъи дарахтон ташкил мекард[2].

Дар соли 1944 ҳолати инкишофи соҳаи боғу токпарварӣ ру ба беҳбудӣ овард. Танҳо дар моҳи майи соли 1944 бо ташаббуси ҷавонони ноҳияи Балҷувон дар масоҳати 20 гектар боғи мевадиҳанда бунёд гардид[3].

Ҳамчунин, боғпарварони колхози ба номи «Сталин»-и ноҳияи Қизилмазор бо мақсади васеъ намудани замини боғи колхоз 400 адад ниҳолҳои гуногуни мевадорро шинониданд[4].

Соли 1945 дар ноҳияи Кӯлоб дар масоҳати 2 гектар, Колхозобод 1 гектар, Муъминобод 1 гектар ва ноҳияи Фархор 1 гектар боғи анор бунёд намуда, дар масоҳати 2 гектари дигар дар ноҳияҳои Кӯлоб ва Фархор анҷирбоғ ташкиш карда шуд[5]. Умуман, дар солҳои ҷанг боғу токпарварӣ дар вилоятҳои Кӯлоб тараққӣ кард, афзоиши боғҳо 35 %-ро ташкил медод[6].

Таҳлили зербоби мазкур моро ба чунин натиҷаҳо рӯ ба рӯ месозад:

- дар солҳои 1941-1945 меҳнаткашони вилоят қаҳрамонии бесобиқаро анҷом доданд;

- дар шароити фавқулоддаи меҳнатӣ ҶШС Тоҷикистон дар назди мардум вазифаҳои худро иҷро мекарданд ва тавонистанд артиш ва

---

[1]Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР 1938-1958 г.г. том -2 (Сборник документов и материалов). - Душанбе, 1985. - С.155.
[2] Ҳамин ҷо: - С.164-165.
[3]Холмуродов. Бригадаҳои комсомолӣ намунавор кор мекунанд //Ҳақиқати Кӯлоб, . №30(831), 1-уми майи 1944. С.2.
[4]Ҳасанов М. Кор дар асоси мусобиқа пеш меравад //Ҳақиқати Кӯлоб, №24(825), 6-уми апрели соли 1944. С.2.
[5]Байгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, Ф. 7., Р. 1., П. 54., В.20.
[6]Алимов Д.Х. Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе, 2014. - С.120.

саноатро бо намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрокворӣ ва ашёи хоми ҷангӣ таъмин кунанд;

- корнамоиҳои меҳнаткашони Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Кӯлобро баробар ба корнамоиҳои ҷангӣ дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ донист. Зеро, ин фидокории бесобиқа ва истеҳсолоти колхозӣ имкон дод, ки дар шароити душвори ҷанг сокинони ҷумҳурӣ бо миқдори зарурии хӯрока ва пӯшока таъмин карда шаванд;

- омӯзиши соҳаи пахтакории вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дод, ки ҷанг ба пахтакорон санҷишҳои вазнинеро пеш овард. Лекин душвориҳои замони ҷангро паси сар намуда, ҳамаи қувваашонро барои истеҳсоли пахта ва таъмини саноату артиш бо пахта қаҳрамонона меҳнат намуданд;

- ба мушкилиҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, кирмакпарварони вилояти Кӯлоб барои таъмини эҳтиёҷоти фронт бо пилла меҳнати фидокорона намуданд. Бинобар ин, ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар солҳои 1941-1945 ба зиёд намудани миқдори истеҳсоли пилла, мустаҳкам намудани заминаи хӯроки кирмак ва таъмин кардани корхонаҳои саноати абрешим бо ашёи хоми хушсифат софдилона меҳнат намуданд;

- рушди чорводории вилояти Кӯлоб дар давраи таҳқиқшуда нишон дод, ки дар давоми ҳамаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чорводорони ин минтақа Артиши Шӯравиро бо ҳама намуди маҳсулоти чорводорӣ таъмин мекард;

- бо сабаби нарасидани қувваи кории дастӣ дар солҳои аввали ҷанг, боғу токпарварӣ ба пастравӣ дучор гардида, кам шудани ҳосил ва коҳиш ёфтани майдони боғ ба назар расид, аммо дар солҳои охири ҷангӣ боғдорӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб табдил ёфт. Тараққиёти соҳаи боғдорӣ дар солҳои ҷанг боиси он гардид, ки базаи калони саноати консерва ба вуҷуд оварда шуд;

## 2.3. Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Новобаста ба мушкилиҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ маориф ва маданияти вилояти Кӯлоб рушд меёфт. Бо вуҷуди душвориҳое, ки мамлакати шӯравӣ дар солҳои ҷанг бо онҳо дучор омад, маорифи халқ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумат буд. То ин вақт, дар вилояти Кӯлоб яке аз муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумати Шӯравӣ, барҳам додани маҳви бесаводӣ дар байни аҳолӣ бартараф карда шуд. Ин вазифа ҳанӯз соли 1927 бо ташаббуси Комиссари халқии маориф Луначарский ва М.Крупская гузошта шуда буд. Сатҳи саводнокӣ дар байни аҳолии Тоҷикистон дар соли 1932 аз 4 то 52% афзуд. Соли 1941 саводнокӣ дар байни аҳолии аз 9 то 49 сола 80,5% -ро ташкил дод. То соли 1941 дар ҷумҳурӣ 2628 мактаб мавҷуд буд, ки дар онҳо 303 ҳазор хонанда таҳсил мекард[1].

Соли 1927 дар вилояти Кӯлоб 51 мактаб, бо фарогири 1442 нафар хонандагон ва 57 нафар омӯзгор фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ мебурданд. Дар соли хониши 1940-1941, як сол пеш аз ҷанг дар вилояти Кӯлоб 520 мактаб бо теъдоди 3887 синфхона бо фарогири 47495 ҷойи нишаст мавҷуд буд, ки ҳамагӣ, аз ин шумора 45946 нафар хонандагон ба таълим фаро гирифта шуда буданд[2].

Омӯзгорони вилояти Кӯлоб дар амалӣ намудани ташаббуси Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ дар масъалаи маҳви бесаводи дар вилоят ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Рафти бартарафнамоии маҳви бесаводӣ дар вилоят: 1 июни соли 1940, 15279 нафар ба таълим фаро гирифта шудааст, ки аз ин миқдор 3809 нафар хатм намуданд, 1 январи соли 1941, 16429 ба таълим фаро гирифта шудааст, ки аз ин шумора 5690 нафараш хатм кардаанд[3]. Инчунин, аз моҳи июни соли 1941 шумораи ба

---

[1]Саидасанов Ю.Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). дис.кан.ист.наук. - Хорог, 2011. - С.102.
[2]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.13. В.35.
[3]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.13. В.35.

таълим фарогирифта дар мактабҳои вилоят ба 11027 нафар мерасид, ки аз ин шумора 10003 нафар онро пурра хатм карданд. Январи 1942 ин шумора ба 7608 нафар расид, ки аз ин 6596 нафар хатм намуд. Дар маҷмӯъ дар вилоят дар ин солҳо 50343 нафар ба таълим фаро гирифта шуданд, ки аз ин шумора 26098 нафараш саводнок шуда мактабро хатм намуданд[1].

Дар раванди саводноккнамоии аҳолии вилоят1938 нафар муаллимон кор мекарданд, ки ба кори онҳо комитети маорифи халқ роҳбарӣ мекард[2]. Аз ин шумора омӯзгорони маълумоти олӣ-4, маълумоти миёнаи педагогӣ-275 нафар, маълумоти миёнаи нопурра-903 нафар, бе маълумоти миёна 756 нафар буд[3].

Ғайр аз ин, дар соли хониши 1940-1941 дар шаҳри Кӯлоб як донишкадаи омӯзгорӣ бо қабули 60 нафар донишҷӯ ва ба шуъбаи тайёрӣ низ 60 нафар ҷавонон кушода шуд[4].

Дар вилоят дар баробари мактабҳо, инчунин, як қатор ятимхонаҳо, боғчаҳо ва мактаб-интернатҳо мавҷуданд, ки дар онҳо корҳои таълиму тарбияи томактабии кӯдакон гузаронида мешаванд. Дар чор ятимхонаи вилоят, 450 нафар кӯдакони бепарастор ба таълим фаро гирифта шуда буд. Дар вилоят 8 боғчаи кӯдакона, ки 200 кӯдакро фаро мегирад ва 2 мактаб-интернат, ки 80 кӯдакро фаро мегирад, амал мекарданд[5].

Бо вуҷуди шароити душвори таҳсил ва оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ мактаббачагон ва мураббиён ба нишондиҳандаҳои хуби таълимӣ ноил гаштанд. Махсусан, дар соли хониши 1940-1941 хонандагони мактабҳои вилояти Кӯлоб дар соҳаи дарсазхудкунӣ ба комёбиҳои калон муваффақ гардиданд. Масалан, дарсазхудкунии ҳамаи талабагони мактабҳои вилояти Кӯлоб дар ин соли таҳсил 92,7%-ро ташкил медод[6]. Аз 43621 нафар хонандагон 40536 нафарашон аз синф ба синф гузаронида шуданд.

---

[1]Ҳамин ҷо: В.35.
[2]Ҳамин ҷо: В.37.
[3]Ҳамин ҷо: В.37.
[4]Ҳамин ҷо: В.37.
[5]Ҳамин ҷо: В.40.
[6]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.13. В.35.

Дар баъзе мактабҳои ноҳияҳои алоҳидаи вилоят дарсазхудкунии хонандагон аз ин ҳам баланд буд. Масалан, дарсазхудкунӣ дар мактабҳои ноҳияи Кӯлоб 96%, Кангурт ва Қизилмазор 95%-ро ташкил медод. Хонандагоне, ки бо баҳои «аъло» мехонданд 12,6 ҳазор ё 27 %-и умумии хонандагонро ташкил медод[1].

Дар солҳои ҷанг Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ дар роҳи беҳтар кардани кори таълиму тарбияи мактаббачагон як қатор тадбирҳои муҳим андешиданд. Аз он ҷумла, дар мактабҳои таълимии умумӣ системаи нави баҳогузорӣ ба дониши хонандагон (системаи бо 5 рақам гузоштани баҳо), имтиҳонҳо барои гирифтани номаи камол, бо медалҳои тилло ва нуқра мукофотонидани хонандагон ва як қатор дигар чорабиниҳо ҷорӣ кардашуданд[2].

Дар соли таҳсили 1941-1942 бисёр мактабҳои ҷумҳурӣ аз нарасидани дафтар танқисӣ мекашиданд. Дар минтақаи Кӯлоб дафтарҳо бо интизории тамоми соли хониш оварда мешуданд, мактабҳо бо дафтар беҳтар таъмин буданд. Ва дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъминоти дафтар бениҳоят бад буд, ки ин имконияти гузаронидани машқҳои хаттӣ ва ҳатто санҷишҳоро маҳдуд мекард. Чи дар соли хониши гузашта ва чи дар ин соли хониш масъалаи таъминоти хонандагон бо дастурҳо, китобҳо, канселярияи мактабӣ, дафтарҳо, ашёи фарҳангӣ ва ғайра ба таври ғайриқабул бо як ҳолати бад идома дошт. Масалан, дар ин сол ба мактабҳои вилоят 7400 миз лозим буд, ки аз ин миқдор1895 адад миз ба маорифи вилоят ворид шуда буд ё ин ки аз миқдори 1605 қутии ширдиҳии мактабӣ 1605 адад талаб карда шудааст, аммо 322 адад дастрас гаридадааст. Аз 1878 ҷевонҳои лозимӣ ба мактабҳои вилоят ҳамагӣ 25 адад ҷевон ворид гардидааст ва ғайра[3].

---

[1]Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2007. - С.27-28.
[2]Обидов И. Очерки мухтасари таърихи маорифи Тоҷикистон. - Душанбе, 1965.- С. 46.
[3]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.13. ВВ.41-42.

Вале, бо вуҷуди мушкилиҳои болозикр, дар соли хониши 1941-1942, 92,9% хонандагони муассисаҳои таълимии вилояти Кӯлоб ба синфи навбатӣ гузаронида шуданд. Дар ҷадвали зер натиҷаҳои гузариш аз як синф ба синфи дигар дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон барои солҳои 1941-1942 оварда шудааст.

**Ҷадвали 8. Маълумотнома-ҷадвали ҷамъбастии соли таҳсили 1940-1941, 1941-1942**[1].

| № р\т | Номи вилоятҳо | Солҳои аз синф ба синфгузаронӣ | Бо % | Фарқият |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 1940-1941<br>1941-1942 | 92,8<br>94,5 | + 1,7 |
| 2. | Кӯлоб | 1940-1941<br>1941-1942 | 91,3<br>92,9 | + 1,6 |
| 3. | Сталинобод | 1940-1941<br>1941-1942 | 81,4<br>87,92 | + 06 |
| 4. | Ғарм | 1940-1941<br>1941-1942 | 85<br>85,5 | + 0,5 |
| Ҷамъ дар ҷумҳурӣ | | 1940-1941<br>1941-1942 | 86,9<br>87,3 | + 0,4 |

Тавре ки дар ҷадвали болозикр дида мешавад, сарфи назар аз мушкилоти замони ҷанг, ба сифати таҳсилот таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд ва маҳз ба туфайли фаъолияти фаъолонаи шуъбаи маорифи вилояти Кӯлоб нишондиҳандаҳои мактабҳои вилоят аз рӯи сифати таҳсилот аз дигар минтақаҳои Тоҷикистон пеш гузаштанд. Инчунин, мактабҳои вилояти Кӯлоб дар ҷумҳурӣ баъд аз мактабҳо ВМКБ аз рӯи нишондодҳои таълимӣ дар байни мактаббачагон нишондиҳандаҳои беҳтарин доштанд.

Дар ҷадвали зер сатҳи фаъолияти хонандагони мактабҳои ҷумҳурӣ дар семоҳаи 1-2-3-юми соли хониши 1941-1942 оварда шудааст

**Ҷадвали 9. Азхудкунӣ барои соли таҳсили 1941-1942**[2]

[1]Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941-1960 гг. том 2. - Душанбе, 1972. - С. 47.
[2]Из истории культурного строительства в Таджикистане 1941-1960 гг. том 2. - Душанбе, 1972. - С. 48.

| № р\т | Номи вилоятҳо | Семоҳаи 1 | Семоҳаи 2 | Семоҳаи 3 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Сталинобод | 74,4 | 78,4 | 84,1 |
| 2. | Кӯлоб | 77 | 84,8 | 92,6 |
| 3. | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 81 | 85 | 94 |
| 4. | Ғарм | 65 | 79,1 | 85,5 |
| 5. | Ленинобад | 77 | 84,8 | 92,6 |
| **Дар ҷумҳурӣ** | | | | |

Ҳамаи ин муваффақиятҳо дар шароити хеле душвор ба даст оварда шуданд. Мактабҳо, китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ намерасиданд ва баъзе мактабҳо шишаи тиреза надоштанд. Душвориҳои соҳаи маориф, ки хусусияти моддӣ доштанд, боз ҳам мураккабтар аз он буданд, ки дар соли хониши 1940-1941 тамоми мактабҳои Тоҷикистон аз алифбои лотинӣ ба кириллӣ гузаштанд. Гузариши ногаҳонӣ ба алифбои нав гарон буд. Аввалан, ҳамаи китобҳои қаблан бо алифбои лотинӣ нашршуда акнун кӯҳна додниста шуданд, дувум, на ҳама муаллимони маҳаллӣ дониши алифбои русиро аз худ карданд ва сеюм, оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷудо кардани маблағро барои маблағгузории ин гузариш иҷозат намедод. Аммо кормандони соҳаи маорифи Тоҷикистон аҳамияти гузариш ба алифбои кирилиро дарк карданд, ки ин ба онҳо барои пешрафт дар соҳаи илм, маориф, иқтисодиёт, адабиёт ва дигар соҳаҳо роҳ кушод. Буҷети бахши маорифи Тоҷикистон дар соли 1941 барои 815 мактаби ҳафтсола, 66 мактаби миёна, 30 мактаби миёнаи махсуси ҷумҳурӣ ҳисоб карда шудааст[1]. Инкор кардани алифбо маънои рад кардани тамоми гузаштаро надошт. Олимон барои ба алифбои нав тарҷума кардани китобҳои классикони мо ҳама корҳоро карданд.

[1]Саидасанов Ю.Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). дис.кан.ист.наук. - Хорог, 2011. - С.105.

Дар асоси Қарори Комиссариати маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон аз 14-уми июли соли 1940 таҳти № 533 бояд ҳамаи мактабҳои вилояти Кӯлоб аз 1-уми сентябри соли 1940 ба ҳуруфоти кириллӣ мегузаштанд. Аз ин хотир, кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони вилоят, мудири шуъбаи маорифи халқи вилоят Ҳамроеврo вазифадор намуданд, ки аз -1-уми июни соли 1940 коркунони шӯъбаи маорифи халқи вилоят бобати амалӣ гардидани ин қарор чораҳои мушаххас андешанд, дар вилоят курсҳо, семинарҳои кӯтоҳмуддат ташкил намуданд.

Соли 1941 дар Ленинград барои мактаббачагони Тоҷикистон китобҳои дарсии мактабӣ чоп карда шуданд, аммо ба сабаби сар задани ҷанг ва муҳосираи Ленинград ин китобҳо ба Тоҷикистон фиристода нашуданд. Аммо дар соли 1942, баробари пайдо шудани имкон, 150 ҳазор китоб ва китобҳои дарсӣ ба Тоҷикистон фиристода шуданд.

Дар соли таҳсили 1941 - 1942 нишондиҳандаҳои таълимӣ дар мактабҳои вилояти Кӯлоб нисбат ба соли хониши гузашта афзоиш ёфтанд. Солҳои хониши 1941-1942 маорифи халқи вилояти Кӯлоб дар мусобиқаи ҷумҳуриявии байни мактабҳо барои дурустар ба роҳ мондани таълиму тарбияи хонандагон, барҳам додани бесаводии калонсолон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекард. Ҳамон сол бо қарори Шӯрои комиссарони халқи ҷумҳурӣ ба маорифи халқи вилояти Кӯлоб байрақи сурхи сайёри Шӯрои Комиссарони халқ ва Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон супурда шуд[1].

Омӯзгорони вилоят барои мукаммал намудани методҳои дарсдиҳӣ пайваста монда нашуда кор мекарданд. Дар натиҷа дар мактабҳо дарсазхудкунии хонандагон беҳтар гардида, шумораи хонандагони аълохон афзоиш меёфт. Масалан, донишазхудкунии хонандагони мактабҳои ноҳияи Кӯлоб дар соли таҳсили 1941-1942 ба 90-92% мерасид[2].

---

[1]Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2007. - С.34.
[2]Исмоилов К. Свешчанияи муаллимони райони Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №31(624),4-уми апрели соли 1942.С. 2.

Дар нимсолаи аввали соли таҳсили 1941-1942 донишазхудкунии хонандагон дар мактабҳои ибтидоӣ 82,5%, мактабҳои миёнаи нопурра 87,8%[1], мактабҳои миёна 73,23%[2] ва дар ҳама намуди мактабҳои вилоят донишазхудкунии хонандагон 93% ташкил медод[3].

Умуман, дар соли таҳсили 1941-1942 дар кори таълиму тарбия маорифчиёни вилоят як қатор корҳои ба назар намоёнро анҷом доданд ва кори хубӣ коркунони соҳаи маорифи вилояти Кӯлобро ба назар гирифта, ШКХ ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК(б) Тоҷикистон ба вилояти Кӯлоб байрақи сурхи сайёрро тақдим кард[4].

Омӯзгорони вилояти Кӯлоб дар соли таҳсили 1942-1943 ба мушкилиҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, кори худро дар мактабҳо бо роҳи ҳарбӣ ба роҳ монда, барои баланд бардоштани сифати таълим тамоми корҳои заруриро анҷом медоданд. Дар ин соли таҳсил дар мактабҳои вилоят зиёда аз 28 338 нафар хонанда таҳсил мекарданд,[5] ки донишазхудкунии хонандагони мактабҳои вилояти Кӯлоб дар соли таҳсили 1942-1943, ба 93,1% мерасид[6].

Дар соли хониши 1943-1944 кормандони маорифи вилояти Кӯлоб ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд, хонандагони 47 мактаби ибтидоӣ ва миёнаи нопурра фанҳои таълимиро 100 % аз худ карданд[7]. Махсусан, мактабҳои ба номи «Чкалов»-и шаҳри Кӯлоб (директор Богомолов), ба номи «Сталин»-и ноҳияи Колхозобод (директор Амон Бобо), ба номи

---

[1]Доробов. Свешчанияи январии муаллимон //Ҳақиқати Кӯлоб. №9(603),27-уми январи соли 1942.С. 2.
[2]Ахмедҷонов. Свешчанияи вилоятии ходимони маориф //Ҳақиқати Кӯлоб. №22(616),10-уми марти соли 1942.С. 2.
[3]Байрақи сурхи сайёр ба дасти маорифчиён //Ҳақиқати Кӯлоб. №118(713),20-уми декабри соли 1942.С. 2.
[4]Ҳамин ҷо.
[5]Соҳибов. Сессияи VII-уми совети депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №7 (722), 24-уми январи соли 1943.С. 2.
[6]Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ. - Душанбе, 2013. - С.66.
[7]Абдуллоев М.Х., Исуфов Ш.В. Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3. - Душанбе, 2020. - С.61.

«Молотов»-и ноҳияи Кӯлоб (директор Умар Назаров) «Правда» -и ноҳияи Қизилмазор ва чанде дигарон намунаи ибрат буданд.

Масъалаи таъмини мактабҳои вилоят бо омӯзгорон доимо дар мадди назари Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб меистод. Масалан, ғамхории беназирро дар бораи тайёр кардани муаллимон Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар соли таҳсили 1943-1944 нишон дод. Дар соли таҳсили 1943-1944 дар омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб 54 нафар таҳсил мекарданд. Бо қарори Шӯрои депутатхои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба директори Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб Холиқова супориш дода шуд, ки қабули таълимгирандагони омӯзишгоҳи мазкурро дар соли таҳсили 1944-1945 ба 106 нафар расонад[1]. Аммо ғизо барои донишӯён бисёр нокифоя буд. Ташкили нодурусти хоҷагиҳои ёрирасон ба норасоии ғизо дар омӯзишгоҳ таъсир расонид. Масалан, аз 5930 кг сабзавоти гирифташуда 3242 кг ба омӯзишгоҳ гузаронида шуда буду халос. Ё ин ки аз 2688 литр шир танҳо 1012 литр шир ба омӯзишгоҳ ворид гардидааст, маҳсулотҳои боқимонда ба кормандон фурӯхта шудааст[2].

Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб, дар баробари омода намудани омӯзгорон барои таъмини мактабҳои вилоят, инчунин, дар таъмини фронтҳои ҷангӣ низ бо фиристодани омӯзгорону донишҷӯён аз сафарбарӣ дар канор намемонд. Донишҷӯён Ш.Валиев, Д.Алиев, муаллим Ҳ.Шарифов ва дигарон хоҳиш карданд, ки ихтиёрӣ ба фронт раванд[3].

Дар вилояти Кӯлоб дар баробари мактабҳои таълимии рӯзона дар соли 1944 мактабҳои шабона кушода шуданд. Масалан, мувофиқи қарори Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб аз 5 октябри соли 1944 №97 ба мудири маорифи халқии вилоят Мансуров супориш дода шуд, ки

---

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.50. В.138.
[2]Ҳамин ҷо: В.138.
[3]Алимов Д.Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе: Ирфон, 2014. - С. 138.

то 1 ноябри соли 1944 мактабҳои шабона барои ҷавонони деҳотро бо шумораи 28 адад кушода ба истифода супорад[1].

Шумораи мактабҳо барои ҷавонони деҳот дар шаҳри Кӯлоб-1 адад ва дар ноҳияҳои Кӯлоб-2, Қизилмазор-3, Колхозобод-2, Кангурт-2, Даштиҷум-2, Балҷувон-2, Фархор-2, Муъминобод-3, Шӯрообод-3, Сарихосор-2, Ховалинг-4 адад кушода шуданд[2].

Мактабҳои вилоят дар бобати таъмин кардани хонандагон бо китобҳои дарсӣ, дастрас намудани асбобу анҷомҳои хониш, дафтар, қалам ва ғайра камбудиҳои калон доштанд. Масалан, ҳамагӣ 10 %-и дафтарҳо ва 30%-и қаламҳо ба вилоят ворид мешуданду бас. Ба вуҷуди ин дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дарсазхудкунии хонандагони вилоят ба 93 % мерасид[3].

Муаллимону хонандагон тамоми солҳои ҷанг кӯшиш мекарданд, ки дар баробари таҳсил баҳри ғалаба ба хоҷагии халқ низ ёрии амалӣ расонанд.

Аз рӯзҳои аввали ҷанг то тамомшавии он муаллимони вилоят ахборотчиёни фаъоли комитетҳои ҳизбӣ муҳсуб меёфтанд. Барои ҳарчи бештар дар байни аҳолӣ тарғиб намудани қарорҳои ҳизб ва давлат ташкилоти ҳизбии вилоят, пеш аз ҳама, ба муаллимон ва талабагони синфҳои болоӣ такя мекарданд.

Солҳои ҷанг 848 нафар муаллимони вилоят ба сифати ташвиқотчӣ миёни мардум пайваста кор мебурданд. Танҳо дар соли 1942 муаллимони ноҳияи Ховалинг дар байни колхозчиён дар бораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ 600 маърӯзаю баромад карданд. Дар ноҳия 72 нуқтаи ташвиқотӣ ва чойхонаи сурх кушода шуда буданд. Дар ин нуқтаҳои ташвиқотӣ 60 муаллим пайваста кори тарғиботӣ мебурданд. Дар ноҳияи Шӯрообод муаллимони ҷамоатҳои Сарчашма, Кодара ва Учқун дар корбандӣ намудани корҳои

---

[1]Бойгони давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.50. ВВ.97-98.
[2]Ҳамин ҷо: В. 98.
[3]Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2007. - С.35.

ташвиқотӣ, оммавию сиёсӣ, дар клубҳо ташкил кардаии намоишҳои аёнӣ дар вилоят пешсаф буданд. Дар ин кор муаллимон Бобоқулов, Алиев, Одина Алиев, Турсунов, Мирмадов ба муваффақиятҳои беҳтарин ноил шуданд[1].

Муаллимон, хонандагон, тамоми коркунони маорифи халқ аз рӯзҳои аввали ҷанг сар карда, фаъолона ба ҳаракати умумихалқӣ «ёрдам ба фронт» ҳамроҳ шуданд. Аз тарафи муаллимон ва хонандагон ин ёрдам ҳаматарафа ва пурмаҳсул буд. Ғайр аз ҷамъ кардани маблағ барои фронт ва чизу чора онҳо боз дар кишту кор ва ҷамъоварии ҳосил, харидани заёми давлатӣ ёрӣ ба падару модар ва хешовандони ҷанговарони ба фронт рафта ва дигар корҳои давлатӣ фаъолона ширкат меварзиданд.

Дар баробари он ки талабагон ва муаллимон дар хоҷагии қишлоқ кор карда, ҳиссаи меҳнати худро ба фронт мебахшиданд, онҳо дар қитъаи замини наздимактабӣ низ корҳои зиёдеро ба ҷо меоварданд. Онҳо дар қитъаи замини наздимактабӣ гандум, ҷав, наск, нахуд, картошка, пиёз ва ғайра парвариш мекарданд. Ҳосиле, ки аз қитъаи замини наздимактабӣ ҷамъ оварда мешуд, барои таъмири мактабҳо, харидани чизҳои лозимӣ барои дарсхонии хонандагон ва барои дастрасии маводҳои хӯрокаи кӯдакони бепарастор хароҷот карда мешуд. Он солҳо қитъаи замини наздимактабӣ яке аз пойгоҳи моддии мактабҳо ба шумор рафта, кор дар онҳо бо тарбияи меҳнатии хонандагон пайваст карда мешуд[2].

Ба ҳар кадом чорабиниҳои ҳизбиву давлатӣ муаллимон ва хонандагони вилоят дар солхои ҷанг бо меҳнати софдилона ва фаъолияти баланди ватандӯстона ҷавоб мегардонданд. Дар соли таҳсили 1942-1943 муаллимони вилоят барои сохтмони калоннаи танкӣ ба номи «Муаллими Тоҷикистон» зиёда аз 400 ҳазор сӯми накд

---

[1]НазаршоевМ.Н., Абдуллоев М.Х. Развитие народного образования в Кулябской области //Известия АН Тадж. ССР. – 1982. – №2 (108). - С.46-51.
[2]Абдуллоев М.Х., Исуфов Ш.В. Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3. - Душанбе, 2020. - С.60.

дода, заёми давлатӣ хариданд. Аз ҷумла, мактаби миёнаи ба номи Чкалови шаҳри Кӯлоб ба фронт 24 ҳазор сӯм кӯмак расондааст ва барои ин кори ватандӯстонашон аз И.В. Сталин ба номи коллективи муаллимон ва талабагони мактаб номаи табрикӣ ворид шудааст[1].

Муаллимон ва хонандагони вилоят қарори давлатро дар бораи баровардани заёми дуюми ҳарбии давлатӣ маъкулدониста, барои дар байни меҳнаткашон тарғиб намудани он фаъолияти баланди сиёсӣ нишон доданд. Аксари муаллимони вилоят ба ин заём ба маблағи 1,5-2 музди моҳонаи худ ва баъзе директорони мактабҳо ва коркунони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо ба маблағи то 10 ҳазор сӯм обуна шуданд[2].

Дар кори ёрӣ ба фронт ва хониши хубу аъло, махсусан комсомолони мактабҳои вилоят фаъолияти намунавӣ нишон медоданд. Онҳо нафақат ба ташкилоти пионерӣ роҳбарӣ мекарданд, балки тамоми хонандагонро ба корҳои хоҷагию сиёсӣ ҷалб мекарданд.

Солҳои ҷанг дар 64 мактаби вилоят ташкилоти комсомолӣ амал мекард, ки дар онҳо 809 аъзо буд. Комсомолон яке аз ёрдамчиёни беҳтарини муаллимон дар кори ба мактабҳо ҷалб намудани кӯдакон, тартиб додани рӯйхати онҳо ба шумор мерафтанд.

Ташкилоти комсомолии назди мактаби миёнаи нопурраи ба номи Пушкини ноҳияи Қизилмазор тамоми кӯдакони синну солашон ба таҳсил расидаро ба мактаб ҷалб намуда, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ягон хонанда бесабаб мактабро тарк накунад. Онҳо ба ташкилоти пионерӣ роҳбарӣ карда, мунтазам рӯзномаҳои деворӣ мебароварданд.

Дар давраи ниҳоят душвори ҷанг норасоии кадрҳо роҳбарияти ҷумҳурӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҳизбӣ ба тарбияи ватандӯстии мактаббачагон аҳамият зоҳир намуда, сохторҳои ташкилоти ибтидоии

---

[1]Абдуллоев М.Х. Аз таърихи мухтасари мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб. - Душанбе, 2007. - С.31.

[2]Абдуллоев М.Х., Исуфов Ш.В. Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3. - Душанбе, 2020. - С.60.

пионериро пурзӯр намуданд. Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мактабҳои вилоят 105 ташкилоти пионерӣ, 591 отряди пионерӣ ва 173316 нафар пионер таҳсил мекарданд.

Таҳлили натиҷаҳои кормандони соҳаи маорифи вилоят дар солҳои ҷанг нишон дод, ки муаллимони вилоят ба душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар кори таълиму тарбияи насли наврас ба комёбиҳои калон ноил гардиданд. Масалан, донишазхудкунии хонандагони вилоят дар соли 1940-1941 нисбат ба соли хониши 1939-1940 хеле баланд гардида, шумораи талабагоне, ки ду сол дар як синф таҳсил менамуданд 0,6 % кам шуда буд. Чунин нишондод маънои онро дорад, ки ҳатто дар солҳои душвортарин ҳаёти мамлакат дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ давлат ва ҳукумат диққати худро аз кори маорифи халқ заррае ҳам дур намекард.

Дар солҳои 1941-1945 ҳаёти фарҳангӣ дар шаклҳои мухталиф идома меёфт, ки барои аҳолӣ аҳамияти калони тарбиявӣ дошт. Дар байни намояндагони категорияҳои гуногуни иҷтимоии аҳолии вилояти Кӯлоб робитаҳои муайяни иҷтимоӣ барқарор карда шуданд, ки дар онҳо омили инсонӣ нақши ҳалкунанда доштанд. Ҳунармандони асили театрҳои касбии ҷумҳурӣ он замонҳо тавонистанд, ки дар баробари шуҳрату овоза пайдо кардани худ, меҳри тамоми тоҷику тоҷикистониро ба даст оваранд ва санъати миллии тоҷикро муаррифӣ намоянд.

Адабиёти давраи ҷангии тоҷик, аз ҷумла доираи адабии вилояти Кӯлоб бо фаро расидани як муборизаи ҳавлноки хуношом дар канори адлу дод қарор дошт ва ба ин васила ба як минбари баланди маҳкум намудани ҳирсу разолат ва ангезаи фашистӣ табдил ёфта буд. Ҳамин омил боис гардид, ки дар баробари тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба адабиёт мавзуоти тозаи ҷавобгӯ ба ниёзҳои адабии ҳамин давра рӯйи кор омаданд, ки ба як узви муҳими адабиёти тоҷик табдил ёфтанд.

Фарҳанг ҳамчун асоси соҳаи маънавии ҳаёти инсон дар ҳама давру замонҳо нақши муҳим дорад. Бинобар, ин дар солҳои Ҷанги Бузурги

Ватанӣ шумораи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар деҳоти ҷумҳурии мо низ кам шуданд. Агар дар соли 1941 дар деҳоти Тоҷикистон 284 клуб, 91 китобхона ва 849 чойхонаҳои Сурх амал мекарданд, пас, дар соли 1945, ки давраи ба охир расидани ҷанг ба ҳисоб мерафт 125 клуб, 59 китобхона ва 593 чойхонаҳои Сурх фаъолият менамуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи ҷанг аз шумораи муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар деҳот 159 клуб, 32 китобхона ва 256 чойхонаҳои Сурх пурра аз фаъолият боз монданд[1].

Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба куллӣ таҷдид ва ба кори мубориза бо душман тобеъ карда шуд. Китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳои ҳарбӣ, нуқтаҳои ташвиқотӣ ва заводу фабрикаҳо баромад намуда, кӯшиш мекарданд, ки муборизаи халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан инъикос намоянд. Нависандагон, шоирон, рассомон бо меҳнати худ рӯҳияи ҷанговаронаи ҷавонони даъватшавандаи Артиши Сурхро баланд мебардоштанд. Эҷоди адибон, публисистҳо, ходимони театр аз мавзуъҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ иборат буд.

Дар назди директорони театрҳо вазифа меистод, ки барои аҳолӣ асарҳои бузург дар бораи мубориза бар зидди фашизм, мазҳакаҳо, намоишномаҳо дар асоси асарҳои классикони тоҷик ва хориҷӣ эҷод кунанд. Репертуари ҳар як театрро ҳамасола Идораи вилоятии корҳои санъат тасдиқ мекард. Роҳбарони театрҳо репертуарро бо салоҳдиди худ иваз карда наметавонистанд, баъзан дар давоми сол онро ислоҳ мекарданд, аммо танҳо бо иҷозати саридораи фарҳанг.

Шумораи театрҳо бо сабаби ба ҷанг рафтани ҳунарпешаҳо, эвакуатсия ва реэвакуатсия шудани театрҳои кишварҳои истилошуда, дар Тоҷикистон дар солҳои ҷанг тағйир ёфта меистод. Ҳунарпешаҳои тоҷику

---

[1]Шарифов Ш.Ҷ. Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯйи маводи минтақаи Кӯлоб) (с.1991-2016). Дис.ном. илм. таърих, - Душанбе, 2020. - С.29.

тоҷикистонӣ дар соли 1940 дар 23 театр, соли 1941 дар16 театр, соли 1942 дар 18 театр, соли 1943 дар 15 театр фаъолияти ҳунарӣ ва эҷодӣ мебурданд[1].

Дар соли 1941 дар вилояти Кӯлоб ҳамагӣ як адад театр-Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Кӯлоб фаъолият мекард, ки яке аз калонтарин театри вилоят буд. Барномаҳои нахустини театр аз суруду таронаҳои мардумӣ, рақсҳои дилошӯби миллӣ ва асарҳои начандон калони драмавӣ иборат буд. Кормандони эҷодии он мувофиқ ба талабот ва завқи бадеии тамошогарони даврони худ бештар рӯ ба фолклори тоҷик меоварданд.

Маҳсули аввалини ҳаҷман бузурги театр ин намоишномаи дуқисмаи «Дохунда» аз рӯи асари устод С. Айнӣ буд, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳои ҷузӣ ба мухлисони адабу ҳунар писанд омада буд. Солҳои баъдина сафи санъаткорони театр аз ҳисоби намояндагони миллату халқиятҳои гуногун - ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо, яҳудиён ва амсоли инҳо, ки истеъдоди фавқулодда доштанд, пурра ва мустаҳкамтар мегардад. Дар ҷалби ҳунармандон ба кори театр ва ҷаззобу рангин гардонидани барномаҳои он саҳми шоир ва ҳофизи шуҳратёри халқ Сайдалӣ Ализода хеле бузург буд. Устоди ширинкалом он замон асарҳои «Хоҳиши Гулчеҳра», «Аҳмад ва Барно»-ро бо мароқи том эҷод карда, дар ҳамбастагӣ бо ҳайати эҷодӣ рӯи саҳнаи театр меорад. Театри касбии шаҳри Кӯлоб ҳанӯз аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун воситаи тавонои ташвиқотӣ, яроқи бурро, суруду тарона, савту каломи оташини худро ба муқобили душман равона карда, баҳри муқтадир гаштани неруҳои маънавии халқ, алалхусус, мардуми ақибгоҳ минбари тарбия гардида буд. Яке аз ромишгарони мумтози театр А. Алиев бар шеъри Муҳаммадҷон Раҳимӣ суруде эҷод кард, ки он аввалин хитобаи театр буда, матлаби он чунин буд:

«Дӯстон маслаки фошизм балоангез аст,

---

[1]Набиев В., Усмонов А., Қобилов З. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945). - Хуҷанд, 2020.- С. 181.

Маслаки гитлериву қотилу заҳромез аст».

Ин сурудро ҳунарманди театр Ҳасанова Г. иҷро мекард. Дар ҳамин радиф саҳнаҳои драмавие низ пайдо шуданд, ки нисбати мавзуи ҷанг халқи қаҳрамонавлоди шӯравиро сифот мекарданд.

Ҳунарварони театр на танҳо аз саҳна, балки дар сафи пеши Армияи Шӯравӣ бо душман рӯ ба рӯ шудаанд. Аз ҷумла, ҳунармандон Абдулло Алиев, Саидҷон Ҷӯраев, Раҷаб Миров, Шариф Гадоев ихтиёрӣ ба ҷанг рафтанд[1].

Ин сафарбаркунии санъткорони театри Кӯлоб ба вазъи фарҳанги замони ҷанг таъсири худро мерасонд. Аммо бар зами кам шудани ҳунармандон дар солҳои ҷанг фарзандони ҳунармандон падари ба фронтрафтаро иваз мекарданд, ки ин гуфтаҳоро хотироти Ходими Хизматнишондодаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бастакори номӣ Хайрулло Абдуллоев тасдиқ менамояд: «Падари ман бо як даста санъаткорон азм карданд, ки муддате думраю рубобро ба яроқи оташфишон иваз карда, дар муборизаи халқи шӯравӣ ба муқобили фашизм бевосита иштирок кунанд. Ман бошам, созҳои мусиқии падарро бар каф гирифта, дар театр ба ҷои ӯ ба кор омадам»[2].

Соли 1943 ба театри Кӯлоб В. Смирнов ҳамчун режиссёр ба кор омад. Смирнов ба қувваҳои эҷодии театр бо назари тозакориҳо нигарист. Дар як муддати кӯтоҳ барномаи театр бою рангинтар шуд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои зиёди ӯ як қисмати бинои «Хонаи Армияи Сурх» ба ихтиёри театр вогузор шуд. Театридраммавӣ-мусиқавии вилоятӣ дар моҳи апрели соли 1943 ба ду қисм тақсим шуда, ба ноҳияҳои вилоят сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд. Ҳунармандони театр ҲасановаГулистон, Искандарова Назокатхон, Орифҷонова Тиллохон, Шарипов Қодирҷон ва дигарон дар

---

[1]Шарифов Ш.Ҷ. Таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии вилояти Хатлон (аз рӯйи маводи минтақаи Кӯлоб) (с.1991-2016). Дис.ном. илм. таърих. - Душанбе, 2020. - С.29.

[2].Сафармуҳаммад Аюбӣ. Ним асри тарбияи завқ. - Кӯлоб, 1988. - С. 4.

колхозҳои ноҳияи Колхозобод баромадҳои ҷолибе нишон дода, колхозчиёнро хурсанд ва барои ғалаба дар ҷанг даъват мекарданд[1].

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳунармандони театри касбии шаҳри Кӯлоб бо ташабусси режиссёр В. Смирнов бо мақсади рӯҳбаландсозии мардум дар мубориза бар рағми фашизми хунхор дар ҳайати бригадаи фронтии ҳунармандони тоҷик ба Урал, Свердловск, Нижний Тагил ва дигар минтақаҳои Федератсияи Русия сафар карда, боиси сарбаландиву ифтихори тоҷикон мегарданд[2].

Дар ҳисоботи роҳбари масъули бригадаи фронтии театри мусиқӣ – драмавии вилояти Кӯлоб Смирнов В. С., аз 3 феврали соли 1944 омадааст: «Дастаи ҳунармандони театри мӯсиқӣ-драмавии вилояти Кӯлоб бо ҳайати як қатор ҳунармандон, аз қабили Ахмедов, Бобиева, Исандарова, Исохонов, Қаландаров, Исохонова, Шарипов, Давлатов ва Насриддинов зери роҳбари бадеии театр Смирнов В.С., аз таърихи 14 ноябри соли 1943 то 21 январи соли 1944 ба шаҳри Свердловск сафари ҳунарӣ намуданд. Сафари ҳунарӣ ҳамагӣ 67 рӯзро ташкил дод, ки аз он 33 рӯз дар роҳи сафар, 6 рӯз барои рафту омади сафар ва 34 рӯз боқияшро барномаҳои консертӣ ташкил медод[3].

Дар ин муддат ҳайати бригадаи ҳунарӣ тавонист, ки 45 барномаҳои консертӣ пешкаши зиёда аз даҳҳо ҳазор ҳаводоронашон гардонад. Баромадҳои консертӣ чунин баргузор гардиданд: дар шаҳри Свердловск 21 консерт, Серове 8 консерт, Верхний Туре 1 консерт ва Нижний Тагил 15 консерт[4].

Барномаҳои консертӣ ба кормандону хизматчиёни як қатор заводу корхонаҳо, аз ҷумла, корхонаҳои ордендори Уралмашзавод, Уралтяжстрой, Химмашстрой, Свердловскпромстрой, корхонаи

---

[1]Каримов С. Театр дар хизмати халқ //Ҳақиқати Кӯлоб №24(739), 17-уми майи соли 1943. С. 2.
[2]Файзи А., Аминова М. Даргоҳи ҳунар,очерки таърихӣ. - Душанбе, 2008.- С.23
[3]Из истории культурного строительства в Таджикистане.1941-1960 гг. том 2. - Душанбе,1972. - С 342.
[4]Из истории культурного строительства в Таджикистане.1941-1960 гг. том 2. - Душанбе,1972. – С. 342.

металлургии Серово, корхонаи Верхне-Туринск, интернати духтарони Уралмаш ва ба госпиталҳои шаҳрҳои Серова ва Нижний Тагил, Углехимбиржаи шаҳри Серова, Верхне-Исески ва чанде дигар намоиш дода шуд.

Инчунин, дар қасри фарҳанги шаҳри Серова, клуби ба номи Горкии Нижний Тагил, радио комитети Свердловск ва дар толори калони Филармонияи давлатии Свердловск ҳунармандони театр баромадҳо намуданд.

Барномаи консертии ҳунармандони театри фронтӣ аз таронаҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, саҳначаҳо, бадеҳаҳо ва ғайраҳо иборат буд. Ҳар муқаддимаи консерт бо суруди саломномаи «Салом аз номи халқи Тоҷикистон» бо қалами шоир М. Миршакар оғоз меёфт ва босуруру чапакзаниҳои зиёд аз тарафи бинандаҳо хуб қабул карда мешуд[1].

25 августи соли 1945 дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) даҳаи санъати вилояти Кӯлоб баргузор гардид. Ба ин даҳаи санъат колективи кормандони театри мусиқӣ-драмавии вилоят шабу рӯз омодагӣ медиданд. Ҳунармандони театр мувофиқи нақшаи тартибдодаашон ба мардуми ш. Сталинобод пиесаҳои «Табиби зӯракӣ», «Сартароши Камгап» ва «Аҳмади Барно»-ро намоиш доданд[2].

Инчунин, дар охири даҳа ансамбли оилавии сарояндаи халқӣ ва шоир Хушвақтов (Давлатшоҳи Помирӣ) ба тамошобинон консерт нишон дод. Дар даҳа 100 нафар ҳунармандон иштирок доштанд[3].

Ҳамчунин, дар ин рӯзҳо аз ҷониби театр барномаи ҷаззоби консертӣ ва намоишномаи «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молэр ба мухлисони пойтахт пешкаш карда шуд. Ба намоиш гузоштани ин асар барои колективи

---

[1]Ҳамин ҷо: С. 343.
[2]К. Театри драмавии вилояти Кӯлоб //Ҳақиқати Кӯлоб. №34(975), 28-уми майи соли 1946. С. 1.
[3]Турсунов. Тайрии мо - ба даҳрӯзаи санъат //Ҳақиқати Кӯлоб. №27(889), 2-юми августи соли 1945.С.2.

театри вилоят як имтиҳони ҷиддӣ буд, ки коллективи театр аз ин имтиҳон бо муваффақият гузаштанд[1].

Аксарияти иштирокчиёни даҳа иштирокчиёни корҳои колхозӣ овозхонҳо бо бузак, раққосон, ҳикоянависон ва дигарон буданд. Дар бораи баргузории даҳаи санъати вилояти Кӯлоб ва муваффақияти санъаткорони вилоят дар тамоми матбуоти даврии Тоҷикистон мақолаҳои сершуморе ба нашр мерасиданд. Масалан, рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» дар сармақолаи худ қайд дар бораи яке аз мувваффақитҳои театри Кӯлоб чунин овардааст: «Яке аз хусусиятҳои хоси театри Кӯлоб дар он аст, ки он ба шарофати кумак ва иштироки шоирони халқӣ, сарояндагон ва устодони санъат рушд кардааст».

Дар омодагӣ ба даҳаи фарҳанги вилоят ба театри Кӯлоб ходимони бомаҳорати санъати Сталинобод: бастакор З.Шаҳидӣ, рассом Е.Г.Чемодуров, устоди балет А.И.Просенко барои кор омада буданд[2].

Бо оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ адабиёт бо пайдо гардидани сабкҳои нави тарғиботӣ як давра бо ҳамон асолату моҳияти ахлоқгароияш ба арсаи муқовимати зеҳниву эҷодӣ нисбат ба неруи тахрибкору таҷовузгар, ки зери султаи фашизми гитлерӣ роҳандозӣ мегардид, табдил ёфт.

Дар ин солҳо шоирони доираи адабии вилояти Кӯлоб дар канор наистода бо тасвири возеҳ, воқеъбинона, беҳтарин хислатҳои ватандӯстиро, ки дар набардҳо бо душман ва дар меҳнати фидокорона дар шароити сахти ҷанг бо илҳом бахшидани мардум ва даъват ба корнамоиҳои нави қаҳрамононаро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонистанд. Дар ин солҳо доираи адабии вилояти Кӯлобро эҷодиёти шоирони маъруф аз қабили Бобоюнус Худойдодзода, Сайдалӣ Вализода,

---

[1]Ҷ.Икромӣ. Намоиши санъати вилояти Кулоб-Табиби зуракӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №41(889), 12-уми октябри соли 1945. С. 1.
[2]Низам Нурджанов.Таджикский народный театр (по материалам Кулябской области). - Москва, 1956. - С.193.

Мирзо Латиф, Сомеъ Одиназода, Давлатшоҳи Помирӣ (Хушвахтов)[1] ва дигарон фаро мегирифт.

Дар рӯзи аввали ҷанг, 22 июни соли 1941, шоир Бобоюнус Худойдодзода шеъри «Ҷавоб ба душман»-ро навишт, ки дар байни сарбозон ба таври васеъ шинохта шудааст. Шоир Бобоюнус Худойдодзода бо шогирдонаш сарояндагони гуруғлӣ Ҳакназар Кабуди Зувайрӣ, Гулон Худойдод, Нуриддин Саидаҳмад, Каримпаҳлавон, Давлатшоҳ Муллоконӣ, Қурбоналӣ Раҷаби Порворӣ, Мирзоалӣ Ҳасанов, Сайфиддин Ятимов, Содиқ Розиқов, Талби Замир дар байни даъватшавандагон дар шаҳри Сталинобод баромад карданд[2].

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоир Бобоюнус Худойдодзода шеъру достонҳо бисёр офарид: «Ҷавоб ба душман», «Достони Муҳаммади Иброҳимов», «Интиқомгирандагони халқ», «Қувваи мо», «Фронт ва ақибгоҳ» ва монанд ба инҳо[3]. Дар ин шеъру достонҳояш шоир ҷанговарони тоҷикро ба далерию мардонагӣ ҳидоят намуда, сарбозони фашистиро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Масалан, дар шеъри «Қувваи мо» чунин гуфта буд[4]:

Ҳама фабрику заводҳои мо як бора шуд пурзӯр,
Садои тупи мо дар осмон шуд ҳамчунон тандур.
Немисҳои саги хунхор, ба гурехтан шуданд маҷбур,
Ту, шайтон Гитлери мурдор, пушаймон мешавӣ охир.

Баъди ғалабаи Иттиҳоди Шӯравӣ аз болои фашизм шоир хушнуд шуда, 20-уми май соли1945 дутор ба даст гирифта, дар деҳаҳои гирду атрофи шаҳри Кӯлоб сурудҳои ғалабаро замзама намуда, мардумро аз ғалабаи халқҳои Шӯравӣ бар Германияи фашистӣ паём медод.

Ҷанг шоир ва Ҳофизи халқии Тоҷикистон Сайдалӣ Ваизодаро низ ором нагузошт, дар ин давраи ҳассос бо мақсади рӯҳбаланд кардани халқ

---

[1]Давлатшоҳи Помирӣ. Ордени «Зафар» ба Сталин //Ҳақиқати Кӯлоб. № 49 (850). 12-уми октябри соли 1944. С.2.
[2]Алимов Д.Боевые и трудовые подвиги хатлонцев в годы Великой Отечественной войны (1941-1945). - Душанбе: Ирфон, 2014. - С.141.
[3]Шарифов Д., Шарифова Г. Ситораҳои пурҷилои Хатлонзамин. - Кӯлоб, 1992.- С.46.
[4]Ҳамин ҷо: С.46.

ба ғалаба шоир ба офаридани шеъру достонҳои ватандӯстӣ шуҳрат пайдо намуда буд. Сайдалӣ Ализода дар шеърҳои «Хабар» (1941), «Падар ва писар» (1942), «Марг ба фашизм» (1942)[1], «Зафар бар мост»(1942)[2], «Ҳама шерон тайёр инҷо»(1942)[3], «Табрик ба Октябр»(1943)[4], «Насиҳат»(1943)[5], «Зафари мо» (1945)[6], «Натвонӣ» (1942), «Мур ту, саг» (1943),[7] ва ғайра, ба фашизми немис нафрати беандоза изҳор карда, бо ифтихори зиёд матонат ва қаҳрамонии одамони шӯравиро васф мекунад.

Дар номаҳои манзуми шоир «Мактуби ёр» (1941), «Мактуб» (1942), «Салом ба аскари Сурх» (1942) ва ғайра на фақат ҳисси интиқоми одамони советӣ, балки дар онҳо алоқаи мустаҳками фронту ақибгоҳ ва ваҳдати маънавию сиёсии халқи шӯравӣ тасвир ёфтааст[8].

Шоир кори худро ба мавқеи сарбоз дар сафҳои ҷангии Артиши Шӯравӣ ташбеҳ додааст. Дар байни асарҳои офаридаи шоир дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ манзумаҳои «Қаҳрамони тоҷик Саидқул Турдиев»[9] ва «Ба Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Сафар Амиршоев»[10] шуҳрати зиёд пайдо карданд.

Яке аз роҳҳои дигари тарғиби корномаҳои ҷангии тоҷикон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкили кори сиёсию тарбиявӣ дар байни ҷавонони вилояти Кӯлоб буд. Масалан, дар 13 ноҳияи вилояти Кӯлоб 17 клуби колхозӣ фаъолият мекарданд, ки дар онҳо корҳои оммавӣ-

---

[1]Влизода С. Марг ба ту фашизм //Ҳақиқати Кӯлоб, №57(651), 1-уми июли соли 1942. С. 2.

[2]Влизода С. Зафар бар мост //Ҳақиқати Кӯлоб, №119(713), 12-уми декабри соли 1942. С. 2.

[3]Ализода С. Ҳама шерон тайёр инҷо //Ҳақиқати Кӯлоб, №43(637), 1-уми майи соли 1942. С. 2.

[4]Влизода С. Табрик ба Октябр //Ҳақиқати Кӯлоб, №74(789), 7-уми ноябри соли 1943. С. 2.

[5]Влизода С. Насиҳат //Ҳақиқати Кӯлоб, №47(762), 4-уми августи соли 1943. С. 2.

[6] Ализода С. Зафари мо //Ҳақиқати Кӯлоб, №20(881), 20-уми майи соли 1945. С. 1.

[7]https://tg.wikipedia.org/wiki/ Саидали_Ализода#Эҷодиёт (санаи муроҷиат: 04.12.2020)

[8]https://tg.wikipedia.org/wiki/ Саидали_Ализода#Эҷодиёт (санаи муроҷиат: 04.12.2020)

[9]Ализода С. Қаҳрамони тоҷик СаидқулТурдиев //Ҳақиқати Кӯлоб, №39(840), 14-уми июни соли 1944. С. 2.

[10]Ормонов И. Саидалӣ Ализода-аз маъруфтарин ҳомиёни шоирони халқии замони Тоҷикистони Шӯравӣ //http://www.kmt.tj/saidali-valizoda-az-maruftarinkho-miyoni-shoironi-halkii-zamoni-tochikistoni-shuravi ( снаи муроҷиат: 04.12.2020)

тарғиботӣ, хондани рӯзнома, лексия, намоиши кино ва ғайра гузаронда мешуд. Инчунин, дар вилоят 13 китобхона мавҷуд буд, ки дар шӯроҳои деҳот ва колхозҳо бо теъдоди 16800 нусха китоб муҷаҳҳаз буданд. Кори китобхонаҳои баъзе ноҳияҳо хуб ба роҳ монда шуда, толорҳои хониш хуб кор мекунанд, мусобиқаҳои шоҳмоту шашка ва ғайра мегузаронанд[1].

Корҳои сиёсию тарбиявӣ дар чойхонаҳо ва гӯшаҳои сурх низ пеш бурда мешуд. Дар вилоят 55 чойхона ва 18 гӯшаи сурх мавҷуд буд, ки шуъбаҳои маорифи халқ корҳои фарҳангию маърифатӣ, мутолиаи рӯзномаҳо, бозиҳо, шатранҷ, шашка ва дигар намуди корҳои фарҳангиву маърифатиро мегузарониданд[2].

Дар чойхонаҳои сурхи Шӯрои деҳоти Пахтаободи колхози ба номи «Болшевик» рӯзномаҳои деворӣ бароварда шуда, хониши баланди рӯзномаҳо гузаронда, кружокхои мудофиаи зиддиҳавоӣ ва химиявӣ ташкил карда мешуд, ки дар ин кор саҳми муаллимон Кенҷаев, Исоқов хелле назаррас аст[3].

Чойхонаи сурхи артели Пишавек (шаҳри Кӯлоб) дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ корҳои равшаннамоӣ- сиёсиро мувофиқи талаби омма ташкил менамуд. Дар ин чойхонаи сурх пионерии ҷавон Ғаффор Мирзоев корҳои тарғиботиро пеш бурда, ӯ ҳама вақт ба оммаи чойнӯшандагон ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ хабарҳои Бюрои Информатсионии Советӣ ва лаҳзаҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро хонда медод. Пионери ҷавон Ғаффор Мирзоев рӯзномаро чунон бо овози бурро ва оммафаҳм мехонд, ки бо ҳамин диққати шунавандагонро ба худ ҷалб менамуд[4].

Дар тарғиби корҳои маданӣ-сиёсӣ дар байни меҳнаткашон нақши китобхона ва китобҳои дар онҳо мавҷуд буда хеле назаррас мебошад. Дар

---

[1]Бойгонии давлати вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб. Ф 7.Р. 1. П.13. В.41
[2]Ҳамин ҷо: В.41.
[3]Ҳамин ҷо: В.41.
[4]Соҳибов Х. Чойхонаи сурх дар хизмати омма //Ҳақиқати Кӯлоб. №5(599), 5-уми январи соли 1942. С. 3.

соли 1944 дар вилояти Кӯлоб 172 адад китобхона мавҷуд буд, ки дар онҳо105300 теъдоди китобҳои гуногун мавҷуд буд[1].

Китобхонаҳои назди колхозҳои ба номи «Тоҷикистони Сурх», «НКВД» ва «Шӯълаи октябр» (ноҳияи Хаволинг), назди колхозҳои ба номи «Ленин» ва «Ворошилов» (ноҳияи Колхозобод) ба беҳтар кардани корҳои равшаннамоӣ–сиёсӣ ёрии калон мерасониданд ва дар он китобхонаҳо рӯзномаҳои деворӣ мунтазам бароварда мешуд ва таҷрибаи пешқадамон ба таври оммавӣ фаҳмонида мешуд.

Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоятро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳқиқ намуда ба чунин хулосаҳо расидем:

- таҳлили натиҷаҳои кормандони соҳаи маорифи вилоят дар солҳои ҷанг нишон дод, ки муаллимони вилоят ба душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар кори таълиму тарбияи насли наврас ба комёбиҳои калон ноил гардиданд;

- омӯзгорони вилоят барои мукаммал намудани методҳои дарсдиҳӣ пайваста монда нашуда кор мекарданд. Дар натиҷа дар мактабҳо дарсазхудкунии хонандагон беҳтар гардида, шумораи хонандагони аълохон афзоиш меёфт;

- фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба куллӣ таҷдид ва ба кори мубориза бо душман мувофиқ карда шуд;

- китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳои ҳарбӣ, нуқтаҳои ташфиқотӣ ва заводу фабрикаҳо баромад намуда, кӯшиш мекарданд, ки муборизаи халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан инъикос намоянд;

- нависандагон, шоирон, рассомон бо меҳнати худ рӯҳияи ҷанговаронаи ҷавонони даъватшавандаи Артиши Сурхро баланд мебардоштанд. Эҷоди адибон, публисистҳо, ходимони театр аз мавзуъҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ иборат буданд;

---

[1]Диққати ҷиддӣ ба корҳои равшаннамои-сиёсӣ //Ҳақиқати Кӯлоб. №56(857), 29-уми декабри соли 1944. С.1.

- адабиёт бо пайдо гардидани сабкҳои нави тарғиботӣ як давра бо ҳамон асолату моҳияти ахлоқгароияш ба арсаи муқовимати зеҳниву эҷодӣ нисбат ба неруи тахрибкору таҷовузгар, ки зери султаи фашизми гитлерӣ роҳандозӣ мегардид, табдил ёфт;

- ин ҷанги беамон ба доираи адабии вилояти Кӯлоб таъсири худро расонида, мавзуъҳои эъҷодии минбаъдаи шоирону адибони ин доираи адабиро ба мавзуъҳои корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ табдил дод. Ба рӯйи кор омадани ин гуна мавзуъҳои қаҳрамонӣ дар таҷассуми ҳаёти давраи ҷангӣ ба як дастгоҳи идеологӣ мубаддал гардид ва ин боиси воридшавии як қатор мувзуоти тоза ба арсаи адабиёт шуд;

- адабиёти давраи ҷангии тоҷик, аз ҷумла доираи адабии вилояти Кӯлоб бо фаро расидани як муборизӑи ҳавлноки хуношом дар канори адлу дод қарор дошт ва ба ин васила ба як минбари баланди маҳкум намудани ҳирсу разолат ва ангезаи фашистӣ табдил ёфта буд. Ҳамин омил боис гардидааст, ки дар баробари тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин давра ба адабиёт мавзуоти тозаи ҷавобгӯ ба ниёзҳои адабии ҳамин давра рӯйи кор омаданд, ки ба як узви муҳими адабиёти тоҷик дар ин давра табдил ёфтанд;

Дар натиҷаи таҳлили боби дуюми диссертатсия метавон ба хулосаҳои зерин омад:

- дар шароити ниҳоят душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳнаткашони вилоят бо як рӯҳбаландии бузурги ватандӯстӣ ба ҷабҳаҳои ҷангӣ доимо аз ҳама ҷиҳат ёрии худро мерасониданд. Онҳо ба воситаи ҷамъоварии либос, ташкили фонди халқии мудофиа, ба фронт фиристонидани туҳфаҳои солинавӣ, обунашавӣ ба лотореяҳои пулию молӣ ва ғайраҳо иқтидори мудофиавии давлатро боз ҳам мустаҳкам ва ғалабаро наздиктар менамуданд;

- колхозчиёни вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шабу рӯз дар саҳро меҳнат намуда, тавонистанд барои артиш ва саноат

намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрокворӣ ва ашёи хоми ҷангиро пешниҳод намоянд;

- корнамоиҳои меҳнаткашони Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Кӯлобро баробар ба корнамоиҳои ҷангӣ дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ донист. Зеро, ин фидокории бесобиқа ва истеҳсолоти колхозӣ имкон дод, ки дар шароити душвори ҷанг сокинони ҷумҳурӣ бо миқдори зарурии хӯрока ва пӯшока таъмин карда шаванд;

- ба мушкилиҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, пахтакорон ва кирмакпарварони вилояти Кӯлоб барои таъмини эҳтиёҷоти фронт бо пахта ва пилла меҳнати фидокорона намуданд. Бинобар ин, ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар солҳои 1941-1945 дар зиёд намудани миқдори истеҳсоли пахта ва пилла, хусусан таъмин кардани корхонаҳои абрешим бо ашёи хоми хушсифат софдилона меҳнат намуданд;

- рушди чорводории вилояти Кӯлоб дар давраи таҳқиқшуда нишон дод, ки дар давоми ҳамаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ чорводорони ин минтақа дар таъмини аҳолӣ ва артиш бо маҳсулоти чорводорӣ саҳмгузор будаанд;

- бо сабаби нарасидани қувваи кории дастӣ дар солҳои аввали ҷанг, боғу токпарварӣ ба пастравӣ дучор гардида, кам шудани ҳосил ва коҳиш ёфтани майдони боғ ба назар расид, аммо дар солҳои охири ҷангӣ боғдорӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб табдил ёфт. Тараққиёти соҳаи боғдорӣ дар солҳои ҷанг боиси он гардид, ки базаи калони саноати консерва ба вуҷуд оварда шуд;

- таҳлили натиҷаҳои кормандони соҳаи маорифи вилоят дар солҳои ҷанг нишон дод, ки муаллимони вилоят ба душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар кори таълиму тарбияи насли наврас ба комёбиҳои калон ноил гардиданд;

- омӯзгорони вилоят барои мукаммал намудани методҳои дарсдиҳӣ пайваста монда нашуда кор мекарданд. Дар натиҷа дар мактабҳо

дарсазхудкунии хонандагон беҳтар гардида, шумораи хонандагони аълохон афзоиш меёфт;

- фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба куллӣ таҷдид ва ба кори мубориза бо душман мувофиқ карда шуд. Китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳои ҳарбӣ, нуқтаҳои ташфиқотӣ ва заводу фабрикаҳо баромад намуда, кӯшиш мекарданд, ки муборизаи халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан инъикос намоянд;

- аҳли зиё, нависандагон, шоирон, рассомон бо меҳнати худ рӯҳияи ҷанговаронаи ҷавонони даъватшавандаи Артиши Сурхро баланд мебардоштанд. Эҷоди адибон, публисистҳо, ходимони театр аз мавзуъҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ иборат буданд. Адабиёт бо пайдо гардидани сабкҳои нави тарғиботӣ як давра бо ҳамон асолату моҳияти ахлоқгароияш ба арсаи муқовимати зеҳниву эҷодӣ нисбат ба нерӯи тахрибкору таҷовузгар, ки зери султаи фашизми гитлерӣ роҳандозӣ мегардид, табдил ёфт. Ҷанг ба доираи адабии вилояти Кӯлоб таъсири худро расонида, мавзуъҳои эъҷодии минбаъдаи шоирону адибони ин доираи адабиро ба мавзуъҳои корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ табдил дод. Ба рӯйи кор омадани ин гуна мавзуъҳои қаҳрамонӣ дар таҷассуми ҳаёти давраи ҷангӣ ба як дастгоҳи идеологӣ мубаддал гардид ва ин боиси воридшавии як қатор мувзуоти тоза ба арсаи адабиёт шуд;

- адабиёти давраи ҷангии тоҷик, аз ҷумла доираи адабии вилояти Кӯлоб бо фаро расидани як муборизаи ҳавлноки хуношом дар канори адлу дод қарор дошт ва ба ин васила ба як минбари баланди маҳкум намудани ҳирсу разолат ва ангезаи фашистӣ табдил ёфта буд. Ҳамин омил боис гардидааст, ки дар баробари тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин давра ба адабиёт мавзуоти тозаи ҷавобгӯ ба ниёзҳои адабии ҳамин давра рӯйи кор омаданд, ки ба як узви муҳими адабиёти тоҷик дар ин давра табдил ёфтанд;

# ХУЛОСА

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи ҷамъбасти таҳқиқоти мазкур муайян гардид, ки меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар кори ба даст овардани ғалаба бар Германия ва иттифоқчиёни он баробари тамоми сокинони мамлакати Шӯравӣ саҳми сазовор гузоштанд. Дар ҷабҳаҳои ҷангӣ садҳо ҳазор нафар мардони сини ҷангӣ барои ғалаба бар фашизм мубориза бурданд ва онҳое, ки дар ақибгоҳ монданд, дар роҳи ба даст овардани ғалаба қаҳрамонона меҳнат карданд. Ҷанг хеле зуд боиси ба вуҷуд омадани шароитҳои вазнини меҳнату зиндагӣ барои аҳолии ноҳияҳои ақибгоҳ гардид, ки ин дар навбати худ ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири калон расонид. Бо пурзӯр намудани қонунгузории меҳнат мақомоти ҳизбиву давлатӣ имконият пайдо карданд, ки усулҳои сафарбаркуниро васеъ истифода баранд, ки ин имкон дод аз ҳисоби мутамаркази зиёди захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ мушкилиҳое, ки дар равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ба миён меоянд, бомуваффақият ҳал карда шаванд. Дар якҷоягӣ бо системаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати сермаҳсул барои зудтар ба ҳолати ҷангӣ гузарондани хоҷагии қишлоқ шароит муҳайё карданд. Дар давоми тамоми давраи ҷанг соҳаи хоҷагии қишлоқи вилоят аз уҳдаи иҷрои супоришҳои нақшаи давлатӣ бомуваффақият мебаромад.

Ҳарчанд Тоҷикистон аз хаттӣ фронт ҳазорҳо километр дур буд, бозсозии хоҷагии халқ, зарурияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, васеъ намудани майдонҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва аз худ кардани техникаи нав ба миён омад. Оғози ҷанг ба кормандони соҳаи кишоварзӣ, минҷумла, ба коркунони ПМТ-и ҷумҳурӣ бениҳоят душвориҳои зиёд овард [9-М, 10-М].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷумҳурӣ ворид кардани қисмҳои эҳтиётӣ барои тракторҳо ва мошинҳои хоҷагии қишлоқ коҳиш ёфт. Таҳлили муқоисавии фаъолияти чанде аз кормандони ПМТ-и вилояти Кӯлоб нишон медиҳад, ки кор ва натиҷагирӣ дар ин корхонаҳо ба

имконияти кадрӣ ва базаи моддӣ-техникӣ вобаста буд. Аммо, бо вуҷуди мушкилиҳои мавҷуда, ПМТ-и вилоят дар иҷрои нақшаҳои корҳои техникӣ саҳми назаррас мегузоштанд. Аз 8 ПМТ дар вилоят мавҷуд буда, ба 211 колхози вилоят ёрии техникӣ мерасониданд [11-М].

Таҳлили маводи бойгонӣ ва дигар намуд маъхазҳо нишон доданд, ки аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд, аз рафтани мардони қобили меҳнат ба фронт ва сафарбаркунии меҳнаткашон, деҳқонони колхозҳо ба душвориҳо дучор омаданд. Ҷанг беш аз пеш қувваи кориро талаб мекард. Зеро бисёре аз кормандони соҳаи кишоварзӣ ба сафи артиш даъват карда шуданд, ки шараф ва истиқлолияти Ватанро ҳифз кунанд. Ҷойи онҳоро лозим буд, ки кадрҳои нав, асосан, аз ҳисоби аҳолии ба сафи Артиши Сурх даъватнашуда иваз мекарданд.

Оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муассисаҳои таълимии кишоварзӣ зарари зиёди моддӣ ва маънавӣ овард. Аммо, соли 1942 вилояти Кӯлоб ба муваффақият дар масъалаи омоданамоӣ ва омӯзонидани кадрҳои хоҷагии қишлоқ ноил гардид. Дар ин сол вилоят 1929 нафар мутахассис омода намуд[8-М].

Ҳамин тариқ, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб қисми зиёди кадрҳои хоҷагии қишлоқ аз мардону ҷавонони ботаҷриба ва маълумотдор ба фронт сафарбар карда шуданд. Ба ҷойи мардони ба фронт рафта, аз ҳисоби занон мутахассисон омода карда мешуданд. Ҳиссаи занҳо аз рӯйи шумораи умумии коргарон ва хизматчиён дар ҳоҷагии халқи Тоҷикистон дар соли 1941 55%, соли 1942 53,4%, соли 1944 57,4% ва соли 1945 55,3%-ро ташкил медод.

Аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ деҳқонони колхозӣ тамоми қувват ва неруи худро барои мағлуб кардани душман равона карда буданд. Ватандӯстии деҳқонони колхозӣ дар корнамоии меҳнатии онҳо, дареғ надоштани қувва ва воситаҳои худ барои ҷанг ва ёрии амалии онҳо ба ҷанг зоҳир мегардад. Даҳҳо ҳазор колхозчиёни ҷумҳурӣ, ки дар

муҳорибаҳо барои ҳифзи Ватан намунаи далерӣ ва мардонагии худро нишон доданд, бо орденҳо ва медалҳои ИҶШС мукофотонида шуданд. Дар ақибгоҳ бошад, деҳқонон ва меҳнаткашони собиқ ҷумҳуриҳои аъзои ИҶШС кӯшиш мекарданд, ки ҳарчи бештар ба фронт ва давлат ба қадри имкон маблағ, либоси гарм, туҳфаҳо барои аскарону афсарон, гандум, гӯшт ва дигар маҳсулотҳо равон намоянд [3-М, 5-М, 13-М].

Масалан, моҳи феврали соли 1942 ба фронти ғарбӣ қариб 50 тонна меваи хушк, 17 ҳазор қуттии консерва ва мураббоҳои гуногун фиристонида шуд. Худи ҳамин сол меҳнаткашони Тоҷикистон 151 вагон туҳфа ба аскарони дар фронт буда фиристониданд.

Меҳнаткашони вилояти Кӯлоб низ ёрӣ расонидан ба фронтро идома дода, то 1-уми январи соли 1942 тамоми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб 1161 адад куфайка, 255 адад нимпӯстин, ҷома ва палто, 1051 шими пахтагӣ (пахтанок), 249 ҷуфт мӯзаи намадин, 1112 адад ҷӯроби пахтагӣ, 857 адад телпак, 576 адад шими мӯина ва дигар намуди шимҳо, 3959 адад куртаву поҷома, 6093 адад пӯстҳои пустинбоб, 3028 килограмм пашм ва дигар намуди либосҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба фронт фиристониданд [ 5-М, 13-М].

Таҳлили маъхазҳо аз он далолат медиҳад, ки сокинони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шабу рӯз меҳнат намуда, аз ақибгоҳ барои ҳимояи Ватан ва мағлуб кардани фашизм ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд ва то анҷоми ҷанг ба фронт тамоми лавозимоти зарурӣро барои ғалаба, ба Артиши Сурх мефиристониданд. Ғалаба ва ватандӯстӣ сабаби баланд шудани қувваи меҳнатии тамоми мардуми ИҶШС гардид, ки ин боис шуд ба душвориҳои харобиовари пас аз ҷанг низ далерона тоб оваранд.

Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии колхозҳои вилояти Кӯлоб дар солҳои 1941-1945 як ҷузъи муҳими иқтисодиёти замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, ки артиш ва ақибгоҳро бо маводи хурока ва ашё таъмин мекард. Дар ин давраи ҳасос барои ватан меҳнаткашони Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Кӯлоб

медонистанд, ки барои ғалабаи комил дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳнати қаҳрамононаи онҳо лозим аст. Бинобар ин, онҳо кӯшиш менамуданд, ки ҳарчи хубтар кор карда, бештар маҳсулот истеҳсол кунанд.

Дар иҷрои ҳамаи ин корҳо саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб маълум буд. Чунки аз рӯзҳои аввали шунидани хабари ҷанг, онҳо бо ғайрати дучанд меҳнат карда, ба маротиб ҳаҷми истеҳсолотро зиёд менамуданд. Дар солҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб 739 колхоз мавҷуд буд. Ин колхозҳо фаъолияти худро тибқи вазъи ҳарбӣ ба роҳ монда, ба кори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани талаботи ҷанговарон тамоми қувваашонро равона карда буданд. Колхозҳои вилоят, ки асоси истеҳсолоташонро зироаткорӣ, пахтакорӣ, кирмакпарварӣ, чорводорӣ ва боғу токпарварӣ ташкил медод, дар кори таъмини ҷабҳаи ҷангӣ ва ақибгоҳ аз маводи ғизо, ғаллаву гӯшт, маҳсулоти шир ва равған бо ҷидду ҷаҳди том меҳнат мекарданд.

Меҳнаткашони вилояти Кӯлоб, ташкилотҳои ҳизбӣ, колхозҳо дар ин давра барои иҷрои нақшаи ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ чораҳои заруриро андешида, дар вилоят сол то сол майдони кишти зироатҳо меафзуд. Ба таври мисол, соли 1942 хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб нақшаи кишти пахта 100%, ғалла 116,2%, кунҷит 111,9%, зағер 108,9% ва картошкаро 122% иҷро кардааст[8-М].

Яке аз бахшҳои муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзии соҳои ҷанг дар вилояти Кӯлоб соҳаи пахтакорӣ будааст. Меҳнати фидокорона ва истифодаи методҳои агротехникӣ ба колхозчиён имкон дод, ки соли 1941 нақшаи пахтасупорӣ 100% иҷро карда шавад. Ҷанг танҳо соли 1942 таъсири манфии худро ба пахтакорони ҷумҳурӣ расонида буд. Аммо, новобаста аз монеаҳои давраи ҷанг пахтакорони вилояти Кӯлоб масоҳати кишти пахтаро васеъ мекарданд[8-М].

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз соҳаҳои стратегӣ кирмакпарварӣ буд. Дар баробари муваффақиятҳои соҳаи пиллапарварӣ дар вилоят баъзе аз ноҳияҳо дар иҷрои нақшаи давлатии пиллатайёркунӣ ақиб мемонданд. Сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи

пиллатайёркунӣ дар вилоят дар он буд, ки базаи хуроки тухмии кирмак аз суръати тараққиёти пиллапарварӣ қафо монда буд. Инчунин шумораи бисёри одамоне, ки дар давраи ҷанг ба ин соҳа нав ба кор омада, дониш ва таҷрибаи корӣ оид ба ин соҳа надоштанд. Ҳамзамон, агротехникаи нигоҳубини тухми кирмак сол то сол бад мешуд.

Соҳаи дигари муҳими хоҷагии деҳот ин чорводоронӣ буд, ки дар вилояти Кӯлоб низ дар ин айём вобаста ба талаботҳои ҷанг ба низом даровaрда шуд. Колхозҳои вилояти Кӯлоб дар солҳои ҷанг аз рӯи намудҳои чорводорӣ, хукпарварӣ, бузу гусфандпарварӣ, аспparварӣ ва паррандапарварӣ ташкил медод [9-М].

Масъалаи дигар ин буд, ки дар шароити ҷанг бо консерваҳои меваю сабзавот таъмин намудани Артиши Сурх аҳамияти махсус пайдо кард. Бинобар ин солҳои ҷанг дар вилояти Кӯлоб боғу токзорҳои мевадиҳандаи нав ташкил карда шуда, то соли 1944 ҳолати инкишофи соҳаи боғу токпарварӣ ру ба беҳбудӣ овард.

Ҳамин тавр, дар солҳои 1941-1945 меҳнаткашони вилоят қаҳрамонии бесобиқаро анҷом доданд. Дар шароити фавқулоддаи меҳнатӣ ҶШС Тоҷикистон дар назди мардум вазифаҳои худро иҷро мекарданд ва тавонистанд артиш ва саноатро бо намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрокворӣ ва ашёи хоми ҷангӣ таъмин кунанд.

Бо вуҷуди душвориҳое, ки мамлакати шӯравӣ дар солҳои ҷанг дучор омад, маорифи халқ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумат буд. То ин вақт дар вилояти Кӯлоб яке аз муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумати Шӯравӣ, яъне барҳам додани маҳви бесаводӣ дар байни аҳолӣ бартараф карда шуд. Ёдовар шудан лозим аст, ки омӯзгорони вилоят барои мукаммал намудани методҳои дарсдиҳӣ пайваста монда нашуда кор мекарданд. Дар натиҷа дар мактабҳо дарсазхудкунии хонандагон беҳтар гардида, шумораи хонандагони аълохон афзоиш меёфт [2-М].

Таҳлили натиҷаҳои кормандони соҳаи маорифи вилоят дар солҳои ҷанг нишон дод, ки муаллимони вилоят ба душвориҳои иҷтимоию

иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар кори таълиму тарбияи насли наврас ба комёбиҳои калон ноил гардиданд.

Бахши дигари ҳаёти меҳнаткашони вилоятро фарҳанг ташкил медод. Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба куллӣ таҷдид ва ба кори мубориза бо душман мувофиқ карда шуд. Китобхонаҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои клубӣ, қасрҳои фарҳанг фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳои ҳарбӣ, нуқтаҳои ташфиқотӣ ва заводу фабрикаҳо баромад намуда, кӯшиш мекарданд, ки муборизаи халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан инъикос намоянд. Нависандагон, шоирон, рассомон бо меҳнати худ рӯҳияи ҷанговаронаи ҷавонони даъватшавандаи Артиши Сурхро баланд мебардоштанд. Эҷоди адибон, публисистҳо, ходимони театр аз мавзуъҳои ҳарбӣ - ватандӯстӣ иборат буданд.

Бо оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ адабиёт бо пайдо гардидани сабкҳои нави тарғиботӣ як давра бо ҳамон асолату моҳияти ахлоқгароияш ба арсаи муқовимати зеҳниву эҷодӣ нисбат ба нерӯи тахрибкору таҷовузгар, ки зери султаи фашизми гитлерӣ роҳандозӣ мегардид, табдил ёфт. Ин ҷанги беамон ба доираи адабии вилояти Кӯлоб таъсири худро расонида, мавзуъҳои эъҷодии минбаъдаи шоирону адибони ин доираи адабиро ба мавзуъҳои корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ табдил дод. Ба рӯйи кор омадани ин гуна мавзуъҳои қаҳрамонӣ дар таҷассуми ҳаёти давраи ҷангӣ ба як дастгоҳи идеологӣ мубаддал гардид ва ин боиси воридшавии як қатор мувзуоти тоза ба арсаи адабиёт шуд. Албатта, масъалаи омӯзиши нақши адабиёт ва шеър дар ин солҳо гарчанде зиёд матраҳ гардиданд, вале бояд қайд намуд, ки омӯзиши доираи адабии вилояти Кӯлоб ба таври пурра мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

